САФО ҲАЛИМӢ

# МАРО МЕШУНАВЕД, ХОНУМҲО?

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2004

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-4
Ҳ-28

*Сафо Ҳалимӣ*
Ҳ-28 **Маро мешунавед, хонумҳо?** (насри ҳаҷвӣ). — Душанбе, «Адиб», 2004, 144 саҳ.

Ҳар як сухани танзомез, ки ҳадафи он шахси алоҳида ё гурӯҳи иҷтимоӣ ва ё умуман ин ё он падидаи зиндагии мардум бошад, ба мисли бемориест, ки ниёз ба муолиҷа дорад.

Ин маҷмӯа монанди оинаест, ки баъди мутолиаи ҳар як саҳифаи он мо айбу нуқсонҳои зиндагии рӯзмарраи худро мебинему ба ҳоли худ механдем.

Беҳуда муаллиф ба маҷмӯаи худ «Маро мешунавед, хонумҳо?» ном надодааст.

Воқеан, зан дар рӯзгор ва ҷомеа ҳамон оинаи инъикоскунандаи бурду бохти мо ва низ оинадор аст.

**Х $\frac{4702540202\text{-}68}{\text{М } 503}$ - 2004**

© **Сафо Ҳалимӣ, 2004 с.**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Зан агар оташ намешуд,*
*хом мемондем мо.*
***М. Турсунзода***

## ПЕШГУФТОР

Бо танзу зарофат чизе навиштан, рафтор, кирдор, хӯву хислати ношоями атрофиёнро тарзе бо киноя, истиора ё суханҳои коғазпеч ба қалам додан, ки ҳангоми мутолаа лаби хонанда аз ришханд кацу килеб шавад, ҳунари дигар аст. Дар майдони эҷод танҳо касе ба ин роҳ қадам мениҳад, ки табъу завқи хоса дорад ва табиатан бе ҳазлу шӯхӣ ба қавле, рӯзи равшан дар назараш тор менамояд. Аз адибоне, ки аз кони табъи латиф ва сухани хушнамаки Убайди Зоконӣ то Сайидои Насафӣ чошние гирифта, ҳам дар офаридани асарҳои пурзарофат ва ҳам дар оростани маҳфилу сӯҳбатҳо шамъи ҳаҷву истеҳзоро фурӯзон медоштанд, С.Ализода, М.Аминзода, Б.Раҳимзода, Ҳ.Содиқ, А.Шукӯҳӣ, Ф.Муҳаммадиев, А.Сафар, Б.Ғанӣ, А.Маҳмадшоевро метавон номбар кард. Асарҳои пурмурчу қаламфури ин адибон ва пайравону ҳамқаламони эшон бештар ҳуснбахши маҷаллаи «Хорпуштак» буданд. Ба ин сабаб онҳоро «хорпуштакзодаҳо» мегномиданд.

Имрӯз ин бо заҳмат ва «суханчини»-ю варақҳоро сиёҳ кардани Н.Шоҳинбод, М.Файзалӣ, Ҳ.Назаралиев, М.Пӯлод, Д.Эгамзод, Г.Сафар ва дигарон мулки ҳаҷв обод ва деги танзу мутоиба дар ҷӯш аст. Ва Сафо Ҳалимӣ, ки то ба наздикӣ танҳо ба навиштаҳояш ошно будам, аз хизматгорони беминнати бобои Мушфиқӣ мебошад. Эшон дасту остин барзада, миёнро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз ҳафт ҷо маҳкам баста, бо килку қаламҳои ранга ҳикоя ва латифаҳои саршори ҳаҷв менависад; қаҳрамонҳояшро ҷое аз шарм сурх, ҷое аз тарс рангпарида, дар мавриде аз хашму алам сиёҳу кабуд мекунад. Сафо Ҳалимӣ бо ҷорӯби зарофат хоки пойи ашхоси аблаҳ, холабеғам, найрангбоз, маккор, авомфиреб, дурӯя ва пуркибрро аз роҳи зиндагӣ рӯфтан мехоҳад ё бо неши сухан ба қавле, пинакашонро вайрон карда, чашмашонро мош барин мекушояд. Агар ба ин гапи банда бовар накунед, китоби нави Сафо Ҳалимӣ «Маро мешунавед, хонумҳо?»-ро бихонед. Итминон дорам, зимни мутолиа борҳо қоҳ-қоҳ зада механдеду мегӯед: ана, ин гапи дигар!

***Абдулҳамид САМАД***



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ҲАҶВИЯҲО

## ГӮШВОРИ ТИЛЛО

Ҳурбибӣ ин бегоҳ шавҳараш Султоналиро бо қавоқи овезон пешвоз гирифт.

— Ҳа, себатро хом кандам, ки ин қадар бад-бад нигоҳ мекунӣ? – пурсид шавҳар аз ваҷоҳати зан ба ҳайрат афтода.

Ӯ саволи шавҳарашро гӯё нашунида бошад, қоматашро рост гирифт ва сари дилашро дамонда, якбора маддаи дилашро кафонд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «То шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад». Вай оҳи пурдард кашид.

— Афсӯс, ки аз серкорӣ ба сархорӣ ҳам дастам намерасад. Хуни ҷигар хӯрда, мисли шутури пир бори тарбияи фарзандонро мекашам. Набошад, аз пуштатон поида, мекапидаму мӯйи саратонро як тор – як тор мекандам. Охир, пулам нест, моҳона надодаанд мегӯеду гӯшвораю ангуштарини тиллоро бо чӣ харидед? Ё барои бӯса ҳам тӯҳфа медиҳанд?

Овози зан торафт баландтар мешуд. Гӯед, росташро гӯед, гӯшвори тилло барои кадом ойимча?

Султоналӣ ҳам паст наомад.

— Аҳа, аллакай ягон акка хабар дод? Ҳе, думаш резад, ҳамун аккая!

Зан бештар оташ гирифт.

— Акка хабар дод ё калзоғи пир, коратон набошад! Фақат росташро гӯед, нисфирӯзӣ аз дӯкони ҷавоҳирот гӯшвораи тилло харидед ё не?

— Харидем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Чӣ хел харидем, харидам гӯед! – Ба сӯҳбати ойим дукасаву секаса намераванд, ки барои як гӯшвор дукаса ба магазин дароед… «Харидем» будааст. Ҳа, росташа гӯед. Ё маро гӯлу гаранг меҳисобед?

Султоналӣ қоҳ-қоҳ зада хандид.

— Пагоҳ Офтобхон 40-сола мешавад. Мо, ҳамкорон, ба дусад доллар барояш гӯшвор харидем.

— Моҳтобаш буд, акнун Офтобаш ҳам баромад… Инаш кӣ?

— Духтари сардорамон.

— Аз сардоратон чӣ фоида, ки аз духтараш бошад?

— Вай сармуҳосиби корхона аст. Сардори асосӣ ҳамин духтар. Ана, барои чӣ раиси кумитаи иттифоқи касаба пул дод.

— Шумо ҳам додед?

— Не, пул куҷо… ҳанӯз моҳона надодаанд.

— Набошад, соати тиллоро бо чӣ харидед?

— Бо пули идора,.. барои писари сардор.

— Ӯ ҳам дар корхонаи шумо кор мекунад?

— Ҳа-дия, вай сармуҳандис аст.

Ҳурбибӣ лаб газид. Чашмонашро нимкоф карда, ба рӯйи шавҳараш назар партофт. Афташ гӯё хунук буд, хунуктар менамуд.

— Ангуштарии мардонаро барои кӣ харидед? Барои сардор?

— Не, барои домодаш. Вай мудири анбори маҳсулоти тайёр.

— Зани сардор ҳам калони шумо?

— Ҳа, Сунбулахон сармушовири сардор, балки сармураббӣ, набераҳоро ҳамин ҷо таълим медиҳад. Ҷойи сартехнолог холӣ,.. чаққонтараш ба ҳамин вазифа мегузарад.

Ба оташи зан гӯё об рехта бошанд, аввал дамаш ба дарун афтод, сонӣ якбора шӯрид.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— О, шумо ҳам каллае доред, ки ақаллан сарпосбони дари ақиб шавед?! Он вақт дар зодрӯзи шумо ҳам бароятон тӯҳфа мехариданд.

— Не, каллаи ман барои такмили дастгоҳҳо об шудагӣ. Барои сохтани чархофалак, ки бояд ба набераи дӯстрӯяки онҳо Афросиёби хурдакак тӯҳфа мекардем, мағзи каллая батамом рехтам.

— Ҳа, бекалла, ки ҳастед, асло сардор намешавед. Сардор, ки нашудед, аз паси тӯҳфа дӯкон ба дӯкон мегардед.

Султоналӣ ин дафъа бошавқтар хандид. Овозаш хонаро пур кард.

— Хайр, Ҳурбибӣ, гӯй, ки магазинравиҳои маро ба ту кадом акка хабар дод?

— Акка не, дугонаам Моҳрӯ.

— Вай кӣ?

— Сардори молшиносони мағозаи ҷавоҳирот.

— Бин-а, ҳама сар доранду фақат ман не. Биё... як бӯса ҳадя кун. Ақаллан дар хона сардор бошам...

Ҳурбибӣ аз лутфи шавҳар завқ кард, аз қавоқи овезон нишоне ҳам намонд.

## АЙБАШ ДАР ГАРДАНАШ

Муовини раиси ноҳияи «Меҳнатобод» Ҷовид Юсуфӣ мудири шӯъбаи мактубҳо, шахси кордону ботаҷриба ва мушовири раис Одил Орифиро даъват карда пурсид:

— Аз навигарӣ хабар доред?

— Не, чӣ хел навигарӣ? – бо ҳайрат ба суол суол кард ӯ.

— О, шумо чӣ хел корманди ҳукумат, ки телевизор намебинед?

— Дар деҳаамон як моҳ боз барқ нест. Мардум аз рӯшноӣ маҳрум. На телевизор тамошо мекунанду на радио мешунаванд. Дар торикӣ чашмашон ба хати газета намегузарад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Намегӯям, ки хӯрок намехӯранд. Мехӯранд, фақат мушта ба торикӣ мезананд. Наход нашунида бошед?

Муовин Ҷовид Юсуфӣ, ки ин масъала бевосита ба ӯ дахл дошт, чун оҳак сафед шуда, лабонашро лесида монд. Замин зери пояш гӯё давр мегашт. Ӯ худро базӯр ба даст гирифт.

— Медонам, Одил Орифӣ, хабар дорам, - гуфт ӯ бехабариашро пинҳон карданӣ шуда, - ба сармуҳандиси идораи барқ супориш ҳам дода будам. Наход то ҳоло мардум бе барқ бошанд?

— Ҳа, шабу рӯз дар деҳа баробар. Танҳо хурӯс чеғ мезанаду гов маос. Телевизор ҷим.

— Хайр, ҳозир сахтакак карда мефаҳмонам. Дераш пагоҳ барқ мешавад.

Вай сари лучашро молида монд.

— Мебахшед, мо аз масъалаи асосӣ дур рафтем. Навигарӣ ҳамин ки раисро аз кор гирифтанд.

Одил Орифӣ аз ин хабар моту мабҳут, тахта барин шах шуда, саросема пурсид:

— Кадом раисро?

— Раиси худамон Зоҳиди Абдуллоро.

— Барои чӣ? – ҳайрати Одил Орифӣ афзуд. – Ягон сабаб доштагист?

— Шарҳ надоданд. Фақат гуфтанд, ки раиси ноҳияи «Меҳнатобод» Зоҳиди Абдулло аз вазифааш сабукдӯш карда шавад.

— Боз барои рустӣ ба авлодаш тақсим кардани заминҳои ҳосилхези колхоз набошад?

— Ин хел бошад, раисони колхозҳо ҳам бояд ҷазо гиранд. Заминҳоро бо қарори маҷлиси колхоз медиҳанд-ку.

— «Дар ноомади кор атола дандон шиканад», гуфтаанд. Ба наздикӣ сармуҳаррири рӯзномаи «Озодӣ» Саид Ниёзӣ мақолаи танқидӣ навишта буд. Ба гуфти ӯ таълиму тарбияи насли наврас дар мактабҳои деҳоти ноҳия суст аст. Нарасидани муаллимон, китобҳои дарсию асбобҳои аёнӣ, дар



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

фасли зимистон гарм накардани синфхонаҳо, таъмирталаб будани бинои мактаб, мактабро тарк кардани хонандагон ҳам аз назараш пинҳон намондааст. Шояд мақола дастак шуду барои ҳамин раисро аз кор гирифтанд?

— Не, ин хел камбудиҳо қариб дар ҳамаи мактабҳо ҳастанд.. Кобед, лак-лак норасоӣ меёбед.

— Ҳа, пирӣ-дия, қариб ки аз ёдам барояд. Имсол ноҳия плани фурӯши пахтаву мева, гӯшту шир, тухму пашмро иҷро накард. Ё барои ҳамин бошад?

— Не! Охир танҳо мо қафомонда нестем-ку. Чандин ноҳия нишондодҳои истеҳсолиро иҷро накардааст, - муовин оҳ мекашад. – Хайр, мардум софдилона меҳнат накунанд, айби Зоҳиди Абдулло-мӣ?

Одил Орифӣ дар баҳри хиёл ғарқ шуд. Ӯро сулфа гирифт. Оби чашмонашро пок карда, нимғурма садо баровард.

Ёфтам!

— Чиро ёфтед?

— Шояд занаш аз болои ӯ рост ба калони калон шикоят навишта бошад?

— Шикоят?

— Ҳа, зани аз ҳама калони раис қаламдор аст. Ӯ дар замони карахтӣ ҳам ҳушёр буд. «Шавҳарам занбоз» гуфта, ба комитети ҳизбии ноҳия ариза навишт. Он вақт Зоҳиди Абдулло раиси колхоз буд. Ӯро дар бюро сахт муҳокима карданд. Агар колхоз пешқадам намебуд, дафтарчаи сурхакашро кашида мегирифтанду аз кор ҳам шармандавор пеш мекарданд. Аҷаб не, занаш боз ариза навишта бошад?

Тахмини Одил Орифӣ, гӯё фол дида бошад, рост баромад. Худи ҳамон рӯз ба ноҳияи «Меҳнатобод» раиси вилояту ду-се нафари дигар омаданд. Дар маҷлис, ки ҳамаи кормандони ҳукумати ноҳия ширкат доштанд, аризаи зани Зоҳиди Абдуллоро хонданд. Дар он овардааст:

— То кай Зоҳиди Абдулло барин одамони бевиҷдон, қонуншикан, ришвахӯр, занбоз, ҳавобаланд, фиребгар, ваъ-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дабоз сарвар шуда кор мекунанд? Кӣ ба ӯ иҷозат дод, ки ҳуқуқи муқаддаси занонро поймол кунад? Зоҳиди Абдулло, маро ба ҳисоб нагирем, боз панҷ зани никоҳӣ дорад. Онҳоро аз кадом ҳисоб мехӯронаду мепӯшонад? Бо кадом пул барои онҳо хонаҳои дакаданг месозаду мошинҳои ялаққосӣ харида медиҳад? Барои чӣ қонундонҳо дидаву диниста ӯро ба ҷавобгарӣ намекашанд?

Ранг аз рӯйи Зоҳиди Абдулло парид ва ба сурати беҷон табдил ёфт. Ӯ бо сари хам аз маҷлисгоҳ берун шуд. Ба хонаи кадом занаш рафт, касе намедонад. Шояд ба хонаи зани байни карахтҳо ҳушёраш бошад?

## ДУРӮҒИ НИШОНРАС

Рӯзе нест, ки ҳамсарам байту ғазали якнавохти худро нахонад. Сабаби кушода шудани ҷоғи бонуи хонаам ҳамсоямон Давлатхӯҷа аст.

Имрӯз ҳам аз субҳи солеҳон ҳамсарам гӯшҳои маро нишони тири гапу гапчаҳои худ кард.

— Баъзе касон чи корҳое мекунанд… Шумо бошед, «ман ҳалолкор, поквиҷдон» гуфта иҷрои кори осонро ҳам солҳо кашол медиҳед. Нағз донед, ки дар ин дунё бо поквиҷдонӣ кор пеш намеравад. Чи қадаре, ки тавонед, фиребу найрангро ёд гиред. Набошад, зиндагиамон беҳ намешавад, балки аз гуруснагӣ мемирем. Ҳа, хафа нашавед, мардак, рости гапро гӯям, шумо ноӯҳдабаро.

— Ба каллаат боз чӣ фикри тоза омад, ки якбора шақшақа барин ба хониш даромадӣ? – шнонда, пастакак пурсидам.

— Гапу кордонии Давлатхӯҷаро дида, одам ҳайрон мешавад, - ба таърифи ҳамсоя оғоз намуд ӯ.

— Чӣ хел кордонӣ?

— Худро ба нодонӣ назанед! Давлатхӯҷа ёру ошноҳои зиёд дораду ҳар мушкилие, ки ба сараш ояд, зуд ҳал мекунад. Шумо бошед, ғайр аз худатон барин лакашамхӯҷаҳо дигар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

касе надоред. Ягон корчаллон ба шумо ошно не. Ана барои ҳамин якатон ду намешавад.

— Хайр, Давлатхӯҷаат кӯҳи Муғулро талқон кард ё оби дарёи Сирро мураббо? Охир, ин қадар таъриф мекунӣ?

— Наход фаромӯш карда бошед? Боз мегӯям, шумо ноӯҳдабаро,.. - аз суоли ман гӯё илҳоми тоза гирифт ҳамсарам. – Соли гузашта ба панҷ нафар меҳмононе, ки ба тӯямон омада буданд, на шумо, на ҳамкоронатон билет ёфта натавонистед. Давлатхӯҷа дар ним соат билет овард ва меҳмононро ба самолёт савор карда монд.

— Хайр, боз чӣ?

— Писари холаатон Баракатулло қариб даҳ сол боз навбатпоӣ карда, ҳаҷ рафта натавонист. Давлатхӯҷа бо як имои бурут масъаларо ҳал кард. Дар идораи дин ба номаш зуд ҳуҷҷат навиштанд.

— Ҳамааш ҳамин?

— Забонамро нахоронед! - оташин шуда гуфт завҷаам. – Як олам мисол оварданам мумкин. Давлатхӯҷа бо шиносонаш гуфтугӯ карда, духтари раиси маҳалла Мискинойро ба мактаби олӣ даровварда, ба тӯйи Ҳасанҷон фақат аз Ӯзбекистону Туркманистон не, аз Эрон ҳам артист овард… Дур рафтан чӣ даркор? Мо аз кассаи амонатгузорӣ пуламонро гирифта наметавонему ӯ бошад, ҳатто пули дигаронро гирифта дод. Мо дар ним сол як бор нафақа мегирему падару модари ӯ ҳар моҳ. Ҳа, Давлатхӯҷа ба гуфти Маша-хола «пробивной мужик». Ё хато кардам?

— Ҳамаи гапҳоят дурустанд, азизам, - ба нишони таслим ду дастамро боло бардошта гуфтам. – Ман дар ҳақиқат ношуд, корчаллон не. Модарам ҳамин хел таваллуд кардааст. Гӯй, чӣ кор кунам?

— Чӣ кор кунам? – будааст. Давлатхӯҷа барин устокор шавед-дия!

— Хуб шудааст, ҷонакам. Вале ту кори аз ҳама асосии Давлатхӯҷаро намедонистаӣ…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Чӣ кор?

— Вай ба болои занаш пинҳонӣ ду зани дигар гирифтааст. Медонӣ аз куҷо? Яке аз Тошканду дигарӣ аз Маскав.

Вай дам назад. Фақат даст ба гиребонаш бурд.

## БА МАН БОВАР КУНЕД!

Мухтор-ако ҳамсояаш Обидҷонро, ки дар тараддуди арӯсбиёрӣ мурғи посӯхта барин ба чор тараф мезад, ҷеғ зада, маслиҳатомез пурсид:

— Хӯш, ба ягон хулоса омадед? Ба миёнаравӣ чанд кас меравokанд?

— Чор кас.

— Киҳо?

— Шумо, Муллоаҳмад…

— Муллоаҳмад?! Намешавад, қадамаш муборак не. Ба ҳар ҷое равад, гулистон хористон мешавад. Агар ӯро ба миёнаравӣ фиристед, сад дар сад бовар кунед, ки оқибати коратон хуб намешавад. Дар ёд дошта бошед, вай чаҳор сол пеш аз ин миёнарави келини усто Асади ҳалвочӣ буд. Баъди тӯй, ба ман бовар кунед, як ҳафта нагузашта, байни арӯсу домод хунукӣ афтоду аз якдигар ҷудо шуданд. Бечора усто Асад зарари калон дид. Ҳоло ҳам афсӯс мехӯраду ҳеҷ не, ки ба худ ояд…

— Наход?

— Ҳа, ба ман бовар кунед. Ӯро ба миёнаравӣ нафиристед, ки шумо ҳам шарманда мешавед. Боз кӣ?

— Комилхӯҷа, - гиреҳи абрувони Обидҷон тангтар гардид.

— Инаш ҳам намешавад. Ба ман бовар кунед, вай ба гап усто бошад ҳам, одами наҳс аст. Ба ҳар ҷое, ки равад, кори буд мешудагӣ ҳам буд намешавад.

— Мухтор-ако, наход рост бошад-а? – Бо оҳанги эътироз ба гап даромад Обидҷон. – Боз бадгӯӣ набошад? Дар ин синну сол дар ҳаққи як кас бад гуфтан гуноҳ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ин бадгӯӣ не, ба ман бовар кунед, ин ҳақиқат аст. Шояд дар хотиратон бошад, ду сол пеш Комилхӯҷа ҳамроҳи ду нафар ба хонаи Амон Ғуфронович ба миёнаравӣ рафтанд. Баъд аз зиёфату садтогӣ нӯшидан Комилхӯҷа бо гап Амон Ғуфроновичро мот карду ба тӯйи духтари ваю писари Ҳодибои мӯзадӯз розигӣ доданд. Шаби арӯсбарӣ ду мошин ба ҳам заду се кас мурд. Тӯй ба азо табдил ёфт. Худо ин хел рӯзро ба ҳеҷ кас нишон надиҳад.

Ин суханонро Обидҷон шунида, хаёломез оҳе кашид ва ба дарёи фикр фурӯ рафт.

— Хайр, беҳуда оҳ накашед. Ба гузашта салавот мегӯянд. Боз киро дар назар доред? – Обидҷонро ба худ овардани шуда пурсид Мухтор-ако.

— Собир-тағоро.

Не-не, зинҳор Собир-тағоро нафиристед. Он кас, ба ман бовар кунед, одами нағз, вале дар ин хел корҳо умуман таҷриба надоранд.

— Чаро ин хел мегӯед? – ҳайрати Обидҷон яке бар даҳ афзуд. – Наход дар деҳа одами дуруст набошад?

— Дар деҳа одамони баобрӯи кордида бисёранду аз одаминтихобкуниатон ба хулосае омадам, ки шумо онҳоро дуруст намедонистаед. – Бетаҷрибагии Собир-тағо дар ҳамин ки Ибодатхон – мудири мағозаи хӯроквории деҳа ӯро ба гап даровaрда, ба хонаи раиси колхоз Шодибой фиристод. Аз ин пеш ҳам ба хонаи раис бисёриҳо ба хостгорӣ омада, ноумед шуда рафта буданд. Собир-тағо, ки хеши наздики раис буд, Шодибойро бо гапҳои росту дурӯғ аллонда, барои духтарашро ба писари Ибодатхон додан розӣ кунонд. Ибодатхон тӯйи дакаданг карда, аз болои сари писару келинаш пул рехт. Шаби аввал байни арӯсу домод ҷанҷол сар шуд. Рӯзи дигар Ибодатхон келинашро зада пеш кард. Пас аз чанд рӯз, ба ман бовар кунед, дар байни мардум миш-миш паҳн шуд, ки духтари раиси овозадорамон беайб набудааст. Ибодатхону



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Собир-тағо обрӯи раисро паст карданд. Ҳоло онҳо ногапанд. Раис акнун даҳонкалонӣ карда наметавонад.

— Аҷабо, ҳоло ҳамин хел гӯед?! – Обидҷон ба сӯи Мухтор-ако бо нафрат назар партофт.

Ҳа, ҳамин хел. Ба ман бовар кунед, ин гапҳоро ба шумо аз дилсӯзӣ мегӯям. Хоҳед, ки писаратон хушбахт шаваду тӯятон бешикасту рехт гузарад, ба миёнравию андозу бардор ман барин одамони ҳаётдидаро фиристед.

— Хуб шудааст. Обидҷон ба гапҳои Мухтор-ако бовар накард ва ӯро ба миёнаравӣ нафиристод.

Акнун дар маҳалла дув-дув гап: Обидҷон тӯҳфаро ба Мухтор-ако не, ба Собир-тағою Муллоаҳмад додаасту ӯ аз гуфта пушаймон.

## ОДАМШИНОС

Муовини сардори тарабхонаи «Шоми нуррез» Шодӣ Шамолович ба назди хӯҷаин Сафол Сангович даромада арз кард. Ӯ аз ҳаяҷон суп-сурх шуда буд.

— Пешхизматҳо аз мансабдорони шаҳру ноҳияҳо, ки ин ҷо хӯрок мехӯранд, шикоят доранд. Аз афташ, баъзе даҳонкалонҳо, намедонам бо кадом мақсад бошад, сиёсат карда, «машруботу нӯшобаҳоятон бадсифат, ин хелаш намешавад» гуфтаанд. Агар пеши ин хел наҳзаниҳоро бо тезӣ нагирем, назди ҳамкасбон шарманда шуданамон мумкин. Гапи бисёр - як хара бор.

— Кӣ вай худаш, наҳзанию сиёсат мекардагӣ одам? – пурсид сардор бо димоғи сӯхта.

— Якумаш, сардори стансияи санитарию эпидемиологии шаҳр Давлаталӣ Хаскашович, - суханашро идома дод Шодӣ Шамолович. – Ӯ «хӯрокҳоятон бемаззаву дилнокаш, арақу нӯшобаҳо туршу тунд, ҳама ҷо ифлос» гуфта ҳатто, шуморо пурсидааст. Мо, ки набудем, аз Дилафрӯзи пешхизмат дафтари ар-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зу шикоятро талаб кардааст. Агар моро меёфтанд, акт сохта, табъамонро хира мекарданд.

— Хайр, Дилафрӯз чӣ гуфтааст?

— Тундмиҷозии Дилафрӯзро нағз медонед-ку. «Мо дафтари арзу шикоят надорем. Шикоят навиштан хоҳед, ба тарабхонаи шӯъбаи савдо равед, ин ҷо хусусӣ» - гуфта, пурсандаро хеле боб кардааст. Омади корро бинед, ки ду-се мизоҷи доимиамон Дилафрӯзро тарафдор шуда, «хӯроку нӯшобаҳо бадсифат бошанд, айби пешхизмат не», - гуфта Давлаталӣ Хаскашовичро муттаҳам кардаанд.

Сафол Сангович пушт ба курсӣ партофта, сигор оташ гиронд ва арақи пешониашро бо рӯймолчаи оҳарӣ бафурсат пок кард.

— Равед, ошпазҳою пешхизматҳоро ҷеғ занед! – фармон дод сардор. Эҳтиёт – ними ҳаёт. Ина ман не, Маркс гуфтааст. Агар барои пешгирии ҳар гуна иғво сари вақт чора набинем, пагоҳ дер мешавад. Намехоҳам, ки дигарон аз Дилафрӯз ибрат гирифта, бо маҳмадоногии худ обрӯи мана дар назди мардум резонанд.

Сардор ҳанӯз сигорашро тамом накарда, Шодӣ Шамолович ҳамаро ҷамъ кард.

Сафол Сангович ба ошпазҳою пешхизматҳо як-як назар кард ва нафаси чуқур кашида, теғи нигоҳашро ба Дилафрӯз зад:

— Ба ту, тирмизак, кӣ ҳуқуқ дод, ки бо Давлаталӣ Хаскашович барин як одами баобрӯ дағалӣ кунӣ? О, вай боевик-а. Ё аз ҷонат сер шудӣ?

— Шумо ҷанҷолу хархашаҳое, ки ҳар рӯз байни мову мизоҷон мешавад, аз куҷо медонед? – гӯё косаи сабраш лабрез шуда бошад, гап партофт Дилафрӯз. – Агар гапу калочаи ҳаррӯзаро ба шумо нарезондаву начаконда гӯем,.. оқибаташро худо медонад, - гуфт Дилафрӯз паст наомада.

— Бас кун, кӯрнамак! – дӯғ зад сардор аз ҷояш хеста. – Ба девор не, ба ту мегӯям! Чӣ ин қадар чашмонатро ало



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекунӣ? Нағз медонам, ки  шумо, пешхизматҳо, чойпулӣ кор мекунед. Агар як даста пул наёбед, хобатон намебарад, девона мешавед…

— Аз гуноҳаш гузаред, - Сафол Сангович, - гӯё ба таваллову зорӣ даромад пешхизмати калон Марҳабо Қамбаровна аз танӯри синааш оҳи сӯзон бароварда. – Гапҳоятон сад дар сад дуруст. Ба шумо ҳам душвору ба мо ҳам. Чанд сол боз «сар равад ҳам, сир наравад» гуфта гаштаем. Намехоҳем, ки дар коллективи хурдакак ҷанҷоли калон шавад.

Вай боз оҳ мекашад. Бо рӯймолчаи чиркин, гӯё гиря карда бошад, чашмонашро пок мекунад.

— Дина ба чор нафар мардҳои даҳанкалону шикампарвар хизмат расонидам. Онҳо қариб панҷ соат кайфу сафо карданд. Таъриф не, чунон хизмат кардам, ки мондан гиред. Вақти ҳисобу китоб расида буд, ки якеаш «ба ин пешхизматҳои чапдаст чойпулӣ надиҳем ҳам, мешавад» гуфта, заҳрханда кард. Табъам чунон хира шуд, ки қариб мисли лахчаи равғанрехта аланга занам. Мегӯяд, ки ба шумо, раис, пул надиҳем мешавад. Бе ин ҳам мошинҳои иномаркаву ҳавлиҳои дакаданг доред… Бовар кунед, Сафол Сангович, агар мақоли халқии «Санги вазнинро об намебарад»-ро намедонистам, ба даҳони бефаровезаш як торсакӣ мезадам, ё ба рӯяш туф мекардам. Медонед, он мизоҷи таънагар кӣ буд?

— Кӣ? – саросема суол кард сардор.

— Корманди суди ноҳияи «Гулобод» Зардак Наботович.

— Дар пешонааш навиштаанд?

— Не, мастию ростӣ гуфтаанд, ки хато не. Сахт, ки сархуш буд, ҳавобаландӣ карда, ҳуҷҷаташро нишон дод.

— Офарин ба ту, Марҳабохон! – гуфт сардор бо завқ. – Ин рафтори ту бояд ба ҳама дарс шавад. На ин ки забон дорам гуфта, мисли Дилафрӯз маҳмадоногӣ кунӣ! Беҳуда «Ҳалворо ҳакиму шаллоқро ятим хӯрад» нагуфтаанд. Намехоҳам, ки барои ба мансабдорҳо дӯғу даранг карданатон ҷазо диҳам…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Як таклиф ҳаст, - овоз баровард сарошпаз Авлиёхӯҷаи Ҳоҷиабдулло.

— Майлаш, майлаш, агар кирой бошад…

Сардор дуди сигорро ба шифти хона сар дода, лаб инҷ кард.

— Одамони бузург «Аз бало ҳазар» гуфтаанд. Корамон бад нест. Шукр, ки омаду рафти мизоҷон ҳам бад нест. Шояд одамоне бошанд, ки аз авҷи бизнеси мо дилашон фишор хӯраду мори саркӯфта барин ба худ печанд. Боз ҳасадхӯрон ҳам ҳастанд. Хоҳед, ки чашми онҳо порсанги тарозуи даромадро накафонад, болои дари тарабхона як хори кулӯлаю як даста ҳазориспанду занҷабил овехтан даркор. Ин корамон, албатта, аз фоида холӣ нест. Бо ин роҳ мо балоро аз сари шумои азизу рӯзирасонҳои шумо дур мекунем. Хуб мешуд, ки ягон ҷӯгизан ҳар рӯз як ё ду бор тарабхонаро бо ҳазориспанд дуд диҳад.

— Ана, инаш оличаноб, - овозашро баланд кард сардор ва ба Шодӣ Шамолович назар андохт. – Супориш ҳамин, бо тезӣ таклифро амалӣ гардонед.

Пешхизмати соҳибҷамоли фарбеҳе, ки ду бари рӯяш мисли анор сурх буд, даст бардошт.

— Марҳамат, Офтобхон, - гуфт сардор ҳалимона, - таклифатонро шунавем.

— Дар тарабхона умуман фурӯши чойро манъ кардан даркор, - кӯтоҳ гап зад ӯ. – Мизоҷон барои чойнӯшӣ ду-се соат шинанд, ҷойи холӣ намемонад. Ин ба фоидаи киса нест, албатта. Чунки мизоҷони нав аз сабаби набудани ҷойи холӣ ноумед баромада мераванд. Агар ба мизоҷон чой нею қаҳва, минералка ё компот диҳем, боварӣ дорам, ки фоида зиёдтар мешавад.

— Оҳ-ҳо, таклифи арзанда, - гуфт Сафол Сангович табассум карда. — Ба шумо, Офтобхони азиз, барои чунин таклиф сӣ сомонӣ мукофот.

Ҳозирин қарсак заданд. Баъди каме хомӯшӣ сардор аз ҷой хушҳолона хест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Хулосаи ман тайёр!

— Чӣ хел хулоса? – пурсид Шодӣ Шамолович ҷасуртар шуда. Ё таклифи аз ҳама аҷоиб бошад?

— Ба тарабхонаи мо як одамшинос даркор, ки мансабдоронро аз одамони оддӣ фарқ карда тавонад. Агар ҳамин тавр одам пайдо кунем, боварӣ дорам, ки ҳамаамон бехавотир кору истироҳат мекунем. Ба ин вазифа киро таъин кунем?

— Шахси арзанда Аҳмадтағо-дия, - гуфт Шодӣ Шамолович.

— Намешавад! Худатон медонед-ку. Ҳамин ки як истакон бардошт, бисёр мелаққад.

— Собиқ корманди ҳукумат Тешабой чӣ? – гуфт пешхизмати калон. Шахси бомаълумоту хушодоб.

— Вай вақтҳои охир вахмак шудааст, - абрӯ чин кард сардор…

— Генерал Анвар Зулматович чӣ? – пурсид сарошпаз. Одами ростқавлу поквиҷдон, ҳалолкору ҳақиқатҷӯй. Сиёсат ҳам дорад.

— Замони генералҳо гузашт. Ҳозир ҳеҷ каса бо стойкаи «смирно» дошта наметавонӣ… Одаме даркор, ки ҳам муомиларо донаду ҳам одамшинос бошад.

Дигархелтар карда гӯем, аз забонаш шакар резаду аз об хушк, аз ботлоқи бадбӯй атрбез барояд. Морро бо ҳила аз сӯрох бароварда тавонад.

Дар тарабхона якчанд дақиқа хомӯшӣ ҳукмрон шуд ва ниҳоят:

— Ёфтам! - гуфт сардор ба мизи корӣ мушт зада. – Ба мо собиқ директори тарабхонаи «Москва» Бӯрибой Шоҳқадамович даркор. Ӯ ҷони одам. Хато накунам, роҳбаре нест, ки ӯро нашиносад.

— Розӣ мешуда бошанд?

— Агар ҳар моҳ сесад доллар диҳем, не нагӯянд даркор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҶАСОРАТ НАБОШАД, АСОРАТ БУДААСТ

Баъди ба нафақа баромадан хурсанд шудам. Аммо чӣ мегӯед, ки хурсандиам дер давом накард. Рӯзе завҷаам бо ситеза гуфт:

— Як ҳафта боз кайфу сафо дорӣ. Хобидӣ, хестӣ, хӯрдӣ, телевизор тамошо кардӣ, чизе нагуфтам. Ҳамааш табъи дилат шуд, акнун табъи дили ман шавад. Аз паси кори хонаву бачагон шудан даркор…

— Шӯхӣ намекунӣ? – пурсидам аз ӯ.

— Нағз медонӣ, ки ҳеҷ вақт бо ту шӯхӣ накардаам ва намекунам. Модоме, ки ба нафақа баромадӣ, пухтупазу рӯбучини хона ва тарбияи бачаҳоро ба ӯҳда гир. Мон, бо хотири ҷамъ кор кунам.

Дидам, ки бо ӯ баҳсу мунозара кардан бефоида, пешниҳодашро қабул кардам. Чоштгоҳ телефон занг зад. Гӯширо бардорам, овози завҷаам.

— Мардак, ҳо мардак!

— Мардакҷон будаму акнун мардак шудам? – пурсидам маъюсона.

— Фаромӯш накун, ки ман мудири шӯъбаву аз идора гап мезанам, - гуфт ӯ. – Сонӣ, рафтори худатро ба ёд биёр. Вақте ки аз корхонаат занг мезадӣ, «занак» гуфта муроҷиат мекардӣ. Хайр, гӯй, ки чӣ кор карда истодаӣ?

— Набераҳоро ба боғчаву мактаб фиристода, ба хӯроки нисфирӯзӣ тайёрӣ мебинам.

— Ба ту бояд фаҳмонам, ки Қобилҷону Шаҳнозахон фарзандони духтари хурдиамон Малоҳатхон асту дар назди мо тарбия меёбанд. Шаҳнозахонро чӣ хел ба боғча фиристодӣ? Охир вай роҳи боғчаро намедонад?!

— Қобилҷон ӯро ба боғча бурда, баъд ба мактаб рафт.

— Минбаъд ин корро накун! Қобилҷонро ташвиш надеҳ. Шаҳнозахонро худат ба боғча бар, ки мураббияҳояш туро дида, Шаҳнозахон бобои ҷавону ғамхор доштааст гуфта,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳавас кунанд… Ҳа, қариб буд, ки фаромӯш кунам. Чӣ пухта истодаӣ?

— Шӯрбо, - гуфтам ҳалимона.

— Нағз, фақат ҳушёр шав, ки картошкааш об нашавад. Шалғаму сабзӣ, нахӯду қаламфур андохтанро фаромӯш накун!

Бону фармонро қатор карда, гӯшии телефонро гузошт.

Дар сари дег сӯхтаву пухта кафгир мезадам, ки завҷаам боз занг зад.

— Мардак, хӯрокат пухт?

— Не, баъди ягон соат тайёр мешавад…

— Ҷойи хоби набераҳоро ба тартиб овардӣ? – боз пурсид ӯ.

— Не. Наход ин кор ҳам ба гардани ман бошад?

— Корҳои хона бо хӯрокпазию наберабонӣ ба охир намерасад, - гуфт ӯ. – Тезтар ҷойи хоби бачаҳоро ба тартиб биёру ҷорӯбро ба об тар карда, хонаҳоро рӯб! Ҳаракат кун, ки чанги хона ба шифт нахезад. Баъд бо латтаи тар болои мизу телевизор, яхдону курсиҳоро пок кун. Сатили хокрӯбаву партовро барор. Сатилро бо оби ҷӯй нағзакак шустан, гашта овардану ба ҷояш мондан фаромӯш нашавад. Сатилро нашӯӣ, хона бӯй мегирад.

Соати дувоздаҳ завҷаам ба таомхӯрӣ омада, ҳама ҷоро аз назар гузаронд.

— Барои чӣ хонаро рӯфтию рӯйи ҳавлиро не? Ё вақтат нашуд?

Барои он ки табъашро хира накунаму моҷаро нахезад, ваъдаи калон додам.

— Туро гусел карда, дегро мешӯям, сонӣ, ҷорӯб ба даст мегирам-дия, - хандида гуфтам ба ӯ. – Агар худам нагӯям, вай мефармояд.

— Хӯрок пухт, мекашӣ?

— Ҳар кас вазифаашро бояд то охир иҷро кунад, - гуфт завҷаам. – Сӣ сол боз якҷоя зиндагонӣ мекунему ҳоло ҳам феъ-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

лу хӯи маро намедонӣ? Пеш аз ин ягон бор кори хонаро мекардӣ?

— Не, - гуфтам бо сари хам.

Саросема дастархон кушода, шӯрборо кашидам.

— Барои чӣ шӯрбо ин қадар шӯр? – пурсид ӯ ва пиёлаи чойро ба даст гирифт.

Чашида бинам, дар ҳақиқат, шӯрбо шӯр буд. Гӯшт намакин будаасту ман боз намак андохтаам. Гуноҳамро ба гардан гирифта узр хостам.

— Узрат даркор не, хӯрокатро худат хӯр! – гуфт бону ва косаи пури шӯрборо ба наздам тела дод.

Ман шӯрборо то охир хӯрдам.

— То корҳои хонаро ёд гирифтанат мӯйҳоям сафед мешудаанд-дия, - гуфт ӯ. – Ҳавлиро рӯбу зуд бозор рав. Биринҷу сабзӣ намондааст. Таги молҳоро тоза карда, обу алаф деҳ. Барои пухтани нон ҳезум кафон. Шаҳнозахонро аз боғча оварда, хӯрок деҳ…

Завҷаам ба кор рафту дере нагузашта боз занг зад.

— Мардак, як гапро фаромӯш кардаам. Либосҳои ба боғча мерафтагии Шаҳнозахонро кашида, либосҳои хонагиашро пӯшон, ки чиркин накунад.

Завҷаам то охири кор панҷ-шаш бори дигар занг зада, супоришҳои нав ба нав дод. Ниҳоят тоқатам тоқ шуду пурсидам:

— Ту кор мекунӣ ё фақат занг мезанӣ? Наход дар як рӯз понздаҳ-шонздаҳ маротиба занг занӣ?

— Ба кори ман, - гуфт ӯ дӯғ зада, - чаққа нашав! Дар бораи кори идора ба ту не, ба сардор ҳисобот медиҳам! То рӯзгордориро ба хубӣ наомӯзӣ, бист бор ҳам занг мезанам, фаҳмо?

— Фаҳмо.

Баъди гӯшии телефонро ба ҷояш гузоштан ба фикр фурӯ рафтам. Агар кори якрӯзаи хона ин қадар зиёд бошад, намедонам то кай ба он тоб меорам?

Беҳтараш худи пагоҳ барои худ коре меёбам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАСЛИҲАТИ МУФИД

Офтоб ғуруб карду Офтобхони ҳамсоя ба хонаи ҳанӯз торикнашудаи мо ворид шуд.

— Моҳтоб набаромадааст, ақаллан дилатона рӯшан кунам, - хандид Офтобхон ва аз бом тароша афтодагӣ барин гапро якбора аз танқиду зарари он сар кард.

— Тинҷӣ бошад? – саросема пурсид завҷаам.

— Шунидед-а, шавҳари Муаттархон, ҳу ҳамон Латифхӯҷаи Латиф ҳаст-ку, аз танқид қимоб будааст, - гуфт ӯ бо заҳрханда, - медонед, барои чӣ?

— Не, касе нагуфтааст.

— Ҳа, шумо дунёбехабар… телевизор мебинеду аммо намедонед, ки дар пушти хонаатон чӣ гап. «Пушти ману табари қассоб» гуфта, дар хона рӯзро шаб мекунеду шабро рӯз.

Завҷаам ба рӯйи фарбеҳу арақшори Офтобхон нигоҳ мекунад.

— Латифхӯҷа бача буду муаллимаш Содири Нодир насиҳат мекард, - суханашро идома дод Офтобхон. – Ҳақгӯву поквиҷдон шав, бар зидди ҳаромкорону муфтхӯрон, мардумфиребону маҳалгароён муборизаи беамон бар. Падару модараш гӯё тӯтии дипломдор бошанд, гапҳои муаллима, ҳа, номаш чӣ буд… шуд, ёфтам, Содири Нодирро як-як такрор мекарданд. Натарс, сахтакак танқид кун. Мегӯянд-ку, танқид калиди ҷаннат… таппонча барои кӯтоҳ кардани дасти дузд, ришвахӯр, мансабфурӯш, нашъаҷаллоб. Ҳа, беҳуда «аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор» нагуфтаанд.

Офтобхони ҳамсоя ба мо нигоҳ намекард. Чашмонаш ба оинаи рӯйи девор буд.

— Маълумоти Латифхӯҷа миёна аст ё олӣ?

— Олӣ, дипломаш суп-сурх, шаҳодатномаи пури панҷ, ҳатто аз фанни танқид ва самараи худтанқидкунӣ чор нагирифтааст. Агар бовар кунед, чунон доно, ки ҳеҷ кас ба ӯ баробар шуда наметавонад. Вай дар як маҷлиси калон дирек-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

тори мактаба чунон сахт танқид кардааст, ки… мардум дурудароз каф кӯфтаанд. Медонед, директорро чӣ гуфтааст?

— Не, нашунидаем.

— Қавлаш чун пахтакӯҳна беқадр… ҳаром хӯрад ҳам, ош мешавад…

Бо шунидани ин суханон рӯйи директор ранги дока мешавад, аз ғазаб лабонаш пир-пир мепаранд, дастонаш меларзанд.

— Ту, кай боз забон баровардӣ? О, ту ҳоло кӯдак-а, - бо арбада гуфтааст директор, - бист сол боз директор ҳастаму бори аввал мебинам, ки як фисинча ба ман сар бардошта нигоҳ мекунад. Ҳоло ист, онаи зората аз Тошкӯрғон нишон медиҳам! – дӯғ задаст директор.

Офтобхон аз кӯрпача озод хеста, ду даст ба миён мекунад ва бо ҷилва ба завҷаам наздик мешавад.

— Гурбаи сиёҳ ҷонвари ганда… аз миёни ду кас гузарад, рӯканию мӯйканӣ аниқ. Баъди танқид гурба не-ку, сояи сиёҳаш ба миёни директору Латифхӯҷа афтодааст.

— Хайр, сонӣ чӣ шуд? О, мо аз ҳамааш бехабар. Ҳа, айби телевизор-дия. Чашм ҳам банду гӯш ҳам. Гапи беруна намешунавӣ…

— Хайрият телевизори мо сӯхтагӣ. Оинаи пешаш ҳастку, ана ҳамун паққӣ карда кафид. Ҳа, гап дар чӣ буд? Ёфтам, ба дарсҳои Латифхӯҷаи Латиф комиссия медаромадагӣ шуд. Росту дурӯғ ӯро беҳунар, аз педагогика бехабар, бемаълумот гуфта, справка менавиштанд. Ҳатто бечораро ғайбатчӣ ҳам гуфтанд. Аз афташ, оши директора равғанаш думбаи карт будааст, ки чашми комиссияро парда гирифт. Медонед, дар справка чӣ навиштаанд? – сиёҳнависа аз қуттӣ ёфта овард набераам. Директор ғамхор, меҳрубон, дилёб, беқарор. Миз шиканад, худаш таъмир мекунад, ҳатто шишаи шикастаро устодона пайваст мекардааст, аммо Латифхӯҷа муқоваи китоби даридаро ширеш карда наметавонад, китобу дафтарҳояш ифлос…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вай ба гӯши занам ким-чӣ гуфт.

— Ҳа, рӯзи сахт. Агар ҳамаи муаллимон аз пайи нест кардани Латифхӯҷа афтода бошанд, - ба фикрам, гапҳои пичирросзанон гуфтаашро шарҳ дод Офтобхон, - ба мо тӯҳматчӣ даркор не, намехоҳем, ки обрӯи мактабро резонад, майнаи насли наврасро бо гапҳои пуч пур кунад! Ҳамун муаллимҳо кӣ гӯед? Ҷияну холабачаҳои худи директор. Онҳо ба идораи маорифу ба рӯзнома ҳам аз болои Латифхӯҷа навиштаанд.

— Шояд Латифхӯҷа имрӯз ҳам аз директору авлодонаш натарсида, онҳоро танқид карда гашта бошад?

— Хока танқид мекунад. Ним сол боз бекор. Ба бозор ҳам роҳ надоданд. Ҳозир ҳаммоли дари мардум. Аз афташ, сахт касал шудагӣ, базӯр роҳ мегардаду беист месулфад.

Офтобхон ҷуссаи вазнинашро ба рӯйи кӯрпача мепартояд. Рӯяш тира, дилаш сӯхтагӣ барин, овозаш гирифта. Ба рӯяш нигоҳ кунед, дилатон ҷиззӣ месӯзад. Дастархонаш нон надорад. Ба кӯча барояд, бачаҳо масхара карда, қарсак мезананд: «Ҳа, танқидчӣ, танқидат қайчӣ не, ки думи шера бурад» мегӯянд. Аз ин гапҳо дудаш ба фалак мепечаду асабӣ мешавад.

— Нафақа мегирад?

— Нафақа куҷо? Акнун панҷоҳсола мешавад.

— Агар тез-тез сулфад, шояд гирифтори касалии сил бошад? Беҳтараш ба Латифхӯҷа маслиҳат диҳед, ба духтур муроҷиат кунад. Агар, дар ҳақиқат, касали сил бошад, ба ӯ бояд нафақа диҳанд. Дарвоқеъ, занаш Муаттархон чикора?

— Фарроши бозор.

— Писаронаш чӣ кор мекунанд?

— Дар мактаб ҳам намехонанд. «Падарамон хонда чӣ кор карданд, ки мо кунем?» мегӯянд. Калониаш дар гармову сармо дар кӯчаҳо мошинҳои навдавлатонро мешӯяду дуи дигараш дами дар шишта гадоӣ мекунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Офтобхон ин гапҳоро гуфту гӯё ба шири ҷӯшида об рехта бошанд, нафасаш танг шуд. Занам саросема чойи хунукшударо ба ӯ дароз кард.

— О, дугонаҷон-а, танқид ба кӣ мефорад? Ман рӯзномаҳоро мехонам, ба хонаи ҳамсоя гузашта телевизор мебинам, лекин танқидаш нест. Ё танқид кунанд, танқидчиро шатта, балки ба сараш мушт мезананд.

Занам, ки ба гапҳои Офтобхон гӯш карда, аз ҷӯшида хушк шудани оби чойник бехабар буд, хонаро буғ пахш кард. Ман сӯйи ошхона рафтанӣ шудам.

— Истед, почо, - Офтобхон овоз баровард, - шумо одами дунёдидаву бамаълумот, ҳамсояҳо ҳама шуморо эҳтиром мекунанд. Ба Латифхӯҷа маслиҳат диҳед, ду-се сол аз танқид худдорӣ кунад... Боварӣ дорам, ки ӯ ба маслиҳати шумо гӯш мекунад.

Ман андешамандона ба рӯйи Офтобхон нигоҳ кардам. Вай чун гул мешукуфт. Охир, дунёбехабар будани маро исбот кард-а.

## РАСПИСКА

Савсанхон аз шавҳари майзадааш якбора дилмонда шуд.

— Рӯзи ҷумъа куҷо будӣ?

— Дар корхона, - ҷавоб дод мард гӯё дар олам гапе набошад. Сурх шудану сар хам карданаш занро бештар ба ҳайрат овард.

— Дар корхона ки будӣ, барои чӣ гӯширо набардоштӣ? – овозашро саҳл баланд кард зан. – Агар мебудӣ, гӯширо мебардоштӣ. Охир, чандин бор занг задам.

— Кадом вақт занг задӣ?

— Соатҳои ду, се, чор, панҷ...

— Соати ду дар идораи сардор маҷлис шуд. Ду соат дар маҷлис будам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед




— Дурӯғ нагӯй! Ба котибаи сардор занг зада, туро пурсидам. Гуфт, ки туро надидааст.

— Мебахшӣ, қариб, ки фаромӯш кунам. Бо кори зарур ба назди сармуҳосиб даромаданӣ шудам. Дар ҷояш набудааст. Сӣ дақиқа дами дар шиштам.

— Не, набудӣ! Ман ба сармуҳосиб ҳам занг задам. Агар мебудӣ, гӯширо ақаллан ту мебардоштӣ.

— Гуфтам-ку, дами дар шиштам. Баъд хабар доданд, ки дар ошхона қубури об кафидааст. Онро қариб як соат таъмир кардам.

— Дар ошхона ҳам набудӣ. Сарошпаз қасам хӯрд, ки ҳатто соятро надидааст.

— Гӯр каллаи пӯсидаам шавад. Қасд кардагӣ барин қулфи дари китобхона шикаст. Онро бо як азоб дуруст кардам.

— Соати чанд?

— Соати қариб чор буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Фиреб ҳам бо эбаш будагист. Ба духтарчаамон китоб даркор шуд. Гуфтӣ, ки дар коргоҳат китобхона нест.

Зан гӯё сарриштаи калобаи мағалро ёфта бошад, даст ба миён бурда, қомат бардошт. Аз ғазаб сари дилаш дамид…

— Набошад, барои чӣ шаб ба хона наомадӣ? Ё ягонта зебосанам ба домаш кашид?

— Мани мӯйсафед ба кӣ даркор, ки рашк мекунӣ?

— Рашк не, барои чӣ ба хона наомадӣ мегӯям?

— Трансформатори корхона сӯхт. Онро тамоми шаб таъмир кардем, - гуфт ӯ аз бехобӣ чашмони суп-сурхашро молида-молида.

— Наход?

— Ҳа, бовар кун, дурӯғ намегӯям. Рӯз, ки шанбе буд, Савсанхон ба посбони корхона занг зад.

— Алло! Алло! Шумо кӣ?

— Посбон ман. Болту Одинаев. Набераи Одинабоқӣ. Писари Ашӯрмаҳмад.

— Шаби гузашта корхона тинҷӣ буд? Ё трансформатор сӯхту ҳама ҷо торикистон шуд?

— Не-е!

Зан гӯширо гузошта ба шавҳараш дӯғ зад. Аз ҳайбаташ ҳатто мусичаи болои симчӯб ку-куяшро қатъ намуд. – Ту шарманда, то кай маро фиреб медиҳӣ?! Ростащро гӯй, шабро дар куҷо гузарондӣ?. — Агар рости гапро нагӯӣ, худи ҳозир аз хона меронам. Он вақт дурустакак кӯчагард мешавӣ.

Мард оҳ кашид, тарсид, ки хоҳ-нохоҳ сир фош мешавад. — Шаб бародарат Азимқул маро ба деҳа, ба тӯйи рафиқаш бурд. Бисёр, ки нӯшидем, он ҷо мондем. Агар бовар накунӣ, ба Азимқул занг зан…

Зан ба абрӯяш чин андохт.

— Арақ нахӯрда, хоки мазора хӯр!

— Не, дигар намехӯрам. Тӯйхӯрӣ бас, охирин гуфтан гир!

— Рафту боз нӯшӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Гуфтам-ку, дигар наменӯшам.

— Қасам хӯр!

— На танҳо қасам хӯрдам. Балки расписка ҳам додам.

— Ба кӣ?

— Ба сардори ҳушёрхона.

## МУШКИЛКУШО

Аз гап гап баромаду якбора булбули завҷаам ба хониш даромад. Мушкилкушои ҳамсояро чунон таъриф кард, ки даҳонам худи сирко хӯрдагӣ барин об кушод.

— Ба мушкилкушои Муяссархон занҳои бисёре омаданд, ду хона лиққи одам. Дастархон пурипур. Нон шиканед, ҷойи мемондагӣ нест. Фақат хӯрока гармаш се хел. Бибиотунҳои зӯра чеғ задагӣ. Медонед, овози бибиотуни исфарагӣ гӯшҳоямро навозиш кард. Вай намехонд, гӯё бӯлбул мехонд, шефтаву шайдо шудам. Агар дадаҷонаш…

— Чӣ, хостӣ, ки ман ҳам мафтуни овози ӯ шавам?

Завҷаам табассуми малеҳе хадя карда, боз ба чаҳ-чаҳ даромад:

— Мо аз Муяссархон чӣ камӣ дорем? Шукр, ки чор ишкеламон бутун. Дастархон кушодаву одам ғундошта метавонем.

— Метавонем, метавонем-у…

— Мехоҳам, ки дадаҷонаш, мушкилкушои ман аз мушкилкушои Муяссархон фарқ кунад. Охир вай коргари оддию ман муовини директори корхонаи калон. Шавҳари ӯ ронандаву шумо муаллими калони Донишгоҳ. Мушкилкушо кироӣ шавад, ки ҳама таъриф кунанд.

— Нияти нағзу лекин мақсад чист? Чигили кадом мушкилата кушодан мехоҳӣ?

— Шумо, дадаҷонаш, фоидаашро нағз медонед. Дар ёд дошта бошед, даҳ сол пеш мушкилкушо кардему баъди як моҳ қатори олимоба даромадед. Писарамон ба лотерея мошини



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Волга» буриду ба духтарамон Сунбулахон дипломи аъло доданд. Ин ҳама шарофати мушкилкушо-дия.

— Уфф…

— Беҳуда оҳ накашед, дадаҷонаш. Ҳа, якамон даҳ шуда бармегардад. Дар рӯзи мушкилкушо гӯсфанд кушем, савобаш калонтар будааст. Гӯсфанд намехарем. Молфурӯшон сад фиребу найранг доранд. Шиками гӯсфанд варам. Чиба гӯям, баъзеҳо ба гӯсфандашон пӯчоқи тарбузу атолаи заводи спиртро медодаанд. Беҳтараш гӯсфанди қӯшқори ҳисории худамонро мекушем. Аз гӯшти гӯсфанд ҷаркӯбу сихкабоб пазем, Муяссархонро як нӯл задагӣ мешавем.

— Сихкабобу ҷаркӯб пазем, ош даркор набудагист?

— Не, дадаҷонаш, бе ош намешавад. Агар палов напазем, меҳмонҳо таъна мекунанд. Даҳ-понздаҳ кило биринҷи девзира мехаред. Оши Муяссархон пахол барин буд. Ошро бо рӯғани дунба мепазем мо. Ошпази зӯрро ёбед, ки палови моро мурда хӯрад, зинда шавад.

— Хайр, боз чӣ?

— Конфету шакалотҳои худамон намешаванд. На ранг доранду на лаззат. Ягон касро ёфтан даркор, ки аз Маскаву Киев биёрад. Кирои хӯрдану бурдан шавад-дия. Медонед, шакалот бошад, барои занҳо шири мурғ даркор не.

— Тамом?

— Ин қадар саросема накунед-дия, дадаҷонаш. Нони бозорро намехарем. Пардаи пиёз барин. Аз devoraш дошта нигоҳ кунед, кулӯхи пушташ менамояд. Ягон нонпази ботаҷрибаи номдорро ҳам меёбем. Сесад-чорсадто нон бошад кифоя. Одамон хеле майдагап шудаанд. Ҷон коҳонида меҳмондорӣ мекунеду баъзе даҳанялаҳо камбудии дастархонро ёфта, овозаву дарвоза мекунанд. Садто рӯймол ҳам мехарем. Нону ширинӣ баста диҳем, садто даҳони яла баста мешавад. Ё нодуруст гуфтам?

Бинам даҳони завҷаам инҷ.

— Боз як масъалаи душвор аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Чӣ хел масъала?

— Интихоби бибиотун. Шаш нафар ҷеғ занем, бас. Бибиотун ҳар чи бисёр бошад, дадаҷонаш, савобаш ҳамон қадар зиёд мегӯянд. Барои бибиотунҳо як либосӣ «Миллионерша» ё «Бойхотун» харида, пулу дастовези бамаънӣ додан даркор, ки хафа нашаванд.

— Хароҷоти ҳамаи ин чӣ қадар мешавад?

— Мӯл не, чаҳор-панҷ ҳазор сомонӣ шавад даркор. Пул равад ҳам, обрӯ наравад, дадаҷонаш. Одамон бо пул обрӯ мехарем гуфта, чи корҳое намекунанд. Аҳмади қассоб панҷ ҳазор доллари амрикоӣ харҷ карда, ба писараш зан дод. Юсуфи даҳонкалон ба тӯйи хатнаи писарчааш чор ҳазор доллар сарф кардааст. Аз мардум тӯйи кӣ зӯр гузашт, гуфта пурсед, ҳама номи Аҳмади қассобу Юсуфи даҳонкалонро ба забон мегиранд. Панҷ ҳазори мо қариб, ки қатра аз баҳр аст. Хоҳед, ки моро ҳам таъриф кунанд, миёнро маҳкамтар бандеду аз пайи пулёбӣ шавед. Кӯшиш кунед, ки сар раваду сир наравад.

Ман аз ҷой хеста, ба кофтукови мисрон даромадам.

— Ҳа, дадаҷонаш, мисрон барои чӣ? Боз камони панҷтираро биёр мегӯед?

— Мисрон барои кандани қулфи бонк. Агар бахтат хандаду корам омад кунад, мушкилкушоя аз гуфтагиат зиёд карда мегузаронӣ. Рафту бонкро зада натавониста, аз тири посбон кушта шавам, рӯзи бегоҳи охир гӯсфанди қушқорро кушта, арвоҳамро шод кун, ки дар он дунё ором хоб равам.

Чашмони занак аз ҳарос ало рафтанд.

## ИНТИХОБИ КЕЛИН

Дугонаҳо дар бозор бо ҳам вохӯрданд.

— Э, келини нав муборак шавад! Нағз-нағз ба орзуву ниятатон расидед.

— Раҳмат, дугонаҷон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Хайр, келинбону чӣ хел?

— Мешавад.

— Хӯш, хӯш, маъқул-мӣ охир?

— Мехостем, як келине ёбем, ки дар давраи пирӣ хизматамонро кунад. Айнан ҳамин хел арӯсшаванда ҳам буд. Ҳамсояи дасти ростамон Зебоҷон. Хизматгор, бадаступанҷа. Вале ба писарамон маъқул нашуд.

— Наход?

— Ҳа, дугонаҷон. Ҷияни худам Мастурахонро келин карданӣ шудем. Вай духтар не, парӣ буд. Ҳусну ҷамолаш ба хироҷи як мамлакат меарзид. Ҳазор кас дар талаби вай буданду аммо писарамон нозунуз кард. Ду по ба як мӯза андохта, аз авлоди худамон зан намегирам, гуфт.

— Набошад, як духтари ҳамкоратон маъқул буд, ҳамонро келин кардед?

— Э, шумо Хурмоҷонро мегӯед? Не. Ҳозир ҳам номашро шунавам, дилам гум мезанад. Вай духтари бамаъниву фариштахислат, бамулоҳиза. Эҳ, ҳамаи сифатҳояшро гӯям… Чор ишкелаш бутун, келин не, ҳузури ҷонам мешуд. Ба хостгорӣ равам гӯям, писарамон не гуфт. Хонадор нашуда, ситораашон рост наомадааст. Гапа бинед-а?!

— Ба шумо, дугонаҷон, хонаи як шиносамро нишон дода будам. Ба хонаи ҳамон рафтеду…

— Не, вай ҳам нашуд, дугонаҷон. Баъд худам суроғ карда, якта париващро ёфтам. Падару модараш одамони дуруст, худи духтар дар коллеҷ мехондаасту панҷ панҷааш ҳунар будааст. Чанд кас ба миён даромада, гапро пазонданд. Вале ин писари сернози мо «не» гуфта, ҳамаи нақшаҳои моро барбод дод.

— Аз ин мебарояд, ки ягонта хушкардааш будааст?

— Ҳа, мо ҳам ихтиёрро ба худаш додем. Доштааст, ҳамонро ба хона овардем.

— Хайр, дилхоҳаш бошад нағз. Акнун дар хона давру даврон будагист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ҳа, дугоначон. Давру даврон ҳаст. Аммо барои келин. Мо аз пагоҳ то бегоҳ дар хизматашон.

— Вой, ман мурам…

— Эҳ, дугоначон, ба шумо гуфтам, шумо ба ҳеҷ кас нагӯед, аз аҳволи ман ҳам асло напурсед. Заҳр хӯрда, асал гуфта гаштаам. Кофта-кофта ёфтагиамон ҳамин. Писарамон ҳам аз кардааш сад пушаймон…

Зан нохост дид, ки шавҳараш халтаро бардошта, базӯр қадам мепартояд.

— Ӯҳ-ҳӯ, бо шумо ҷоғ зада, рафтани вақтро нафаҳмидаамку. Келин саҳар амакатонро барои гӯшту биринҷ, маро барои чизҳои дигар ба бозор фиристоданд. Зудтар харид кунаму ба хона равам, ки… Дилашон манту хостааст келина. Мабодо дер шавад, келин дари хонаро ба рӯямон мебанданд.

Дугонаҳо саросема аз ҳам ҷудо шуданд.

## ҶАСОРАТ

Сардор мудири шӯъбаи кадрҳоро ҷеғ зада, арбада кард.

— Ҳа, сағира, кор ба дилат зад?

— Не-е, ман кора бо авҷи нав сар карданӣ-ю.

— Ин хел бошад, барои чӣ фармонро иҷро намекунӣ? Ё шатта зада курсира барои дигаре холӣ кунам?

— Кадом фармонро? – саросема пурсид мудир гӯё ба сараш бо гурзи якпуда зада бошанд.

— Худро гӯлу гаранг нагир! – дӯғ зад сардор, - котиба ёб гуфтам-а?

— Ҳа.

— Ҳамин фармон набуда чӣ буд? Боз чӣ баҳона меёбӣ?

Мудир шерак шуд.

— Охир, табъатон нозук. Хел-хелаша овардам… ҳамааш ботаҷриба, ба қавле гурги борондида. Ҳайронам, ки ҳеҷ маъқул намекунед. Якаша миёнсол, дигараша маҳмадоно, сею-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маша бади бало гуфтед. Моҳпарӣ, духтари акаи Султон ба ман чунон маъқул буд, ки…

— Не, не, вай намешавад. Ӯ хоҳарзодаи хушдоманам аст. Агар ӯро котиба таъин кунам, аз ҳама чиз бохабар мешавад, - сардор араќи пешониашро бо пушти даст пок карда, пастакак гулӯ афшонд, - дигар номашро ба забон нагир. Вай нарезондаву начакконда сирри кабинета пеши занам мекушояд.

— Хайр, Субҳияхонро чеғ занам?

— Инаш кӣ? Боз духтари сармуҳосиби корхона набошад?

— Ҳа, ҳамун, зебо, дилкаш, ширингуфтор.

Сардор қариб буд, ки дод занад.

— Модараш бас нест, ки боз нозу нузи духтараш зам шавад! Ӯро ба кор нагирифта, аллакай, шарт монд. Маош «дувайной» шавад, хидмат «севайной» мешавад мегӯяд. Мон-э, аз бало ҳазар. Намехоҳам, ки байни ману котиба барои дупула гап ҷанҷол хезад.

Мудир пушти гӯшашро хорид, чашмонаш аз шавқ малахак рафтанд.

— Агар розӣ бошед, котибаи главкро ба кор даъват мекунам.

— Дилбархони паризодро мегӯӣ? – суол кард сардор завқида.

— Ҳа-дия. Нағз мешиносед? Ба штати сариқтисодчӣ гирему дами дар шинонем, олам гулистон.

— Хуб гуфтӣ… Медонӣ, ҳамин ки занг зада, ба назди раиси калон даъват кунад, дастонам боли уқоб мешаванду пойҳоям пойҳои шутурмурғ… Чандин бор дидӣ-ку… Шофир набошад, пиёда ҳам давидам. Бовар кун, ҳатто аз сиёсати раис наметарсам. Магнити ҷамоли Дилбархон мекашад мана… Оё розӣ мешуда бошад?

— Ман таклиф кунам, не намегӯяд. Духтари як дӯсти ҷониам аст Дилбархон. Маошам кам, - гуфтааст ба занам, - боз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

раис чашмакӣ мекардааст. Дилбархон «кораш ҳам сараша хӯрад, пулаш ҳам» гуфта, дигар ба главк рафтан нахостааст.

Ин хел бошад, аз баҳраш баро. «Ту аз роҳ задӣ» гуфта, раис ба ман қасд мекунад. Беҳтараш гирду пешро ков, хеша мону дарвеша ёв. Фаҳмидӣ?

— Ҳа, раисҷон, фаҳмидам. Якташа таги чашм кардагӣ ман. Намедонам, розӣ мешуда бошад ё не?..

— Кӣ вай?

— Моҳрухсор, набераи Аҳмадхони дукчӣ.

— Чандсола? Боз гург набошад?

— Не, гург ҳам несту борон ҳам надидааст. Мактабро ҳамин сол тамом кардагӣ… Фақат чоп карда наметавонад.

— Ҳеҷ гап не, мошинкаи шалақро як сӯй мемонему компутар мехарем. Ҳозир ҳама компутарчӣ шудагӣ-ку! – сардор табассум мекунад. – Хайр, гӯй, ки дар ҳусн кадомаш боло – Дилбархон ё Моҳрухсор?

— Албатта, Моҳрухсор. Дилбархон ҳар саҳар крем мемолад, пудра мепошад. Ҳусни Моҳрухсор худодод.

Сардор аз ҷой хест ва каме андеша карда гуфт:

— Рав, Аҳмадхонро розӣ кунон. Ҳар моҳ маоши сариқтисодчиро мегирад. Боз ду маош мукофот… Очаша об барад, аз киса намедиҳам-ку! Мардум «Каттабек Калонович молшинос будааст, дипломаш ҳалол» гӯянд шуд.

Сардор аз ҷасорати худ ба завқ омада, қоҳ-қоҳ хандид. Охир, вай дар умри худ бори аввал масъаларо дар танҳоӣ ҳал кард.

## ЗАМОНАСОЗӢ

Зан дар дасти шавҳар халтаи пурборро дида ҳайрон шуд ва онро гирифта ҳамоно кушод.

— Пул надоштеду гӯшту равған, ангуру чормағз, арақу коняк ва биринҷу набот аз куҷо? Ё насия гирифтед? – пурсид зан аз шавҳараш, ки омӯзгори мактаби олӣ буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Насия нагирифтаам, Худо диҳад, писари кӣ намегуфтааст, - лутфомез гап зад ӯ.

— Наход? Ё аз ягон шиносатон пул гирифтед?

— Чиҳо мегӯӣ? Дар ин замон кӣ қарз медиҳад, агар дар оғил навбасту дар гараж мошин надошта бошӣ?! Ҳеҷ кас, - вай ба занаш бо меҳр менигарад, - дониста мон, ҳатто бародар ба бародару хоҳар ба хоҳар қарз намедиҳанд. Мегӯянд-ку «қарз миқроз асту риштаи дӯстиро мебурад».

— Ҳа, ёфтам, маошатонро гирифтед…

— Не, хаёл ҳам накун. Кай маош медиҳанд, маълум нест. Касса холӣ, худи кисаи ман барин.

— Ин қадар диламро ғаш накунед. Ё барои мақолаҳои илмиатон аз ягон рӯзнома ҳаққи қалам гирифтед?






барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Наёфтӣ. Кормандони рӯзномаву маҷалла барои сари вақт бароварда фурӯхтани молашон имкон надоранду аз кадом ҳисоб ба ман ҳаққи қалам медиҳанд?

Зан сарашро дудаста медорад.

— Баногоҳ-ку duздӣ накардед?

— Не-е! Худо аз ин бадномӣ нигоҳ дорад. Намехоҳам, ки обрӯямонро резонам.

— Набошад, ягон бизнесмен раҳм карда, пул додагист.

— Боз хато кардӣ. Ҳозир ин хел одамони валинеъмат нестанд. Ҳама ғами худро мехӯранд. Шиорашон аниқ «аввал хешу баъд дарвеш аст»…

— Пеш гоҳ-гоҳ лоторея мехаридед. Ё лотореятон бозӣ кард-мӣ?

— Ягон бор бурда будам, ки имрӯз барам. Аз шунидам, дар ин бозӣ ҳам ким-чи хел найранг ҳаст.

— Мебахшед, баногоҳ-ку гӯсоларо нафурӯхтед? Гӯсоларо ба номи духтарчаамон Фирӯзахон харидаем-а?

— Хотиратро ҷамъ дор, гӯсола дар оғил.

— Ё мошини шалақатонро, ки ба таъмир дода будем, ягон кас харид?

— Мошинаи шалақ ба кӣ даркор, агар ба соҳибаш даркор набошад?

— Як вақтҳо дар кассаи амонатгузорӣ каме пул доштем. Ё ҳамонро гирифтед?

— Ба вай пул ҳатто ним кило гӯшт намедиҳанд.

— Азизам, маро ин қадар азоб надиҳеду росташро гӯед монед-дия. Гӯед, ин чизҳоро ба кадом пул харидед?

Мард дилсӯзона ба чеҳраи зан як нигоҳ кард.

— Дар ёдат бошад даркор. Як вақт якта ба якта гуфтам-ку. Донишҷӯе ба имтиҳон дер омаду бибиам дар дами марг гуфт. Ба ӯ барои дилбардорӣ баҳои панҷ мондам. Бечора аз шодӣ ба куртааш намеғунҷид, ҳатто ашк рехта буд. Ана ҳамон донишҷӯ сардори гурӯҳ асту ин тӯҳфаҳоро ҳамсабақонаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

харидаанд. Ҳамин қадар не гӯям, ба ҳолам намонд. Агар нагиред, хафа мешавам гуфта, зӯран ба дастам қапонд.

— Мардакҷон, боз муаллим Пӯлоди Маҳкамзод мулоим шудагӣ, пора мегирад гуфта, ба чаҳор тараф ҷор наандозад? Обрӯямон боз ба хоки кӯча баробар нашавад?

— Беҳуда аз пашша фил масоз. О, ман имрӯз ба шаст расидам, нагуфтаам-ку. Ректорат бо варақа табрик карду бачаҳо бо тӯҳфа.

Зан гӯё дар хоби гарон бошад, якбора ба худ меояд.

— Имрӯз 9-уми сентябр-мӣ? Гӯр хотири парешонам шавад. Писарҳо, келинҳо канӣ шумо? Тезтар дастархон кушоед, як базм кунем!

## ҚОШУҚА ПУР КУНЕД

Сардори трест ҳуҷҷатҳоро тагурӯ кард, ба курсии мулоим баҳузур шишту аввал муовинҳо, сонӣ саркорҳоро ҷеғ зада, бафурсат сӯҳбат кард. Бечора коргар, ки пеш сардорро фақат аз дур медид, акнун ба саволҳояш ҷавоб медод, гапашро гум мекард, забонаш тутила мешуд.

«Ба истироҳати коргарон эътибор нест, аз маънавиёт дур шудаанд, чӣ будани эстетикаро намедонанд» - хулоса кард сардор ва дари утоқро тараққосзанон кушоду сардори шӯъбаи кадрҳоро ҷеғ зад. Раиси иттифоқи касаба ҳам биёяд, - аз афташ, қаҳраш хеста буд, ки дағалтар садо дод.

Камоли Юсуфзод - раиси иттифоқи касаба ба утоқ даромада, гӯё курсии холиро намедида бошад, чун хӯсаи даруни шолизор рост истод.

Сардор бо ҷаҳл гуфт:

— Ҳеҷ бовариам намеояд, ки дар ин корхонаи калон кори асосӣ – тарғибу ташвиқро фаромӯш мекунанд. Чӣ гап ин?! – бо шаст рӯ тофта, ба Камоли Юсуфзод нигоҳ кард сардор. Шумо аз ҳама гапу кор бехабар. Маҷлисҳои калон шуд, ҳамаша аз сар то охираш пурра нишон доданд. Барои чӣ надидед?! Хайр, газет намегиред, телевизорро намебинед, магар?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Раиси корхона Ҷалол Ҷабборович сар хам кардаву гӯё рӯда дар шикамаш мепечида бошад, лаб газида менишаст.

— Телевизор кӯҳна шуда буд, - ба гап даромад Камоли Юсуфзод. Тахта наёфта, шишаи телевизорро кандему аз қуттиаш барои кабӯтар хонача сохтем. Гӯшаи зинда даркор-дия. Агар пул диҳанд, тез се телевизору даҳ-понздаҳ радиоча мехарем. Ҳа, ба ошхона ҳам меовезем. Майлаш, ҳар кӣ хоҳад, биёяду ахбора гӯш кунад, боевик бинад, аз реклом ҳам бохабар шавад. «Стиморол» сақичи зӯр мегӯн…

— Телевизор набошад, коргарон чаро китоб намехонанд?! – овозашро баланд кард сардор. Ё китобхона надоред?

— Дорем, дорему лекин…

— Чӣ лекин?

— Сабил бом чакиду ҳамаи китобҳо тар шуда, қурбоққаи мурда барин варам карданд. Маҷбур шудем, китобҳоро берун баровarда партоем. Китобҳоро семичкафурӯшу носфурӯшҳо гирифта бурданд. Агар пулдор шавем, китобҳои нав мехарем, се рафа бо дедектив пур мекунем.

Сардор бетоқатона аз ҷой хест. Сардори шӯъбаи кадрҳо гӯё сояи сардор бошад, аз курсӣ боло шуд, қоматашро рост кард, аммо сари вазнинашро бардошта натавонист.

— Пас коргарон китобу маҷалла ва рӯзномаҳо намехаранд? Охир, кам не, ғам не, ҳазор коргар доред. Агар онҳо савияи дониши худро баланд набардоранд, кӣ ҷавоб медиҳад?

Бадани Камоли Юсуфзодро араќи сард пахш кард. Ӯ аз киса рӯймолча бароварду сару рӯяшро пок кард ва илтиҷоомез ба муовини раис нигарист.

— Обуна шудагӣ. Понздаҳ кас газит мегиранд. Ҳафтавори «Оила»-ро мехонанд. Ин тавсияи мо. Ҷанҷолӣ, ки ҳастанд, оилаашон вайрон нашавад гуфта, ба ҳамин газит обуна кардем.

— Ӯҳ, аз кулӯх оташ парид-ку… Раис карахт, раиси иттифоқи касаба тутила… Сардори шӯъбаи кадрҳо гӯё хотираш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷамъ шуда бошад, ба ҷояш нишаст. Хайр, шумо кадом рӯзномаро мегиред?

Муовин Акмали Воҳидзод моҳии ба шаст афтода барин безобита ва аз хиҷолат помидор барин сурх шуд.

— Мм-мебахшед, ташвиш, ки мӯл, обуна ба хотир ҳам нарасидааст. Ваъда медиҳам, ки…

— Ба ман ваъда даркор нест! Ба ҷойи ваъдабозӣ кор кунед. То кай ба кори амалӣ эътибор намедиҳем?

Сардори трест курсии мулоимро ғичиррос занонда, бо шаст аз ҷояш хест.

— Гӯед, аз ҳамин ҷо шиштагиҳо кӣ ба рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Роҳнамо» ва «Адабиёт ва санъат» обунаанд?

Касе дам назад. Замин накафид, ки роҳбарони корхона дароянду ин шармандагиро набинанд.

— Ақаллан дари клуб кушодагӣ будагист? Ҳаваскорон консерт медиҳанд? – қиёфаи сардор воҳиманок шуд.

— Не, клуба анбор кардем. Бом, ки аз тирборон ғалбер шуда буд, болои таҳ-таҳ тахтаю фанер борон рехт, ҳамаашро ба клуб даровардем. Ҳаваскорҳо рафтанд. Дойрачӣ хиштмон шудааст. Ҳофиз, овозаш, ки баланд аст, даррав кор ёфт. Барояш раисони колхозҳои «Ғалаба»-ву «Сарҳадчӣ» талош карданд. Барои онҳо подабон даркор будааст. Подабон овози хуш доштa бошаду «маҳ-маҳ» гуфта истад, гӯсфандҳо дур намерафтаанд.

— Шабҳои шеъру шоирӣ мегузаронед ё не?

— Ҳаст, ҳаст, зодрӯзи раисро қайд кардем. Сармуҳосиб чиллагурезони набераашa дар ошхонаи корхона гузаронд…

Сардори трест дид, ки Камоли Юсуфзод мисли қаламфур сурх шудаасту худи мурғи посӯхта барин чашмонаш чалақпалақ, курсии холиро пешаш тела дод.

— Шинед, шарманда! – гуфт ӯ ва нохост Мавзунаи Ашрафиро дида монд, ки аз ким куҷо пайдо шуда, номаълум ба утоқи кори раис даромада буд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Эҳа, спортсменка омадаанд-ку. Корҳои шумо чӣ хел?

— Мисли пештара.

— Яъне нағз?

— На он қадар. Дар давраи карахтӣ ба варзиш эътибор буд. Акнун ҳама ҳушёр… чи кор карданашонро нағз медонанд.

— Мушаххасан гап занед, бале, қошуқи холӣ забона мехарошад. Дурустар гап занед, ки ҳама фаҳманд.

Мавзуна лабони маҳинашро лесид, балки нам кард, то гапаш бурро барояд.

Як сол боз моҳона нагирифтаем. Аммо тӯҳфа харидан даркор. Ба писари сармуҳандис тӯб бурдем. Ба набераи сармуҳосиб тӯри волейболро тӯҳфа кардем. Кӯрпаи гӯштингиронро ба раис додем. Ин зарур… агар раисро сабукдӯш кунеду бехудона ғалтиданӣ шаванд ҳамин кӯрпаро мекушоянд. Калларо эҳтиёт кардан даркор, бе мағз бошад, пуффак барин дарров мекафад.

Сардори трест чашм нимкоф карда, завқ бурда, лабханд мекард.

— Мушаххастар… боз мушаххастар. Гуфтам-ку, қошуқа пур кунед.

Мавзунаи Ашрафӣ лаб газид, як лаҳза хаёл карда монд.

— Столи тенниса ба хатнатӯйи писари муовин бурдем.

Раис як қад парид. Гапи мушаххас вазъро муташаннич карда буд. Агар ба дари нимкушодаи утоқи раис бӯйи палов намедаромад, посбон чун пуффак мекафид. Вай чиро ба куҷо бурданд, медонад охир.

## ҲАМА ҚОИЛ МЕШАВАНД

Гӯё хурӯсаке ҷеғ зада бошад, ба гӯши Маликабону садои ҳуштак расид. Истоду ба канор нигарист. Ҷавони ширакайфе рост ба сӯйи ӯ меомад.

— Маро шинохтед? – аз чанд қадам дуртар ба гап даромад ҷавон, ки хеле ҳавобаланд менамуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Не, - ҳайрон-ҳайрон нигарист Маликабону.

— Ман писари раиси хоҷагии «Меҳнат». Номам Хусравиддин, номи падарам Авлиёхӯҷа. Бузургҷусса, ки ҳастанд, ҳама Авлиёдаканг мегӯянд.

— Шуморо ҳам шинохтаму дадатонро ҳам. Ягон хидмат доштед?

— Ҳа, ман девонаи ақлгумкарда…

— Аз кадом рӯз? – ҳатто лаб инҷ накарда пурсид Маликабону.

— Гавҳарбиро медонед-а, ҳо ҳамоне, ки ба наздикӣ шавҳар кард? Ана дар тӯйи ҳамон ҷингиламӯ шуморо дида, ақлу ҳушамро гум кардам. Суп-сурх ҷиннӣ…

— Ақлу ҳушатон дар ҷояш, ҷӯйро аз роҳ фарқ карда тавонистед-ку.

— Илтимос, ин қадар таъриф накунед. Дидед-ку девона барин ҳуштак кашидам, роҳзан барин пеши роҳатонро гирифтам, беибо дарди дил ҳам мегӯям. Мехоҳам ба рӯйи зебоятон чун ба оина нигоҳ кунаму… чи хеле Гавҳарбиро ширин-ширин табрик гуфтед, ҳамин хел ширинакак маро алла гӯед.

— Дер кардед, барвақттар девона нашудед.

— Чӣ хел дер кардам?

— Ҳа, бе ҳазл, ман шавҳари шофбуруту ду писар дорам.

Ҷавон showed вазнашро дошта натавониста, аён мекалавад.

— Дурӯғ мегӯед. Шумо моҳи чордаҳрӯза барину боз бача дорам мегӯед. Не, шумо понздаҳсола метобед.

Шумо парӣ… вай ҳушёр шуда, қоматашро боло мегирад. Париҳо ҳамин хел ҳусн, ҳамин хел ҷамол доранд. Ман аз китоб хондагӣ,.. бибиам афсона мегуфт.

— Монед, равам, одати дурӯғгӯӣ надорам.

— Росташро гӯед, шавҳаратон одами нағз-мӣ? Шуморо дӯст медорад ё кашолахӯҷа?

— Хеле нағз, ҷони одам, рӯзгордори хуб.

— Бовар намекунам. Хонаву ҷой доред?

— Дорем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Бӯстонсарой-мӣ?

— Не, хонаи дуутоқаи давлатӣ. Ба мо ҳаминаш ҳам кифоя.

— Мошин-чӣ?

— Лозим ҳам не… Канӣ, майдагапӣ накарда як сӯй истед, ман равам!

Ҷавон пойҳояшро тиргак карда, оғӯш кушоданӣ мешавад.

— Сабр кунед. Боз ду-се савол…

— Телефонатон ҳаст?

— Албатта.

— Рақамаш чанд?

— Инаш барои шумо чӣ даркор?

— Гоҳ-гоҳ занг зада, овози маҳину фораматонро мешунавам. Илтимосу илтиҷо мекунам…

— Чиро илтимос мекунед?

— Зани ман шуданатонро… Аз саратон зару зевар мерезам, дар бӯстонсаро зиндагӣ мекунеду ба кор бо «Мерседес» меравед.

— Монед, ҳазлу шӯхиро… Кӯча саҳна не, ки спектакл намоиш диҳед.

— Ба ҳолам нахандед. Ман, дар ҳақиқат, суп-сурх ошиқ… Шавҳаратон чӣ кора? Ё ман барин пулсоз?

— Судя.

— Падару модаратон чӣ?

— Падарам полковники милисаву модарам прокурор.

— Оҳо, шӯхиро ба авҷаш расондед-ку.

— Чӣ ҷойи шӯхӣ? Худам нозири полиси андоз.

Маликабону дафтарчаи сурхеро аз сумка берун мекунад.

— Эҳа, шӯхӣ-ку намекунед? Хайр, ман рафтам… Ба тамошо биёед… Машқам расо шуд… Ҳа, ҳама қоил мешаванд.

Хусравиддин ниқоб аз рӯ мегирад. Вай хеши Маликабону, актёри театри «Ситора» Шӯҳрат Қандинов будааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# НАҲЗАНӢ

Намедонам, аз тӯямон се моҳ гузашт ё се моҳу се рӯз, ки худи ба бағалаш гурбаи сиёҳ даромадагӣ барин муносибати модарарӯсам бо ман якбора дигар шуд. Гӯё ситораи ману занамро не, ситораи ману модари занамро рӯ ба рӯ монда бошанд, ҳар гап баҳона, рӯзамро сиёҳ карданӣ мешуд, бо теғи нигоҳаш диламро торс мекафонд. Намемонд, ки дами беғам занам.

Чӣ илоҷ? Барои он ки дуди хона аз мӯрӣ боло нахезаду ҳамсояҳо ба ҳоли мани хонадомод нахандадн, бадард бошад ҳам, лаб мегазидам. Ҳар рӯз аз қавоқи модарарӯс шаб мешуду ҳар моҳ аз пичингҳои ӯ ранг мегирифт. Тарсидам, ки ранги беранг ба мӯйи сарам наафтад. Мӯйи сафедро таги тоқӣ гирифта наметавонӣ-ку!

— Ассалом, модарҷон, - аз хонаи хоб баромадан замон гуфтам, - ба димоғи гулбӯятон кӣ оташ зад, ки сӯхтагӣ? Чаро маро, ҳамин домоди баландболо,.. вале каллаварам (инашро пичирросзанон мегӯям)-ро чашми дидан надоред? Худаш чӣ гап-а? Ягон бало зад магар?

Хушдоманам кунҷи лабонашро буни гӯш бурда, заҳрханд мекунад.

— Бало не, наҳзаниҳоят аз бало ҳам бадтар. Беҳуда «оби дари хона тира» намегӯянд. Агар ту, такасалтанг, ба қадри ин хел паризод мерасидӣ, Гулпария духтари таърифияш беҳунар, на пухта метавонаду на дӯхта, на шуста метавонаду на дарзмол карда намегуфтӣ. Аз гӯшат пахтаро каш! Обрӯи моро мерехтагӣ мардак ҳоло таваллуд нашудааст.

— Чӣ хел наҳзанӣ, буваҷон?

— Маро бекалла гумон накун! Ба ту калларо нишон медиҳам. Ана, вай қоматашро боло мегирад, - шукр кун, ки духтари зоча баринамро ба ту, ландаҳур, додам. Агар ҳамин кукла Барбӣ намебуд, хонаву дари обода дар хобат медидӣ… Афсӯс, афсӯс, агар ин қадар таъриф намекарданд… хушрафтор, ширингуфтор, беозор, гапдаро… Гӯра ширингуфтор… Э, ваҳ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Вай сарашро медорад, - оҳ, паридухтарро ба домони ҷаннат не, ба бағали дӯзах партофтам-а…

Аз ғазаби даҳшатбор ду рӯйи хушдоманам мисли офтоби нимғуруб сурх шуд.

— Модари азиз, шуморо нафаҳмидам. Гӯед, гапи беасос чӣ даркор?

— Чаро даркор набудааст?! – фарёд зад ӯ ва гӯё рӯдааш канда шуда бошад, шикамашро дошт, - савол, ки додӣ, акнун гӯш кун! Аввал духтарам беҳунар не. Ягон кор намеёбӣ, ки аз ӯҳдааш набарояд! Мӯяш шона кардагӣ? Ҳа! Абрувонаш чиндагӣ? Ҳа! Хонаро рӯфтагӣ? Албатта! Дастархонро мегундорад? Бале! Мегӯӣ, ки хӯрок пазад – шӯр, дег шӯяд – равғанаш мемонад. Не, духтарамро забонкӯтоҳ карда наметавонӣ.

Хушдоманам аз ҷой хеста, ду даст ба миён мегузорад.

— Дурӯғгӯӣ бас! Агар хӯрокаш шӯр бошад, нахӯр! Ҳу, ошхона. Дег ношуста бошад, ана об, дастат шал не. Агар ягон пазандаи беҳтар, шӯрбои ширин, палови қандин, шӯлаи бенамак мепухтагӣ ёфта бошӣ, чор тарафат қибла!

— Буваҷон, охир маро ҳайрон накунед. Ягон бор наҳ назадаам. Баъзан бо ҳазлу шӯхӣ маслиҳат медиҳам, ки паловро чӣ хел мепазанд? Туппаро аз угро чӣ хел фарқ мекунанд?...

Вай ҳамоно ба даҳонам мезанад.

— Мӯҳтоҷ не, духтарам ба маслиҳатҳои ту барин тайёрхӯр! «Кар ҳам заду кӯр ҳам зад, пасмонда кулӯхам зад», - гуфтаанд азизу авлиёҳо. Дигар умедвор нашав, духтарам ба лаби дегу сари оташдон намеравад. Эҳ, барои ту дастони нозукашро шахшӯл кунад-мӣ?

— Майлаш, модарҷон, худам мепазам, худам мешӯям… Натавонам, аз шумо мепурсам…

— Ҳой, ин қадар модари меҳрубону хушдомани азиз, шумо доно, натавонам ёд медиҳед гуфта, гаранг накун!

— Хайр, гапатон тамом шуд?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Не-дия? Як дунё гап дорам. Акнун сар кардам. Ҳа, оқибаша ёфта наметавонӣ. Якаш ҳамин ки дигар ба либосшӯию орову торояш кордор намешавӣ. Охир, вай пир не, лӯхтак барин духтар, дилаш пури орзу. Мебинӣ-ку, ману Мардон Полвонович, - ба сурати шавҳараш ишора мекунад, - ягон гапи Барбиҷонро ду накардаем. Мон, ки пӯшад. Агар нав ба нав либос харида натавонӣ, ман мехарам.

— Ман равам, майлаш?

— Не, гуфтам-ку, гап бисёр. Шунидам, ки модарат «аз ту барин келини сатанг безор» гуфтааст. Гӯё овози ман дағал будаасту пардаи гӯшҳояшро харошида аст.

Сар бардошта, нигоҳ кунам, болои бинию манаҳи хушдоманамро арақ зер кардааст.

— Ба гапҳои модарат чӣ мегӯӣ? Ин гапҳои модарат дар ҳаққи ман, ки духтарамро бо хонаву чизу чора ба ту додам, беҳурматӣ не-мӣ?

— Агар очаҷонам ин хел гуфта бошанд, нағз нашудааст. Илтимос мекунам, дигар ин хел гапҳоро ба даҳон нагиранд.

— Илтимос не, фаҳмонда деҳ, ки бо ман масхарабозӣ накунад! Ман аз вай мегуфтагиҳо не. Медонӣ, Мардон Полвонович кӣ? Ин каса тағояш кӣ? Инҳо ҳама шох, решаи дарахт дар об. Бӯйи гап ба димоғаш расад, тамом! Фаҳмо?

— Ҳа, модарҷон, ҳа, буваҷони меҳрубон.

— Дар ёд дорӣ, духтарам ба муаллимаш дарс мегуфт?

— Ҳа.

— Агар донӣ, чиба мӯдарози ақлкӯтоҳ гуфтӣ? – чиррос зад ӯ. – Рангаш аз оҳак сафедтар шуда буд. Ҳа, дониста мон. Ба мо ҳар хел ҳазлу шӯхӣ, дӯғу пӯписа намефорад. Бачаи мурғ мурғу бачаи парӣ парӣ мешавад. Ман модари ҳамин парӣ.

Дидам, ки аз дасти албастӣ илоҷи гурез ҳасту аз дасти хушдоманам не, худро чун актёр дар саҳнаи театр тасаввур кардам.

— Э, модарҷон, маро бубахшед. Гапҳоятон сад дар сад ҳақ, очам шири хом дода будааст, ба ҳамааш худам гунаҳкор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Меҳрубон, ки ҳастед, дилатон ба ман месӯзаду хуни ҷигар шуда насиҳат мекунед. Олиҳа шумо, ана барои чӣ дилатон ба ман месӯзад. Ба некиатон ташаккур. То зинда ҳастам, шуморо минбаъд бувачони Гулпарӣ мегӯям. Оқилу доно, меҳрубону ғамхор, зебову ҷаҳоноро, хиромонқадаму кабкрафтор гуфта, сифат мекунам. Ҳа, дигар ба васвасаи шайтон, мебахшед, ба гапҳои шайтон намедароям. Барбичон ҳасту шуморо ёфтам. Ҳамту не, Гулпариям, модарам?

— Ҳа-дия, - гуфт ӯ. Дидам, ки табассум мекунад.

Бинед-а, мадҳу сано одамро мот мекардааст. Инро ҳамин лаҳза фаҳмидам.

## ХАЗИНАИ БЕТАГ

Сӯҳбати ҷавони сатанге бо зани ҳампаҳлӯяш қаймоқ мебаст.

— Дар замони бозсозӣ бахтам хандид, - гуфт ҷавон лабханде карда. – Пеш сад сӯм маош мегирифтаму ифтихор мекардам. Ҳозир бошад, ҳазор доллар барои ман пул нест. Порсол як рафиқам даҳ ҳазор доллар қарз гирифту номардӣ карда, пулро надод. Хайр, ҳозир мӯҳтоҷи он нестаму дар омади гап як гуфтам-дия. Охир, қарз гирифтагиҳо беҳисоб. Медонед, бародари завҷаам бист ҳазор доллар, писари амакам бисту панҷ ҳазор доллар, муаллими қишлоқамон панҷ ҳазор доллар, хоҳарзодаи модарам ҳафт ҳазор доллар аз ман қарздоранд.

Зан гапи ҷавонро бо даҳони боз гӯш карда, мисли дунбаи карти бадегафтода об мешуд.

— Мошини чопи пул доред чӣ? – бо ноз пурсид зан.

— Худо медиҳам гӯяд, мошин-пошин ҳам даркор набудааст.

— Баногоҳ-ку роҳбари ягон корхонаи калон нестед?

— Он пуле, ки ман дар як рӯз меёбам, калонҳо дар як сол ҳам ёфта наметавонанд.

— Ё аз бобоятон мероси калон мондааст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ҳа, хазина дорам. Бетаг вай. Ин хел пула бисёриҳо дар хоби шабашон ҳам намебинанд.

— Мумкин устоди Донишгоҳи олӣ бошеду пул худаш ояд?

— Э, монед-е, дасташро ба китфи зан партофта, - гуфт ҷавон, - на ҳамаи муаллимон аз ӯҳдаи порагирӣ мебароянд. Барои ин лабу лунҷ ва гурдаи калон даркор. Як ҳамсоям муаллим. Бечора, маошаш ҳатто ба рӯзгузаронӣ намерасад. Аз ман доимо қарз мегирад. Ман ба вай пула қарз не, ҳамту медиҳам. Биёед, ин гапҳоро як сӯ монему... Медонед, ба шумо гарданбанди тилло мезебад. Агар розӣ шавед, худи ҳамин рӯз тӯҳфа мекунам.

Вақте ки зан ин суханонро шунид, ихтиёр аз даст дод.

— Маро ин қадар азоб надода, гӯед, ки долларҳоро шумо аз куҷо меёбед?

Ҷавон бо ҳавобаландӣ пойҳояшро болоиҳам гузошт ва сигор оташ дода гуфт:

— Аз бизнес. Ҳозир давр даври бизнесменҳо. Ҳама бӯстонсарову мошинҳои гаронбаҳои хориҷӣ доранд. Доллару зару зеварашон беҳисоб. Дубай, Карочӣ, Хитою Бишкек барояшон бозори «Корвон» шудагӣ. Ман аз онҳо болотар. Фақат аз просенти пулам ҳар сол ҳазорҳо доллар даромад дорам...

— Аз рӯйи гапатон шумо нашъаҷаллобед. Ҳамту не? Дар ин замон ин хел пули калонро фақат нашъаҷаллобон доранд. Ё хато кардам?

— Нашъаҷаллобӣ як шохаи бизнеси ман аст.

— Дигар шохаҳо кадоманд?

Ҷавон хандида гуфт:

— Агар ҳамаи сирру асрори бизнесамро гӯям...

— Махфӣ бошад, нагӯед ҳам мешавад. Занатон чӣ хел хушбахт бошанд?

— Сад афсӯс, ки хато кардед. Орзуи ман шумо барин зани нозанину паризод доштан буду... Ҳайҳот, ки бахтам нахандид. Ба зане вохӯрдам, ки... бовар кунед, садои чирросиаш танҳо гӯшамро не, баданамро ҳам сӯрох кардааст. Ана, барои чӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба хона рафтан намехоҳам. Аз шарм пеши ҳамсояҳо замин намекафад, ки дароям…

Дуди сигор даруни автобусро пур кард. Ронандаи дуюм ба назди ҷавон омаду ӯро ҳамоно шинохт.

— Ҳа, сакалтуи аблаҳ! Чӣ хел савор шудӣ, ки ман надида мондам?! Дина роҳкиро надода, дума хода кардӣ. Ин дафъа нағмаат кор намедиҳад! Канӣ, тез фаро!

Вай паст наомада, бо ронанда дастбагиребон шуд. Мусофирон ба ҷанҷоли онҳо нигоҳ карда, яке завқ мебурду дигаре бо нафрат менигарист. Автобус истод. Ронанда «бизнесмен»-ро аз дар тела мекарду ӯ фуромадан намехост. Зан ба кашмакашиҳои онҳо тоқат накарда, ба ронанда гуфт:

— Ин касро бо ягон фиребгар монанд кардед. Аслаш ин кас одами зӯр, серпул…

Ҷавон гӯё ба даҳон об гирифта бошад, чизе нагуфта аз автобус берун шуд.

## ИХТИРОИ ОДДӢ

Саҳар буд ё чошт, дар ёд надорам. Ҳаминаш аниқ, ки рӯзи истироҳат буд. Зеро завҷаам худро ба майли том оро дода, чун лӯхтаки зебо ба пешам омад.

— Ин қадар шип-шип берун баромада хонаи бе ин ҳам сардро яхдон накунед, - фармуд ӯ, - нағзакак дам гиред, ҳамту, ки аз тӯй омадам, рост ба театр мебаред. Мегӯянд, ки арӯсон исён мекунанду Маршалкампирро заложник мегиранд.

Китоб гирифтаму айнакро болои бинӣ ҳамоил карда, ба болои диван дароз кашидам. Аранг шунидам, ки завҷаам мӯзаи пошнабаландашро тақ-таққунон берун рафт ва дар тараққос пӯшида шуд.

— Офарин! – гуфтам ихтироъкори инглисро ба ёд оварда, - аҷаб қулфе сохтӣ, бе калид ҳам худаш маҳкам мешавад.

Аз байн чанд дақиқа нагузашта, дарро сахт кӯфтанд. «Оббое, ин занак аз саросемагӣ оиначаашро нагирифтагист, ки баргашт, ҳамин хаёл ба сарам заду диламро ларзонд. Ин мӯйдарози ақлкӯтоҳ то кай аз роҳ мегашта бошад?...»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо дили нохоҳам аз ҷой хеста, ғур-ғуркунон дарро кушодам. Бинам, ду ҷавони хушмӯйлабу ба қавле, барзангӣ, яке дар даст тӯрхалтаи пур дошту дигаре дар даст халтаи холӣ.

— Братан, шишаҳои холии қозгардан дорӣ? – пурсид яке, дандонҳои тиллоияшро нишон дода.

— Шишаи холиро чӣ кор мекунед?

— Чӣ кор мекардем, мехарем?! Об пур карда монем ҳам, зеби дастархон мешавад.

— Не, шишаи фасони хориҷӣ надорам.

Ҷавони дандонтилло писханд зад:

— Ба араќи простой харидан ҳам зӯраш намерасидагӣ барину саволборонаша бинед-а.

Ман чизе нагуфта, онҳо дарро бо зарба пӯшиданд. Аз гупгупи поймонӣ маълум, ки онҳо ба ошёнаи боло мебароянд.

Симҳои диванро ғичиррос занонда боз ба бистар даромадам. Ба китоб дигар нигоҳ ҳам накардам. Нав ғанаб мебурд, ки боз садои даркӯбӣ баромад.

— Ширу қатиқ, қаймоқ, - шунидам аз дари нимроғ. Бинам, духтарчае аз хунукӣ дарақ-дарақ меларзад. Дасти лучаш суп-сурх, худи мағзи тарбузи Мирзочӯл барин.

— Ширу қатиқ дорем, - гуфтам хиҷолатмандона аз он ки ба ҳоли духтарак дилам сӯхт.

— Қаймоқ чӣ?

— Ҳаст, бегоҳӣ Биназокат овард.

— Оббо, ин ҳаннот аллакай омад? О, вай ба қаймоқ чурғоти нав меандозаду ба шир оби хунук. Агар хоҳед, нағзаша худам меорам.

— Майлаш, даркор шавад, хабар медиҳам.

Духтарча дасти аз хунукӣ ларзонашро молида-молида, сумкаи калонро мебардорад.

— Пул надошта бошед, насия ҳам медиҳам, - гуфт ӯ раҳравон.

Дарро пӯшидам, аммо ба назди тиреза нарафта, онро боз кӯфтанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Фатири обаш аз ширу равған намехаред? – дарро кушодан замон пурсид зани бадқавоқ. – Нони гарм ҳам дорем. Навакак аз танӯр кандагӣ. Шумо шояд лаззати нони танӯрия надонед?... Агар аловаш аз ғӯзапоя бошад… Хайр, нишолло баркашам?

— Мо аз нишолло парҳез, зарар мекунад.

— Ин хел бошад, маска гиред.

— Дина гирифтем, маскае бо кӯфтаи шакалод.

— Ақаллан собун гиред «Дав» номаш. Кӯмурфурӯшу мардикор бошед ҳам, пӯсти рӯятона чунон сафеду мулоим мекунад, ки…

Ман бо завқ механдам.

— Навдомод не, ки пӯсти мулоим даркор бошад, - мегӯям хандаро бас карда.

— Ман хасис гӯед, монед-дия, - масхара мекунад зан чеҳраашро офтоби аз зери абр баромада барин шукуфонда…

Нонфурӯш нарафта, дар паҳлӯям ҷавонеро дидам. Аз ӯ гупосзанон бӯи нос омада, ҳатто пашшаҳоро гурезонд.

— Ана, амакӣ, носи Носир, инаш аз Кӯлоб, ана инаш…

— Нос лозим не. Аз газит нахондӣ «нос ва кӯчаҳои ифлос» навиштаанд.

— Эҳ-ҳа, шон ба зӯраш гузаштагӣ, ба гера, аз қавоқи овезонатон маълум.

— Э, дафъ шав-е бо ин маҳмадоногиат! – мегӯям ман.

То омадани завҷаам чанд бор дарро кушодам, ба ёдам нест. Ҳаминашро медонам, ки ба шумурданаш ангуштони ҳарду дастам нарасиданд. Мардум чиҳо оварданд: гӯшту намак, гӯгирду сигор, ширу тухм, собуну хамира, картошкаву пиёз, сабзиву помидор… Яке «Тайд»-ро таъриф мекарду дигаре «Фейрӣ»-ро. Сеюмӣ омада гуфт, ки куртаамро барф барин тоза карданӣ бошам, хокаи «Барф»-ро харам. Чолу кампир омада, суруд хонданду пире садақа талабид. Садақа радди бало будааст.

Бегоҳ завҷаам ҳалми пазон омад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Гӯр бозаргониву муносибатҳои бозориаш шавад, - гуфт оҳу воҳ карда, - дар роҳ даҳ бор доштанд-а. Ина мехаредмӣ, вая мехаред-мӣ?

Ман пиқ-пиқ хандидам.

Вай сар бардошта, кунҷковона ба ман нигоҳ кард.

— Вай шӯрам хушк шавад! Қавоқҳоятон ин қадар варам. Ё саҳар боз ноҷунбон хобидед?

— Не, варам аз бедорхобӣ, - оҳ кашидаму ҳамаашро як ба як гуфтам.

— Шумо саҳар хеста меравед, азоби хонашиниро акнун дидед. Аҳволи ман ҳар рӯз ҳамин. Хайрият, ки имрӯз барқ набуд. Набошад, ҷаранг-ҷаранг занг заданашон задагӣ, - шикоят кард завҷаам театрро аз ёд бароварда.

Сари маслиҳат нишастем. Чӣ кор кунем, ки аз кушоюпӯши дар соф шавем?

— Беҳтараш занги дарро меканем.

— Намешавад, занг набошад, дарро мекӯбанд, дасташон банд бошад, лагад ҳам мезананд, - гуфтам ман, таклифи занамро қабул накарда.

— Хайр, биёед, ба дар тахтача овехта, «эҳтиёт шавед, саги газанда» нависем.

— Ту аҷаб сода-куя. Аз Худо наметарсанду… тиру туфангро писанд намекунанду аз аккоси саг метарсанд-мӣ?

Занам якбора ба ракс даромад.

— Ёфтам, мардакҷон, ихтирои нав!

— Чӣ ёфтӣ? Чӣ хел ихтироъ вай?

— Пахтаро тар карда, ба гӯшҳоямон тиққонем, на садои зангро мешунавему на тақ-тақи дарро.

Ихтироъ маъқул шуд. Акнун гӯшҳоямон орому диламон тинҷ. Ҳарду бо имою ишора гап мезанем. Аммо аз чӣ бошад, хешу табор ва ёру дӯстони қадршинос ҳангоми вохӯриҳо ало-ало нигоҳ мекунанд? Ё моро намешиносанд ё гардиши айёмро ҳис намекунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ЛАТИФАҲО

## ГУФТУГӮ

Марде ба занаш гуфт:

— Гапро нагардон, занак! Духтур гуфт, ки «майнаам дардманд» шудааст. Агар маҳмадоногӣ кунию зада кушам, маро ба ҷавобгарӣ намекашанд.

Зан лабханде карда гуфт:

— Ёру дӯстон беҳуда «ҳушёр шав, ақли шавҳаратро дуздидаанд» намегуфтаанд-дия.

## ОБИ ДИДА

Зане аз олам даргузашт.

— Занат мурду чаро гиря намекунӣ? Ё дӯсташ намедоштӣ? – пурсиданд аз шавҳараш.

— Мегиряму… оби дидаам намеояд, - гуфт мард дар ҷавоб.

— Наход дидаат тамоман беоб бошад?

Мард оҳ кашида гуфт:

— Раҳматӣ як умр бо ҳар баҳона маро мегирёнд. Дигар оби дидаам намондааст.

## АЗ КУҶО ЗАНГ МЕЗАНЕД?

— Рӯзе нест, ки занак майнӯшиамро дида, ҷанҷол набардорад. Намедонам, чӣ кор кунам? – арз кард майзада ба ҳамсояаш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ин тавр бошад, ба ҷое равед, ки пазмон шавад, - маслиҳат дод ҳамсоя.

Майзада баъд аз чанд рӯз занг зад.

— Бародари азиз, маслиҳататонро иҷро кардам.

— Аз куҷо занг мезанед?

— Аз ҳушёрхона, - гуфт ӯ дар ҷавоб.

## КАШОКАШ

Давлатманде пеш аз хоб ба зери болишт заҳр гузошт.

— Қасди худкушӣ дорӣ? – пурсид занаш.

— Аҳмақ нашудаам, - посух дод маънидорона шавҳараш.

— Набошад, ин кор чӣ маъно дорад?

Мард гуфт.

— Чанд шаб аст, ки шайтон маро аз роҳ зада бо ту васл карданист. Рафту ин шаб ҳам ояд, заҳр дода мекушам.

## ГӮР НОДОРӢ ШАВАД!

Зане ба дугонааш арз кард:

— Нодорӣ ҳам ба дилам зад. Гӯр нодорӣ шавад!

— Боз чӣ шуд? – пурсид дигарӣ.

— Аз ғами бечорагӣ ҳамин шаб худро қариб оташ зада будам.

— Шавҳарат халал расонд?

— Не, ӯ дар чойхона буд.

— Аз қавлат гаштӣ?

— Не, - гуфт ӯ, - дар хона гӯгирд набудааст.

## ҶАВОНИ ПОК

— Ба ту чӣ хел ҷавон бештар маъқул? – пурсиданд аз духтаре.

— Ҷавоне, ки тамокукаш, майхора набошад, занбозию беҳудагардӣ накунад, дузду авбош ва фиребгару дурӯғгӯй набошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Дар ин замони бесарусомон ин гуна ҷавонро дар ягон ҷо оё дидаӣ?

— Ҳа.

— Дар куҷо? – бо ҳаяҷону бо изтироб пурсид ҳамсӯҳбаташ.

— Дар хоб.

## ХУШҲОЛӢ

Духтур баъд аз муоина ба бемори сарватманде гуфт:

— Мабодо наранҷед. Рентген нишон дод, ки дилатон на дар тарафи чап, балки тарафи рости сандуқи сина ҷойгир будааст.

— Маро хеле хурсанд кардед, - гуфт сарватманд табассумкунон.

— Чӣ хел?

— Чанд сол аст, ки, - гуфт ӯ оҳ кашида, - зани ҷанҷолиам қасди маро куштан дорад. Агар нохост кордро ба тарафи чап занаду ман намурам, аз тарс худаш талхакаф мешавад.

## ЗӮР НАБОШӢ...

Духтаре аз булҳавасе пурсид:

— Ту аз ӯҳдаи муштзанию лагадкӯбӣ мебароӣ?

— Не, - гуфт ҷавон сурху сафед шуда.

— Набошад, тирпаррониро метавонӣ?

— Ин ҳунарро ҳам надорам.

— Беҳунар бошӣ, дигар аз пасам нагард.

— Чаро? О, ман туро дӯст медорам!

Духтар табассум карда гуфт:

— Дар ин замон дӯстдорӣ кам, муштзӯрӣ даркор, вагарна гулпариатро ҳатман аз оғӯшат мебаранд.

## КУНҶКОВ

— Марде, ки туро ҳар рӯз бо мошинаш оварда мемонад, кист? – пурсиданд аз ҷавонзане.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Бародарам, - гуфт ӯ бо лабханд.

— Чӣ хел бародарат? О, вай вақти хайрухуш туро мебӯсад-ку.

Ҷавонзан гуфт:

— Шумо аҷоиб кунҷков будаед! Чӣ бӯса накарда, оғӯш кунад?

## ДӮЗАХ

— Дадош, аз гапи нав хабар доред? – пурсид зане аз шавҳараш

— Не, -гуфт мард. – Чӣ хел гапи нав?

— Аҳмади майзадаву нашъаманд ба Маккатуллоҳ мерафтааст.

— Нашунидаму шунидан ҳам намехоҳам.

— Чаро?

— Ту шояд хато фаҳмида бошӣ, - гуфт мард. – Майзадаҳоро Маккатуллоҳ не, дӯзах қабул мекунад.

## БОЗ ДАР БАЛО НАМОНЕМ?

Зане ба шавҳари хасисаш гуфт:

— Одамон рӯзи тӯй ба фарзандонашон мошинаву хона ё бӯстонсарой тӯҳфа карда истодаанд. Агар розӣ бошед, мо ҳам калиди хонаро ба домод диҳему падару модарашро шод кунем.

— Не, не! – хитоб кард мард саросема.

— Чаро не мегӯед?

Мард гуфт:

— Падару модари домод касалманд будаанд. Баногоҳ аз хурсандӣ дилашон кафад, дар бало мемонем!

## НОЗ КУНЕД!

Ҳамсоязанҳо ба якдигар шикоят карданд:

— Шавҳарам марди танбали коргурез аст, - гуфт яке.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Аз они ман, - гуфт дуюмӣ, - тундмиҷози дағалгуфтор. Агар пул пурсам, аз димоғаш дуд мебарояд.

— Марди ман, - гуфт сеюмӣ оҳи чуқур кашида, - занбозу фиребгар аст. Гап занам, ҳамоно мушт мебардорад.

Зани Афандӣ, ки дарду ҳасрати онҳоро мешунид, гуфт:

— Эҳ, дугонаҳо. Хоҳед, ки шавҳар аз хатти кашидаатон набарояд, ноз кунед! Гуфтаанд-ку… зани беноз фатири бепиёз.

## ОРОМИИ МУВАҚҚАТӢ

— Хайрият, ки чанд рӯз боз бо шавҳарат ҷанҷол накарда истодаӣ? – гуфт ҳамсоязане ба дугонааш.

— Ин оромии муваққатӣ, - гуфт ӯ табассум карда.

— Наход боз ҷанҷол бардорӣ?

Зан гуфт:

— Дар пеш иди 8 март, агар хушомад назанам, аз тӯҳфа бенасиб мешавам.

## БА ДИЛАМ ЗАД

— Алиментдиҳӣ ҳам ба дилам зад, ягон роҳи халосӣ мекобам, - шикоят кард шахси миёнасоле ба ҳамкораш.

— Бачаи аз ҳама хурдат чандсола? – пурсид дигаре.

— Яксола, - гуфт ӯ оҳ кашида.

Афандӣ, ки он ҷо буд, ҳозирҷавобӣ кард:

— Фарзанди хурдат яксола бошад, мурда аз алиментдиҳӣ халос нашавӣ, зинда халос шуда наметавонӣ.

## РӮЗИ ИСТИРОҲАТ

— Уф, пагоҳ боз рӯзи истироҳат, - шикоят кард шахсе ба дӯсташ. – Дилам мехоҳад, ки ҳар рӯз кор бошад.

— О, рӯзи истироҳат хуб нест магар? Баҳузур дам мегирӣ.

— Не, ман дар ҷойи кор дам мегирам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Чаро?

— Дар хона бошам, - гуфт ӯ оҳи пурдард кашида, - занам мурданивор кор мефармояд.

## ЛИБОСИ НАВ

— Корҳои хонаро дар хонаатон ҳам бо либоси оҳарӣ мекардед? – пурсид хушдоман аз арӯси нав.

— Не, бо либоси корӣ, - гуфт арӯс ҳайрон шуда.

— Набошад, барои чӣ ин ҷо либоси корӣ намепӯшед?

Арӯс бо заҳрханда гуфт:

— Барои он, ки наварӯс буданамро фаромӯш накунед.

## НАМЕХОҲАМ, КИ...

Шахсе пас аз марги занаш чанд сол муҷаррад гашт. Аз ӯ пурсиданд:

— Наход умри боқимондаатро дар танҳоӣ гузаронӣ? Зан гирӣ намешавад?

— Зане мекобам, ки бе модар бошад, - гуфт ӯ.

— Чаро?

Мард лаҳзае фикр карда гуфт:

— Хушдомани аввалаам зинда. Намехоҳам, ки байнашон ҷанҷол хеста, рӯзам сиёҳтар шавад!

## АКСТАРОШӢ

Ҷавоне ба ҳамкораш арз кард:

— Даҳ сол аст, ки хушдоманам акси маро аз девор метарошад. Намедонам, ки ин кор то кай давом мекарда бошад?

Афандӣ, ки он ҷо буд, лабханде карда гуфт:

— Аксатонро ба девор накашед-дия.

## ҚАРЗИ ХУДО

Пиразане ба духтур арз кард:

— Бехобӣ маро азоб медиҳад. Маслиҳат диҳед, чӣ кор кунам?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Шавҳар доред? – пурсид духтур.

— Не, надорам.

— Аз ягон кас-ку қарздор нестед?

— Молу пул нею ҷон қарздорам.

— Аз кӣ?

— Аз Худо.

Духтур:

— Сабр кунед. Ҳамин, ки қарзи Худоро додед, хобатон нағз мебарад.

## КӮРУ КАРУ ГУНГ

— Тақсир, чанд сол аст, ки зану хушдоманам ҷанҷолу хархаша карда, маро азоб медиҳанд. Чӣ кор кунам, ки ором бошам? – пурсид шахсе аз Афандӣ.

— Дар синну сол шумо калонед ё онҳо?

— Ман, - гуфт ӯ оҳи чуқур кашида.

— Дар ақлу тамиз чӣ?

— Боз ман.

Афандӣ гуфт:

— Хоҳед, ки набинеду нашунавед, кӯру кару гунг шавед.

## ИЛТИМОС, КӮМАК РАСОНЕД

Зане ба идораи милиса занг зада гуфт:

— Се рӯз аст, ки шавҳарам ба хона намеояд. Зинда ё мурда, намедонам. Илтимос, дар ҷустуҷӯяш кӯмак расонед.

— Ҷойи корашро медонед? – пурсид навбатдор.

— Кор намекунад. Нафақахӯру доим маст аст.

Навбатдор гуфт:

— Алкаш бошад, ба ман не, ба ходими ҳушёрхона ё ба маъмури мурдахона занг занед!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КӢ, КАЙ ХОНА МЕОЯД?

Шахсе аз ҳамкадаҳаш пурсид:

— Рафту ба хона дер ой, занат мағал мебардорад?

— Не, - гуфт дигарӣ бепарвоёна.

— Наход занат хавотир нашавад?

Мард оҳ кашида гуфт:

— Худаш нисфи шаб меояд. Аз куҷо донад, ки ман кай омадаам.

## БА ҶАВОНИ ГУНГ

— Ту ба чӣ хел ҷавон ба шавҳар баромадан мехоҳӣ? – пурсиданд дугонаҳо аз духтаре.

— Ба ҷавони гунг, - гуфт ӯ бо ҷиддият.

— Чаро?

Ӯ оҳи чуқур кашида, гуфт:

— Намехоҳам, ки мисли шавҳари Гуландом маро ҳар рӯз ноӯҳдабаро гуфта, дашном диҳад.

## БЕҒАМӢ

Зане аз дугонааш пурсид:

— Шавҳарат чӣ мехӯрад, ки хук барин фарбеҳ шуд?

— Гӯшҳояш вазнинанд, - гуфт дигарӣ.

— Фарбеҳӣ ба гӯшҳо чӣ дахл дорад?

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Касе, ки оҳу нолаи мардумро намешунавад, албатта, ғам намехӯрад. Беғамӣ-дия, одамро фарбеҳ мекардагӣ.

## ДУ ШАВҲАР

Зане аз дугонааш, ки дар корхонае кор мекард, бо умед пурсид:

— Хислати сардоратон нағз, кирои ҳамроҳ кор кардан будагист?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Не, хеле бад. Ба ҳар гапу кор часпида, баҳудаву беҳуда дӯғ мезанад, - гуфт дигарӣ.

— Ин тавр бошад, аризаамро мегирам.

— Чаро?

Зан гуфт:

— Ду шавҳар доштан намехоҳам!

## ФИКРУ ХАЁЛИ БИСЁР

— Шавҳарат чӣ ғаму ғусса дошт, ки аз дунё ин қадар бар-вақт рафт? – пурсиданд аз ҷавонзане.

— Аз фикру хаёли бисёр, - гуфт ӯ маъюсона.

— Ин қадар хаёли чӣ буд?

— Фикру хаёли нархҳои озод, - гуфт ӯ дар ҷавоб.

## ГАПГУЗАРОНӢ

Аз зани серманаҳ пурсиданд:

— Даҳони кушода хуб аст ё баста?

— Кушода, - гуфт ӯ саросема.

— Чаро?

Афандӣ, ки он ҷо буд, табассум карда гуфт:

— Агар даҳонаш баста бошад, бо шавҳараш чӣ хел гапгу-заронӣ мекунад?

## ДАШНОМИ НОШИНОС

Телефон занг зад. Мард гӯширо набардошт.

— Чаро гӯширо намебардорӣ? – пурсид зан.

— Худат бардор! – гуфт мард бақаҳр.

— Боз чӣ шуд, ки бадқаҳрӣ?

Мард гуфт:

— Намехоҳам, ки шиносат овозамро шунида, маро боз дашном диҳад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## НОДОНӢ

— Гӯр нодониям шавад, - арз кард зане ба дугонааш. – Аз рӯзе, ки шавҳар кардам, мардакам ман кар, гапро намешунавам мегуфту мани сарсахт бовар мекардам.

— Чӣ, кар набудааст? – пурсид дигарӣ.

— Ҳа, ҳама гапро мешунидааст.

— Ин хел бошад, сиррашро чӣ хел ошкор кардӣ?

Ӯ гуфт:

— Рӯзе бо телефон бо дӯстдоштаам паст-паст аз ишқу муҳаббат ҳарф мезадам. Гапҳоямро шунида, чунон ҷанҷол бардошт, ки пеши ҳамсояҳо аз шарм замин накафид, ки дароям.

## ЧИЗЕ НАМОНД...

— То кай бекор мегардӣ? Ба кор дарой, намешавад? – гуфт зан ба шавҳараш, ки шаборӯз пеши телевизор менишаст.

— Ба кор рафтанам – бефоида, - гуфт мард хамёза кашида.

— Чӣ хел бефоида?

Мард носи даҳонашро туф карда гуфт:

— Дар корхона баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ чизи медуздидагӣ намонд.

## ЗАНИ ХОНАДОР

Аз шахсе пурсиданд:

— Ту то кай оиладор нашуда, умратро мисли дарахти бесамар мегузаронӣ?

— Барои зангирӣ пул надорам, - гуфт ӯ маъюсона.

— Хонаатро фурӯш, - маслиҳат доданд ба ӯ.

— Бехона монам, кӣ бо ман хонадор мешавад?

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Ғам нахӯр! Пулдор, ки шудӣ, зани хонадорро ёфтан осон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ОДАМИ ҒАЛАТӢ

Нисфишабӣ зан шавҳари ширакайфашро бедор карда гуфт:

— Мардак, хезед, тезтар хезед, ба хонаи ҳамсоя дузд даромадааст!

Мард чашмонашро нимроғ карда, хоболудона гуфт:

— Ту, занак, аҷаб одами ғалатӣ ҳастӣ. Дузд ба хонаи ҳамсоя даромадаасту ту бошӣ, маро бедор мекунӣ!

## ҚАРТАБОЗӢ

Зане аз шавҳараш пурсид:

— Вақтҳои охир тез-тез ба хонаи ҳамсоя даробаро дорӣ. Ё бо Петка арақхӯрию қартабозӣ мекунӣ?

— Петка дар сафар, - гуфт ӯ бепарвоёна.

— Петка набошад, ту дар он ҷо чӣ кор мекунӣ?

Мард хамёза кашида гуфт:

— Занаш ҳам қартабоз.

## ДОРУИ ЗАҲРНОК

— Одам, ки пир шуд, ақлашро мехӯрдааст, - арз кард зане ба дугонааш.

— Барои чӣ аз коҳиши ақл шикоят мекунӣ? – пурсид дигарӣ.

— Қариб буд, ки бечора хушдоманамро кушта монам.

— Наход? Худо нигаҳ дорад-э.

— Ҳа, ману шавҳарамро ҷанг андохта, ногаҳон фишори хунашон баланд шуд.

— Баъд чӣ кор кардед?

Зан гуфт:

— Аз саросемагӣ доруи пашшакуш додаам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТАБРИК

— Рӯзи 8-ӯми март янгаат маро бо ид самимона табрик гуфта, тӯҳфаҳои гаронбаҳо дод, - гуфт ҷавони навхонае ба шиносаш.

— Занат-ку девона нест? Барои чӣ туро бо иди занон табрик мегӯяд? – пурсид дигарӣ ҳайрон шуда.

Ҷавон лаҳзае фикр карда гуфт:

— Надонам. Корҳои хона ба зиммаи ман аст, шояд барои ҳамин бошад?

## НОШУКРӢ

Зане бо қаҳр ба шавҳараш гуфт:

— Ин чӣ гап-а? Аз рӯзе, ки туро шавҳар кардам, даҳ сол гузашту ҳеҷ не, ки якамон ду шавад. Дар хона шиштагиат шиштагӣ…

— Забон дорам гуфта, ҳар гапро гуфтан мегирӣ? – гуфт мард хамёза кашида. – Ношукрӣ накун!

— Гапҳои хушку холӣ чӣ даркор?

Мард гуфт:

— Ба ту ҳайронам. Охир, панҷ фарзанд ёфтем. Ту бошӣ, якам ду нашуд мегӯӣ. Ба ту боз чӣ даркор?

## ХАРОНИ БЕНӮХТА

Духтаре ҳаросон ба хона медарояд.

— Азизам, чӣ шуд? Чаро ин қадар парешонӣ? – пурсид зан аз духтараш.

— Як тӯда хар маро таъқиб карданд, - гуфт духтар араќи сару рӯяшро пок карда.

— Чӣ хел хар?

— Дупоюю бенӯхта, - гуфт ӯ дар ҷавоб.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҚАҲРАМОН

Аз марде, ки якчанд зан дошт, суол карданд:

— Ин қадар хароб шудӣ, пӯсту устухон-а? Касал-ку нестӣ?

— Азобам бисёр сахт, - гуфт ӯ ғамгинона.

— Ё банкрот шудӣ?

Афандӣ, ки ҳамроҳашон сӯҳбат дошт, лабханде карда гуфт:

— Ошноятон қаҳрамон. Бо якчанд зану хушдоман забон ёфтан осон аст магар?

## ПОЙКӮБӢ

— Ба домод чӣ тӯҳфа барем, ки аз мо хурсанд шаванд? – пурсид модар аз духтараш, ки волидонро ба ҷашни мавлуди шавҳараш хабар мекард.

— Хоҳед, ки як умр шумоёнро таъриф карда гардад, риштарошаки барқӣ гиред, - маслиҳат дод духтар.

— Видеомагнитофон харем хуб нест? – пурсид падараш ба гап ҳамроҳ шуда.

Духтар саросема гуфт:

— Не, намешавад! Агар садои магнитофон ба гӯши ҳамсояҳо расад, онҳо пойкӯбӣ мекунанд ва аз гурсаси шифти хона лаълиҳои гаронбаҳои ҷевон шикаста пора-пора мешаванд.

## ШАРМ

Зане аз дугонааш пурсид:

— Тугмаҳои гиребонатро доимо кушода мегардӣ. Шарм намедорӣ? Ё аз ҳуснат мефахрӣ?

Зани булҳавас лабонашро инҷ карда гуфт:

— Агар «шарм» гуфта гардам, бешавҳар мемонам.

## ТАЪРИФУ ТАВСИФ

Аз Афандӣ пурсиданд:

— Тақсир, аз зани бад илоҷи халосӣ ҳаст ё не?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ҳаст! – гуфт Афандӣ табассум карда.

— Чӣ хел? Ё сахтакак калтаккӯб кунам?

Афандӣ гуфт:

— Занро задан гуноҳ. Хоҳед, ки аз зани бад халос шавед, ӯро бебаркаш таърифу тавсиф кунед. Вай шуморо лоиқи худ надониста, ҳатман баромада меравад.

## ГУМ ШАВ, КИ…

Ҷавоне ба духтари дӯстдоштааш дӯғ зад.

— Аввалҳо таваллою зорӣ мекардию чӣ бало зад, ки ҳоло якбора ҳавоят баланд шуд? – пурсид духтар паст наомада.

— Падару модарат аллакай розигӣ доданд, ки ту зани ман шавӣ, - гуфт ҷавон ҳавобаландона.

— Ин хел бошад, аз назарам тезтар гум шав, ки башараатро набинам!

— Чаро?

Духтар хандида гуфт:

— Ман қасдан нишони хонаамонро ғалат дода будам. Хостгоронат ба ҳавлии мо не, ба хонаи пирдухтаре рафтанд, ки даҳ сол боз шавҳар мекобад.

## ГАП ДАР ОШ НЕ...

Аз давлатманде, ки ҳафт бор зан гирифта, аз онҳо ҷудо шуда буд, пурсиданд:

— Занҳоят чӣ гуноҳ доштанд, ки аз онҳо ҷудо шуда, умратро муҷаррад мегузаронӣ?

— Ҳамаашон безурёт буданд, - гуфт ӯ бо ҳавобаландӣ.

— Наход?

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Гап дар ош не, дар мош.

## ДОНИСТАН МЕХОҲАНД, КИ...

— Модарҷон, барои чӣ баъзеҳо корпартоию гуруснанишинӣ карда истодаанд? – пурсид духтарчае аз модараш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Надонам, ин ҳам касалӣ будагист, - гуфт зан.

— Наход надонед?

Модаркалонаш ба гап ҳамроҳ шуд:

— Онҳо худро месанҷанд. Донистан мехоҳанд, ки дар замони гаронӣ ба гуруснагӣ тоб оварда метавонанд ё не?

## ШУКР КУНЕД, КИ…

Мансабдоре аз хоб тарсида хест. Занаш пурсид:

— Ба шумо чӣ шуд, ки ин қадар дод гуфта, дасту пой задед?

— Моҳӣ медорам гуфта ба об афтодам. Қариб мурда будам, - гуфт мард.

Зан гуфт:

— Шукр кунед, ки хоб дидаед. Агар ҳақиқат мебуд, писарамон киро «дадо» мегуфт?

## БЕКОРХӮҶА

— Тӯ чӣ хел мард, ки занат шин гӯяд, мешинию хез гӯяд, мехезӣ? – пурсиданд аз шахсе.

— Барои дилёбӣ, - гуфт ӯ.

— Чӣ хел дилёбӣ? Наход падари шаш фарзанд шудию ҳоло ҳам дили занатро наёфта бошӣ?

Афандӣ, ки он ҷо буд, ҳозирҷавобӣ кард:

— Марди бекорхӯҷа ба кӣ даркор? Агар дилёбӣ накунад, зани бизнесменаш чойпулӣ намедиҳад-дия.

## БАДБАХТ

Аз ҷавони навхонае пурсиданд:

— Келинпошо дар иҷрои корҳои хона чаққон бошанд даркор?

— Не, бахтам нахандид! – гуфт ӯ бо димоғи сӯхта.

— Чаро? Чӣ айб доштааст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷавон оҳ кашида гуфт:

— Худро оро дода метавонаду хонаро не.

## БОЗОРРАВАК

Котиба ба кор дер омад. Сардорро ғазаб гирифт:

— Сардори корхона ту ё ман?!

— Шумо, - гуфт котиба сурх шуда.

— Пас ба ту кӣ ҳуқуқ дод, ки як соат дер оӣ?

— Худатон. Гуфтед, ки бозор рафта, бароятон нону қаймоқ биёрам.

Сардор аз ҷаҳл фаромад:

— Э, гӯр ҳушам шавад! Бозорравак ту будию ман Светаро дастёр хаёл кардам.

## ВАЗИФАТАЛОШӢ

Аз Афандӣ пурсиданд:

— Тақсир, барои чӣ байни роҳбарон занон хеле каманд? Оё баробарҳуқуқӣ ҳамин аст?

— Занҳо дар иҷрои як кор таҷрибаи бой надоранд, - гуфт Афандӣ лабханд карда.

— Он кадом кор будааст?

— Талош барои вазифа.

## ОМАДИ КОР

— Хайрият, ки аз хӯрокпазӣ халос шудам, - гуфт зане ба дугонааш.

— Чӣ кор кардӣ, ки ин хел бахт насибат шуд? – пурсид дигарӣ ҳайрон шуда.

Зан хандида гуфт:

— Бахтам омад кард. Духтур ба амакпочоятон хӯрокҳои парҳезӣ таъин кард. Акнун ҳар рӯз чанд бор барои хӯрокхӯрӣ ба ошхонаи парҳезӣ мераванд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЗАНОНИ БЕГОНА

— Чаро бо шавҳарат ҳар рӯз XapXauia мекунӣ? Ё ҷанҷол кардан ба ту одат шудааст? – пурсид зане аз дугонааш.

— Ба ҳамааш шавҳарам айбдор, - гуфт ӯ бо асабоният.

— Барои чӣ ин тавр мегӯӣ?

— Вай бо пули ман мошин хариду, - гуфт ӯ, - мизоҷонаш занони бегона.



## ЧӢ БОЯД КАРД, КИ…

Майзадае ба кӯли ифлос афтода, шикамаш пури об шуд. Вақте ки ӯро аз об берун карданд, занаш аз ҳозирин пурсид:

— Чӣ бояд кард, ки оби шикамаш берун шавад?

— Ҷарроҳӣ кардан даркор, - гуфт яке.

— Наход дигар роҳ набошад? – боз пурсид зан.

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Ҷарроҳӣ не, аз ду пояш овезед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЛАНДАҲУР

— Ту ҳатто ба як нохуни поям намеарзӣ! – гуфт зан ба шавҳараш шӯрида. – Ландаҳур буданатро агар медонистам, ҳеҷ вақт туро шавҳар намекардам.

Духтарчааш пурсид:

— Модарҷон, «ландаҳур» номи яхмоси нав-мӣ?

## ИЗҲОРИ МУҲАББАТ

Булҳавасе ба духтар изҳори муҳаббат кард.

— Азизам, ту шамъиву ман парвонаам, ту гулу ман булбулам, маслиҳат деҳ чӣ кор кунам?

Духтар саросема гуфт:

— Тезтар ба дуриҳо парвоз кун!

## ДУЗД ДОНАД, КИ…

Афандӣ дар хобаш фақат гап мезад. Ниҳоят тоқати занаш тоқ шуду пурсид:

— Мардак, барои чӣ ҳамеша дар хобатон гап мезанед?

Афандӣ, ки аз ин нуқсони худ бехабар буд, табассум карда гуфт:

— Дузд донад, ки мо бедорем!

## НАВБАТИ ГАПЗАНӢ

Аз шахсе пурсиданд:

— Ба меҳмонӣ танҳо меравӣ ё ҳамроҳи занат?

— Танҳо, - гуфт мард лабханде карда.

— Чаро?

Мард гуфт:

— Агар бо занам равам, ба ман навбати гап намерасад.

## ТЕЗ БОШ!

Зани беҳунар аз шавҳараш пурсид:

— Хӯрокҳои тайёри болаззат мехоҳӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Бо ҷону дил, - гуфт мард.
Зан гуфт:
— Тез бош, ба тарабхона меравем!

## ХАСИС

Аз марди хасисе пурсиданд:
— Зан гирифтӣ?
— Не, - гуфт ӯ.
— Занкобиат хеле дуру дароз шуд. Ба ту чӣ хел зан даркор?
— Ҳамоне, ки рӯзи таваллудаш 29-ӯми феврал бошад.
— Барои чӣ ин хелашро мекобӣ?
Мард гуфт:
— Мехоҳам, ки дар чор сол як бор тӯҳфа харам.

## НАҒЗТАР БИНАМ…

Майзадае пеш аз хӯрок ба занаш гуфт:
— Хонум, чӣ мешуд, ки сад грамм мерехтӣ? Шояд аз илтифотат биноии чашмонам тезтар шаванд.
— Чашмонатро тезтар карда чӣ кор мекунӣ? – пурсид зан ҳайрон шуда.
Мард гуфт:
— Туро нағзтар медидам.

## ҶОНАМРО ХАЛОС МЕКУНАМ

Зани Афандӣ бо ҳар баҳона моҷаро мекард. Рӯзе Афандӣ гуфт:
— Ман ба Азроил арз кардам. Имшаб омада ҷонатро мегирад.
Зан чизе нагуфта тамоми зару зевари арӯсиашро ба бӯғчае баста, ба ҷойи хобаш даромад.
Афандӣ пурсид:
— Ин чӣ кори кардаат?
— Ҳамин, ки Азроил омад, зару зеварамро ба ӯ дода, ҷонамро халос мекунам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Афандӣ гуфт:
— Азроил ҳам пора мегирифтааст-дия? Ё тавба…

## МОШИНИ ҶОМАШӮӢ

— Ҳамин мошини ҷомашӯиро ба ман фурӯшед, - гуфт харидор ба фурӯшанда.

— Мошин андаке нуқс дорад, симаш луч, барқ заданаш мумкин, - гуфт фурӯшанда узрхоҳона.

Харидор гуфт:

— Барои ман фарқ надорад. Сару либосро ман не, шавҳарам мешӯяд.

## РОСТАШРО ГӮЙ

Зане аз шавҳараш пурсид:

— Росташро бигӯй, агар ман ба дарё ғарқ шавам, ту чӣ кор мекунӣ?

— Ба деҳа рафта, мардумро ба ёрӣ даъват мекунам, - гуфт мард.

— Охир, деҳа хеле дур-ку?!

Мард гуфт:

— Барои ту, азизакам, тайёрам тамоми кураи заминро давр занам.

## ОДАТИ БАД

Ҳамсояҳо аз Афандӣ пурсиданд:

— Тақсир, чандсола шудед?

— Ҳаштоду нӯҳсола, - гуфт ӯ табассум карда.

— Завҷаатон чӣ?

— Ҳаштодсола.

— Наход дар ҳамин синну сол ишқварзӣ кунед? Шабе нест, ки завҷаатон аҳу-ӯҳу оҳу воҳ гуфта, бо овози баланд нахандад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Афандӣ гуфт:

— Завҷаам одати бад дорад, то қитиқ накунам, хобаш намебарад.

## ҶОНАКАМ

Марде, ки ба Амрико рафта буд, ба занаш телефон кард.

— Азизам, ба магазини «Хонумҳои зебо» даромадам. Куртаҳои сурху кабуду симобию лоҷвардӣ чунон бисёр, ки… Ба ту, ҷонакам, аз кадомаш гирам?

Зан саросема гуфт:

— Ҳар бор аз гулҳои ҳархела ҳамел мекардӣ. Чӣ мешуд, ки ин дафъа аз куртаҳо ҳарранга ҳамел бандӣ.

## МАРДАШ ХУДАМ

Сардоре ба занаш ҳасрат карда гуфт:

— Имрӯз дар маҷлиси истеҳсолӣ чунон бисёр гап задам, ки ҷоғҳоям ба дард даромаданд.

— Занака мардаш худам будаам-дия, - гуфт зан ба чеҳраи шавҳар бо шавқ нигоҳ карда, - тамоми рӯз бо ҳамсояҳо мелаққаму ягон бор шикоят намекунам.

## НАМЕДОНАД

Ҷавоне аз рафиқаш пурсид:

— Муносибатат бо модарарӯсат дуруст шуд? Набераҳояшро хабар мегирад?

— Не, - гуфт рафиқаш бо лабханди малеҳ.

— Чаро не гуфтӣ?

— Вай, - гуфт ӯ, - ҳоло адреси хонаи навро намедонад.

## ИЛТИМОС

Зани Афандӣ дар як нишаст ду кило қоқи қандак хӯрд. Афандӣ пурсид:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Азизам, ин миқдор ба саломатиат зарар намекунад?
— Не, - гуфт ӯ зӯракӣ табассум карда.
— Зарар накунад, як илтимос дорам.
— Чӣ хел илтимос?
Афандӣ гуфт:
— Пеш аз хоб дару тирезаҳоро кушода мон, ки хона натаркад!

## ЗАБОН ЧӢ?

Зани ҳилагаре ба шавҳараш телефон карда гуфт:
— Зудтар биёеду духтур ҷеғ занед, аз зинапоя афтидам, дасту поям шикаст.
— Забоната мегазидӣ беҳтар буд, - гуфт мард ва гӯширо бо эҳтиёт ба ҷояш гузошт.

## ЧАРО МАЪҚУЛ НАШУД?

— Барои чӣ аз шавҳарат ҷудо шудӣ? Ё майзадаву нашъаманд буд? – пурсиданд аз зани ҳавобаланде.
— Не, тоҷир буд, - гуфт ӯ худписандона.
— Чаро маъқул нашуд?
— Барои он маъқул нашуд, ки – гуфт ӯ, - роҳи пулёбиро медонисту роҳи хонаро не.

## САРИ БЕСАРВАР

Зане ба духтур аз бехобию дарди сар арз кард:
— Шавҳар доред? – пурсид духтур.
— Не, - гуфт зан оҳ кашида.
— Ба саёҳат меравед?
— Пул надорам.
— Баногоҳ-ку бисёр фикр намекунед?
— Ҳа, - сар ҷунбонд зан.
Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:
— «Ба ростӣ завол нест» - гуфтаанд. Саратон, ки сарвар надорад, дард мекунад-дия.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КОМПУТАРКАЛЛА

Пиразан аз набераааш пурсид:

— Анисахон, дӯстдоштаат соҳиби маълумот аст ё хомкалла?

— Албатта, соҳибмаълумот, каллааш компутар, - гуфт духтар табассуми малеҳе карда.

— Компутараш чӣ?

— Доною калламағз.

Пиразан гуфт:

— Калламағз бошад, хотирам ҷамъ, муаллим не, бизнесмен мешавад.

## ВОҲИМА

Зане ба дугонааш воҳима кард:

— Шавҳарам дар пазандагӣ чунон моҳир, ки сабзию пиёзро бо чашми пӯшида пора мекунад ва дар даҳ дақиқа ош ҳам мепазад.

— Ҳеҷ гап набудааст-ку. Наход ҳамин кирои таъриф бошад, - гуфт дигарӣ ҳавобаландона.

— Хайр, канӣ гап зан, шавҳари ту чӣ ҳунар дорад?

— Шавҳари ман, - гуфт ӯ чашмакӣ зада, - рулро сар дода мошинро бе ғилдирак меронад.

## ЯК ЗАНБАРУ…

Зане аз дугонааш пурсид:

— Барои чӣ ба тӯю меҳмонӣ ҳамроҳи шавҳарат намеравӣ? Ё шавҳарат хурофотпараст аст?

— Не, худам намехоҳам, - гуфт дугонааш аз хиҷолат сурху сафед шуда.

— Чаро?

Зан гуфт:

— Дар меҳмонӣ ҳамин ки нӯшид, маро бардор мегӯяд. Он ҷо ман не, як занбару ду ҳаммол даркор.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МЕРОСХӮРИ БИСЁР

— Тақсир, қозиро ҳама занбоз мегуфтанд, оё ин гап рост аст? - пурсиданд аз Афандӣ

— Рост, - гуфт Афандӣ лабханд карда. – Агар рост намебуд, баъди ба хок супурданӣ ӯ дар хонааш меросхӯрони бисёр мӯйканию рӯйканӣ намекарданд.

## ДУРУСТТАР ГӮШ КУН

Зане хамир мекард, ки кӯдакаш ба гиря даромад.

— Худро ба карӣ назада, бачаро ором кунӣ намешавад?! – гуфт зан ба шавҳари шиpакайфаш.

— Дӯғ назада дурусттар гӯш кун, - гуфт мард бепарвоёна.

— Ба чӣ гӯш кунам?

Мард оби даҳонашро пош дода гуфт:

— Бин, бачаат «дадо» не, «оча» гуфта мегиряд.

## САБАБИ ИНФАРКТ

Зани ҷанҷолие ба дугонааш арз кард:

— Мардҳо аҷаб нозук-куя.

— Чӣ шуд, ки ин тавр мегӯӣ? – пурсид дугонааш.

— Гап, ки дуто шуд, шавҳарам «аз ҷоғзанният фишори хунам баланд шуд» мегӯяд.

— Шавҳарат хуб батоқат будааст-дия. Ман гапро дуто накарда, шавҳари ман аллакай ду бор инфаркт шуд.

## ШАРИКИ ШАЙТОН

— Тақсир, афинагиёни қадим «зан шарики шайтон» гуфтаанд. Ин гап рост аст ё бофта? - пурсиданд аз Афандӣ.

— Рост, - гуфт Афандӣ. – Агар рост намебуд, баъзе занҳо ба роҳи шайтон даромада, бешарму ҳаё, каҷгарду бадрафтор, майзадаву нашъаманд намешуданд!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ПАСТАКАК

Коргарзане бо овози баланд бо телефон гап мезад. Ҳамкораш пурсид:

— Пастакак гап занед, намешавад?

— Не! – гуфт коргарзан гӯё чизе нафаҳмида.

— Чаро?

Зан гуфт:

— Ман бо марди бегона не, бо шавҳари худам гап зада истодаам!

## ЯКРАНГӢ

— Дугонаҷон, чаро розигӣ намедиҳед, ки писарам бо духтаратон хонадор шавад? – пурсид зане аз шиносаш.

— Асабҳои духтарам хароб. Намехоҳам, ки баъди тӯй хонаатон ба мотамсаро табдил ёбад, - гуфт дугонааш дар ҷавоб.

Зан гуфт:

— Парво накунед, дугонаҷон. Писари ман ҳам девонаавзоъ аст. Ҳарду якҷоя шаванд, шояд ором гиранд.

## КӢ БА ЧӢ МЕНИГАРАД?

Аз шахсе пурсиданд:

— Агар зану марди кунҷков ба меҳмонӣ раванд, бештар ба чӣ менигаранд?

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Мард ба нозу неъмати рӯйи дастархону зан ба чизу чораи хона.

## ФАРОМӮШ НАМЕКУНӢ

Зане баъди дафни шавҳараш чанд рӯз беист гирист. Аз ӯ пурсиданд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Шавҳарат чӣ хел одам буд, ки ӯро ҳеҷ фаромӯш карда наметавонӣ?

Зан дилсӯзона гуфт:

— Бечора нобино шуда буд. Кадом хӯроке, ки ба наздаш монам, бе наҳзанӣ мехӯрд.

## ҶАЗО

Духтаре ба дугонааш таърифкунон гуфт:

— Чанд сол боз марде ба ман изҳори муҳаббат карда, тӯҳфаҳо мебахшад.

— Ҳушат дар ҷояш? Наход бо шахси оиладор ишқ варзӣ? – ба таҳлука афтод дугонааш.

— Ҳушам дар ҷояш. Ҳар кас маро фиреб дода наметавонад.

— Ин хел бошад, чаро аз ӯ тӯҳфа мегирӣ?





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Духтар хандида гуфт:

— Ҷазои булҳавас холӣ кардани кисааш не-мӣ?

## МУСИБАТ

— Дугонаҷон, чӣ мусибате рух дод, ки мӯйҳоятон якбора ин қадар сафед шуданд? – пурсид зане аз шиносаш.

— Мусибати сахт, шавҳарамро бо зани бегона дидам, - гуфт ӯ оҳи пурдард кашида.

— Шавҳаратон гандагард бошад, чаро ҷудо нашудед?

Зан гуфт:

— Агар бемор намебуд, кайҳо ҷудо мешудам. Намехоҳам, ки зани бегона соҳиби молу сарватамон гардад.

## ЯК БОЛИНУ СЕ КАЛЛА...

Зани соҳибҷамоле ба Афандӣ гуфт:

— Тақсир, доногию ҳозирҷавобиатон ба ман хеле маъқул. Аз суханҳоятон баҳри дилам кушода мешаваду баданам гӯшт мегирад. Мехоҳам, ки доимо дар наздатон бошам. Ба ин чӣ мегӯед?

Афандӣ лабханд карда гуфт:

— Майлаш-куя. Лекин оё дар як болин се калла меғунҷида бошад?

## МОДАРАРӮСИ БАД

Зан аз шавҳараш пурсид:

— Ту чаро модарамро ин қадар бад мебинӣ? Барои ин ягон асос дорӣ?

— Ҳа, дурӯғгӯияшон асос, - гуфт мард.

— Кай модарам ба ту дурӯғ гуфтанд?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Рӯзе, ки хостгор шудам, - гуфт ӯ паст наомада. – Агар он рӯз рости гапро мегуфтанду туро ин қадар таъриф намекарданд, умрам сари дег бо кафгирзанию болои гаҳвора бо аллагӯӣ намегузашт.

## ОЛИҲИММАТ

— Дугоначон, интихобат бад не. Домодшаванда ҷавони олиҳиммат будааст, - гуфт духтаре ба шиносаш.

— Ту инро чӣ хел донистӣ? – пурсид шиносаш ба ҳайрат монда.

— Дар рӯзи тӯйи ҳамсоя ба сари раққоса чунон пул рехт, ки ҳама қоил шуданд.

— Раҳмат, дугоначон.

— Барои хушхабар?

— Не, барои чашмамро кушоданат, - гуфт духтар. – Агар ӯ ҳамин хел одати бад дошта бошад, маро гадо мекунад.

## ҲУШЁР

— Ақаллан дар рӯзи ид ин қадар қавоқ наандоз, - гуфт майзадае ба занаш.

— Ягон тӯҳфа овардед, ки шод бошам?! – иллат кард зан.

— Набошад чӣ? Ба ман нағзтар нигоҳ кун, - гуфт ӯ, - ба хона имрӯз ҳушёр омадам.

## ЧОКИ ГИРЕБОН

Аз тоҷирдухтаре пурсиданд:

— Ту ба кӣ шавҳар кардан мехоҳӣ?

— Ба ҷавоне, ки рашк надошта бошад, - гуфт ӯ табассуми малеҳе карда.

— Чаро?

Зани Афандӣ, ки дар ҳозирҷавобӣ аз шавҳар қафо намемонд, ҳамоно лаб ба сухан кушод:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Чоки гиребонаш кушода набошад, харидорро чӣ хел ҷалб мекунад?

## ОДАТ КАРДА БУДАМ

Чӣ шуд, ки дар хонаат наменамоӣ? – пурсиданд аз шахсе.

— Аз занам ҷудо шудам, - гуфт ӯ ғамгинона.

— Бо занат чанд сол ҳамроҳ зиндагӣ кардӣ?

— Бист сол. Дар бист соли зиндагӣ, - гуфт ӯ, - ба ҷангу ҷанҷоли занам одат карда будам. Баъди ҷудоӣ ҳоло на шаб хобам мебараду на рӯз корам барор мегирад…

## САРЕВУ САВДОЕ

Баъди рафтани хостгорон духтар аз модараш пурсид:

— Домодшаванда модар дорад ё не? Агар модар надошта бошад, ман ба тӯй розӣ намешавам.

— Барои чӣ? – ҳайрон шуд модараш. Ҳама шавҳари бемодар хоҳанд, ту баръакс.

Духтар гуфт:

— Модар дошта бошад, хидматгор намекобем.

## НОДОН

Ҳангоматалабе ҳамроҳи занаш вориди мағоза шуда, молҳои гаронбаҳоро як-як аз назар гузаронд ва аз фурӯшанда пурсид:

— Ана, ин палто моли куҷосту чанд пул арзиш дорад?

— Моли Амрико, қиматаш се ҳазор доллар, - гуфт фурӯшанда.

— Аз ин ҳам беҳтару гаронбаҳотараш ҳаст?

— Ҳоло нест, хабар гирифта истед, шояд биёяд.

Баъди аз мағоза баромадан зан пурсид:

— Ту чӣ хел махлуқ? Дар киса пул надорию бо фурӯшанда ин хел муомила мекунӣ?

Мард чашмакӣ зада гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ту аҷаб нодонӣ-дия, занак. Бигзор фурӯшанда фикр кунад, ки мо давлатмандем.

## ҲАЙРОН

Аз сарватманди навкисае пурсиданд:

— Зану фарзанд дорӣ?

— Чор зан дораму фарзанд не, - гуфт ӯ бепарвоёна.

— Фарзанд, ки надошта бошӣ, ин қадар ҳавобаландӣ барои чӣ?

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Ҳайрон нашавед. «Гови бешира овозаш баланд» гуфтаанд.

## САБР КУНӢ…

Зане ба дугонааш шикоят кард:

— Рӯзе нест, ки шавҳарам бо ҳар баҳона маро назанад.

— Чӣ одати бад? Инро падару модараш медониста бошанд?

— На фақат онҳо, ҳатто ҳамсояву ҳамкоронаш медонанд…

— Онҳо ба ту чӣ маслиҳат доданд?

— Мегӯянд, ки байни зану шавҳар ҷангу ҷанҷол мешавад. Сабр кунам, ягон рӯз ақлаш медаромадагист.

Дугонааш гуфт:

— Ман ҳам чӣ мегуфтам?! Сабр кун, агар намурӣ, ба шаттаву шаллоқи шавҳарат хӯ мегирӣ.

## БАДРАШК

Шавҳари якумам майзадаву дувумаш танбал, сеюмаш дузду чорумаш фиребгар гуфта, ҷудо шудӣ. Ба шавҳари панҷумат чӣ бало зад, ки аз ӯ ҳам ҷудо шудан мехоҳӣ? – пурсид зане аз ҳамкораш.

Зан гуфт:

— Қасд кардагӣ барин, инаш бадрашк будааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХОБ МЕБАРАД

Дар автобус зане ба марди ширакайф ҷояшро дода гуфт:

— Марҳамат, шинед.

— Не, намехоҳам, - оби даҳонашро базӯр пок карда, - гуфт майзада.

— Ба поятон базӯр рост истодаеду чаро шиштан намехоҳед? – боз пурсид зан.

Афандӣ, ки бо он автобус мерафт, гуфт:

— Агар шинад, хобаш мебарад-дия.

## ДУДИЛА

Сардор ба коргаре гуфт:

— Агар дудила нашуда, боғайратона кор мекардӣ, кайҳо ба мақсад мерасидӣ.

Коргар саросема гуфт:

— Хоҳиш мекунам, дудила нагӯед, ки занам шунавад, аз хона меронад.

## ШУБҲАНОК

— Шавҳарам таклиф кард, ки истироҳатамонро дар соҳили баҳр гузаронем, - гуфт зани ҷанҷолие ба дугонааш.

— Таклифи хуб. Ту чӣ гуфтӣ? – пурсид дугонааш.

— Розӣ нашудам, таклифаш шубҳанок.

— Чаро? Чӣ хел шубҳанок?

Ӯ гуфт:

— Аз афташ, маро дар баҳр ғарқ карданӣ.

## ЗАБОН ДОРӢ Ё НЕ?

Зане шавҳари дӯкондорашро «дузд», «ҳаромхӯр», «фиребгар», «бевиҷдон» гуфта таъна кард. Мард дар ҷавоб чизе нагуфт. Модараш бо қаҳр аз писараш пурсид:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ту забон дорӣ ё не? Барои чӣ ба занат ҷавоб нагардонда хомӯш мешинӣ? Ё ин гапҳо ба ту таъсир намекунанд?

Мард лаҳзае фикр карда гуфт:

— Ҳа, ҳар рӯз аз харидорон ин хел гапҳоро шунида одат кардаам.

## ДИЛАТ МЕСӮЗАД?

— Чӣ шуд, ки шавҳарат аз балкон афтода, дасту пояшро шикаст? Худаш ҳушёр буд? – пурсид зане аз дугонааш.

— Мисли ҳарвақта маст буд, - гуфт дугонааш оҳе кашида.

— Барои чӣ оҳ мекашӣ? Дилат месӯзад?

— Не, - гуфт ӯ, - аз балкон афтоданашро агар пешакӣ медонистам, аз ошёнаи дуюм не, аз қабати даҳум хона мегирифтам.

## ХУШДОМАНАМ МЕХӮРАД

— Истед, ки ба шумо саҳван заҳрдору додам, - гуфт дорусоз ба мизоҷ.

— Таъкид намекардед, хуб буд, - гуфт харидор. – Ман доруро барои хушдоманам гирифтам.

## ТАНБАЛУ ТАЙЁРХӮР

Аз Афандӣ пурсиданд:

— Тақсир, барои чӣ мардонро шоҳи оила мегӯянду занҳо ҳукмронӣ мекунанд?

Афандӣ лабханд карда гуфт:

— Барои он ки аксари мардон танбалу тайёрхӯр шудаанд.

## БОЗ БЕҲТАР

Табиб ба ҷавоне гуфт:

— Дили занат дардманд. Барои табобат доруҳои геронбаҳо харидан даркор.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Дардаш нав ё кӯҳна? – ба таҳлука афтода пурсид ҷавон.

— Касалиаш кӯҳна, аҷаб не, ҳатто модарзод бошад, - тахмин кард табиб.

Ҷавон шердил шуда гуфт:

— Модарзод бошад, боз беҳтар. Доруҳоро падару модараш мехаранд.

## ТАР КАРДА ХӮР

— Дандони охиринам ҳам афтод. Акнун бе дандон чӣ хел нон мехӯрам? - ҳасрат кард зан ба шавҳараш.

— То ман зинда ҳастам, ғам нахӯр, занак, - гуфт мард мӯйлабашро тоб дода, - об меорам, ки нонатро тар карда хӯрӣ!

## ДИЛБАРУ ҒАМХОР

Аз Афандӣ пурсиданд:

— Тақсир, дар ин замони гаронӣ зани тоҷири пулдор хуб аст ё бепулаш?

— Ба ҳар кас ҳар хел, - гуфт ӯ самимӣ хандида.

— Ба шумо кадомаш маъқул?

Афандӣ лаҳзае фикр карда гуфт:

— Ба ман зани пулдори ҳавобаланд не, зани меҳрубони дилбару ғамхор ва хандончакаш маъқул.

## СИРРИ МУҲАББАТ

— Вақтҳои охир, - гуфт зане ба шавҳараш, - меҳру муҳаббататро тамоман ҳис намекунам. – Бароям на зару зевар мехарӣ, на либосу пойафзолҳои гаронбаҳо. Шояд маро дигар дӯст надорӣ?

Мард оҳ кашида гуфт:

— Чӣ, мехоҳӣ, ки боқии умрамро дар ҳабсхона гузаронам?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЗАНБОЗ

Аз марде пурсиданд:

— Росташро гӯй, баҳри ишқи пок ҷонатро қурбон мекунӣ ё не?

— Не, аҳмақ нестам! – гуфт ӯ бепарвоёна.

— О, ту чӣ хел мардӣ? Виҷдон дорӣ ё не?

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Агар виҷдон медошт, занбоз ном намегирифт.

## ХӮРОКИ ШӮР

— Занак, ҳо, занак, тезтар чой биёр, ки аз хӯроки шӯрат ҷигарам сӯхт! – дод зад шахсе вақти хоб дар меҳмонхона.

Ҳамроҳаш ӯро бедор карда пурсид:

— Ба шумо чӣ шуд? Ба кадом зан об биёр гуфта истодаед?

Он шахс пас аз чанде узрхоҳона гуфт:

— Гӯр одати занам шавад! Дар меҳмонхона ҳам дар хобам ба ман хӯроки шӯр хӯронд.

## ОШИҚИ ШАЙДО

Духтаре аз дугонааш пурсид:

— Ту бо як дидан ошиқи шайдо шудаӣ?

— Не, - гуфт дугонааш. – Бо як назар ҳусни ҷавонро дидан мумкину аммо аз давлати падару модараш дарак ёфтан душвор.

## САВОЛУ ҶАВОБ

Котиба аз сардори булҳавас пурсид:

— Янгамуллоямон ин қадар тез-тез занг мезананд? Ё ягон рӯз ба даст афтодаед?

— Сабабашро фаҳмидан хоҳӣ, аз худаш пурс, - гуфт сардор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## НАВИСЕД!

Ҷазоро ба дафтарчаи меҳнатиат нависам ё бо хоҳиши худ аз кор меравӣ? – пурсид сардор аз коргарзане, ки интизоми меҳнатро вайрон карда, тез-тез бозор мерафт.

— Нависед! – гуфт ӯ бепарвоёна.

— Агар нависам, туро ҳеҷ вақт ба кор намегиранд.

Зан гуфт:

— Худам ҳам як умр коргар монда, бе маош зиндагӣ карданӣ нестам.

## МУШТЗАНӢ

Зане аз телевизор бозии муштзанонро тамошо карда, аз шавҳараш пурсид:

— Бозии онҳо ба ту маъқул?

— Оре, ман ҳам ба ин намуди варзиш шавқу ҳаваси калоне доштам, - гуфт мард оҳе кашида.

— Барои чӣ орзуят ҷомаи амал напӯшид?

— Падару модарам иҷозат надоданд.

— Хайрият, - гуфт зан, - вагарна бо ин ноӯҳдабароӣ ҳама вақт бо сару рӯйи хуншор мегаштӣ.

## ХОҲИШ

Марди давлатманде ба зани ҷанҷолиаш гуфт:

— Аз Худо шабу рӯз хоҳиш дорам, ки ба ман умри сангпуштро диҳад.

— Сангпушт чанд сол умр мебинад? – пурсид зан саросема.

— Чорсад сол.

— Дар ин умри дароз чӣ кор мекунӣ?

— Боигариҳоямро саросема нашуда мехӯрдаму мепӯшидам.

— Чаро ба ман ҳам умри сангпуштро талаб намекунӣ?

Мард гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Намешавад. Ҳар кас мувофиқи соли худ орзу мекунад. Соли ман сангпушту аз они ту маймун!

## ТАЪЛИМ

Аз зани бозорнишине пурсиданд:

— Шумо, ки аз пагоҳ то бегоҳ дар бозоред, ба тарбияи фарзандонатон кӣ машғул аст?

— Шавҳарам, - гуфт зан аз хиҷолат сурх шуда.

— О, шавҳаратон доимо масту ба таълиму тарбияи бачаҳо кай вақт меёбад?





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Нафрати мардум ба марди майзада худ таълим ба бачагон аст.

## ДЕВОНА

— Саломатии шавҳаратон хеле бад. Бечора рӯзҳои башуморро аз сар мегузаронад, - гуфт духтур пас аз муоина.

— Илоҷе ёбед, духтурҷон, - ба зорӣ даромад ҳамсари бемор. – Намехоҳам, ки ӯ бимирад.

— Шавҳаратонро бисёр дӯст медоред?

Зан гирякунон гуфт:

— Не, ӯ аз бисёриҳо қарздор аст. Агар онҳо ба талаби пул оянд, девона мешавам!

## МОН, КИ ХУШК ШАВАНД!

Дар истгоҳ булҳаваси ширакайф ба духтари соҳибҷамоле бо меҳр нигоҳ мекард. Духтар пурсид:

— Ба ту чӣ шуд, ки аз ман чашм намеканӣ? Ё маро ба касе монанд кардӣ?

— Ба ҳеҷ кас монанд накардаам, - гуфт ӯ писханд зада, - танҳо чашмонамро об медиҳам.

Духтар баъди каме андеша гуфт:

— Чашмонат ба обдиҳӣ намеарзанд. Мон, ки хушк шаванд!

## ХОНАВАЙРОН

— Ту сирро нигоҳ дошта метавонӣ? – пурсид зане аз дугонааш.

— Не, наметавонам, - ҷавоб дод дугонааш. – Агар даҳонамро баста метавонистам, се бор хонавайрон шуда, бешавҳар намемондам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## КОШКӢ МЕЗАД

Майзадае ба ҳамкадаҳаш арз кард:

— Дар зимистон баъд аз ҷигарӣ нӯшидан ба хона тамоман рафтан намехоҳам.

— Барои чӣ? Ё занат мезанад? – пурсид дигарӣ.

Ӯ маъюсона гуфт:

— Кошкӣ мезад. Ба сарам оби хунук рехта кайфамро мепарронад.

## ОШКОРБАЁНӢ

Баъди тӯй домод ба арӯс арз кард:

— Азизам, мехоҳам ба ту як сирро ошкор кунам, ки ҳавлии дабдабаноку мошини «Волга» моли ман не, моли бародарам аст.

Арӯс ҳам шердил шуда гуфт:

— Ман ҳам мехостам, чизеро ба ту гӯям. Ин зару зевар ва сарулибосе, ки дар ман мебинӣ, аз они янгаам.

## РӮЙ НАДОРАД

Аз зани танфурӯшу нашъаманде пурсиданд:

— Барои чӣ ба фарзандонат хислатҳои беҳтарини инсониро ёд намедиҳӣ?

— Вақт надорам, - гуфт ӯ хиҷолат кашидагӣ барин рӯй ба дигар сӯ тофта.

— Наход серкор бошӣ?

Афандӣ, ки он ҷо буд, ҳозирҷавобӣ кард:

— Дурӯғ мегӯяд! Вақт дораду барои насиҳат кардан рӯй надорад.

## ГУМОНБАР

Майзадае дар хонааш туздро дида, хост ба занаш, ки дар коргоҳ буд, занг занад. Дузд саросема аз дасти ӯ гӯширо гирифта пурсид:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ҳа, ба кӣ занг мезанӣ?

— Ба занам, - гуфт ӯ ларзида.

— Барои чӣ?

— Намехоҳам, ки баъди бурдани ҷиҳози хона занам аз ман гумонбар шавад.

Дузд гуфт:

— Фикр кардам, ба милиса хабар медиҳӣ.

## САРВАТ АЗ ОНИ КӢ?

Марде аз зани чизпарасташ пурсид:

— Азизам, баъд аз мурданам сарватамонро чӣ кор мекунӣ?

— Сарватамон не, сарвататро гӯй, - хатои шавҳарро ислоҳ кард зан.

## СУХАНИ НЕК

Майзадае аз ҳамқадаҳаш пурсид:

— Аз занат ягон бор сухани нек шунидаӣ?

— Бале, як бор шунидам, - гуфт ӯ лабханд карда.

— Кай? Чӣ гуфт?

— Вақто ки баъди моҷаро хонаро тарк карданӣ шудам, - гуфт ӯ оҳи пурдард кашида, - «ба ту роҳи сафед» гуфта буд.

## ШУМҚАДАМ

— Барои чӣ аз занат ҷудо шудӣ? – пурсид шахсе аз рафиқи мумсикаш.

— Қадамаш бехосият будааст, - гуфт ӯ дар ҷавоб.

— Бехосият будани қадамашро чӣ хел фаҳмидӣ?

— Ҳамту ки ба хона омад, гову гӯсфандонам ҳаром мурданд.

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Шукр кун, ки худат зинда мондӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЗАНКАЛОН

Аз шахсе пурсиданд:

— Дар синну сол ту калонӣ ё янга?

— Янгаатон, - гуфт ӯ бо сари хам оҳ кашида.

— Оҳ кашидӣ? Магар аз издивоҷ хурсанд нестӣ?

— Гӯр хурсандиам шавад! – гуфт мард. – Ҳавобаландиашро бинед, ки «ту аз ман се сол хурдӣ» гуфта, ба ман сухан намедиҳад.

## ДАР ТОРИКӢ

Мумсике чароғро хомӯш карда, ҳамроҳи занаш дар торикӣ менишаст. Ҳамсояаш пурсид:

— Дар торикӣ якдигарро чӣ хел мебинед?

Хасис ҳамоно гуфт:

— Афташ шабона дигар намешавад-ку!

## ҲЕҶ ГАП НЕ

Марде ба зани хасисаш гуфт:

— Азизам, аз ҳабс шудан тарсида, имрӯз пора нагирифтам.

Зан саросема гуфт:

— Гирифтан даркор буд. Агар ҳабс мекарданд, мо туро тез-тез хабар мегирифтем.

## БАҚИЯИ ПУЛ

Зане аз ҳамсояаш илтимос кард:

— Агар бемалол бошад, аз мағоза ба ман як кило шакар биёред.

— Барои чӣ шавҳаратонро намефиристед? – пурсид ҳамсоя.

Зан оҳ кашида гуфт:

— Вай бақияи пулро намегардонад!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БА КӢ БОВАР КУНАМ?

Ҷавонзане тамоми рӯз ҷомашӯӣ кард. Бегоҳ, вақте ки шавҳараш аз кӯча баргашт, гуфт:

— Шумо ҳам мисли дигар мардҳо каме ба кори хона ёрӣ расонед, ягон ҷоятон кам мешавад? Аз ҷомашӯии бисёр дасту поям ба дард даромад.

Шавҳар гуфт:

— Падару модарат дасту пояш дуруст гуфта, туро ба ман тӯй карданду ту бошӣ, дасту поям дардманд мегӯӣ. Намедонам, ба кӣ бовар кунам?

## ҶАВОНИ БЕТОҚАТ

Ҷавоне ба Афандӣ шикоят кард:

— Ду сол мешавад, ки бо занам зиндагӣ дораму ҳеҷ не, ки дилашро ёбам. Чӣ кор кунам? Илтимос, маслиҳат диҳед.

Афандӣ хандида гуфт:

— Аҷаб ҷавони бетоқат будаӣ. Ман шаст сол боз оиладорӣ карда, дили занамро ёфта наметавонаму ту бошӣ, мехоҳӣ, ки дар ду сол ёбӣ!

## САЁҲАТИ БЕПУЛ

Баъди ба тайёра савор шудан хасис ба занаш гуфт:

— Гӯр каллаам шавад. Аз саросемагӣ пулро дар хона мондаам. Намедонам, саёҳати бепул чӣ хел мегузашта бошад?

— Ғам нахӯред, - гуфт зан бепарвоёна.

— Чӣ хел ғам нахӯрам? Ё ту пул дорӣ?

Зан гуфт:

— Фаромӯш накунед гуфта, пулро худам гирифтам.

## БИРИНҶЧИНӢ

— Барои чӣ дар миёни кӯча ҳайрон истодаӣ? – пурсид шахсе аз ҳамсояаш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Бадбахтӣ рӯй дод, - гуфт ӯ оҳи пурдард кашида. – Аз бозор як кило биринҷ харида ба хона бурда бинам, аз халтаи дарида қариб ҳамааш рехтааст.

— Акнун чӣ кор мекунӣ?

— Биринҷчинӣ.

## РЭКЕТЁР

Зане ба шавҳари танбалаш гуфт:

— Дадеш, ҳа нагуфта писарамон одами баобрӯ мешаваду мо ҳам ба рӯи об мебароем. Медонӣ, чанд вақт боз дар кучҷое дарси рэкетёрӣ меомӯхтааст.

— Ин чӣ хел касб будааст?

Зан гуфт:

— Чӣ касб буданашро намедонаму муҳимаш чизи дилхоҳамонро аз зери замин бошад ҳам, ёфта медодааст.

## КАР НЕ!

Майзадае ҳар рӯз пас аз нӯшидан ба гӯшҳояш пахта андохта, баъд ба хона мерафт. Дар хона занаш ҳар қадар ҷанҷол бардорад, ӯ парвое надошт. Рӯзе ин сирро духтарчааш фаҳмида, ба модараш гуфт:

— Модарҷон, беҳуда ҷанҷол карда, асабӣ нашавед. Падарам гапҳои шуморо намешунаванд.

— Охир, чӣ хел намешунавад? Ӯ кар нест-ку?!

Духтарча гуфт:

— Намебинед, ба гӯшҳояшон пахта андохтагӣ.

## АҚЛИ РАСО

Ҷавони булҳавасе ба духтаре гуфт:

— Хоҳӣ, ки аз ҳастию нестии ҳаёт фикр накунӣ, ҳамсарам бишав. Ҳама чизу чораи дунёро дорам.

— Масалан, чӣ чизҳо дорӣ? – пурсид духтар.

— Аз мошинаву зару зевар то дигар чизу чораи беҳисоб…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Духтар гуфт:

— Фақат ақли расову дили соф надоштаӣ, вагарна ин қадар худнамо намешудӣ.

## ЗАНГ

Зане ба корхонаи шавҳараш занг зад:

— Дадеш, ин шумо-мӣ?

— Ҳа, ман. Чӣ гап? – пурсид мард ҳайрон шуда.

Зан гуфт:

— Ба хона дугонаам Зебосанам омада, аз ёрӣ расонидани шавҳараш ба корҳои рӯзгор нақл кард. Ӯ рафту либосшӯӣ, хӯрокпазиву хонарӯбиатон ба хотирам расиду ифтихор кардам.

## МӮДИ НАВ

Зане ба дугонааш гуфт:

— Аз афташ духтарат касал барин. Бин, пӯсту устухон шудааст. Дар баданаш аз гӯшт нишоне нест.

Дигарӣ хандида гуфт:

— Хавотир нашав. Дар замони бозсозӣ харобӣ мӯди нав будааст.

## КӢ ЗАНГ ЗАД,
## КИ…

Зане аз шавҳараш пурсид:

— Дадеш, кӣ занг зад, ки чизе нагуфта гӯширо саросема партофтед?

— Раис, - гуфт ӯ ҳавобаландона.

— Чӣ хел? Охир, вай занг занад, дуқат шуда салом медодед-ку?

Мард гуфт:

— Он замонаҳо гузашт. Имрӯз аз ӯ вазифаашро гирифтанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҒАМ НАХӮР!

— Гӯр фаромӯшхотирии ман шавад, - гуфт зан ба шавҳари ширакайфаш. - Ба ҷойи намак ба деги ош шакар андохтаам. Меҳмонон чӣ мегуфта бошанд?

Мард занашро ором карданӣ шуда гуфт:

— Ғам нахӯр, азизам! Ҳама сахт мастанд, шӯру ширинро фарқ намекунанд. Агар пурсанд, гӯй, ки ин хӯроки нав, номаш шакарпайванд.

## ЁДИ ОН РӮЗҲО…

Зани ҷанҷолие дар синни панҷоҳсолагӣ шавҳар кард ва рӯзе бо алам гуфт:

— Канӣ он солҳои ҷавониам, ки ҳусну ҷамоламро тамошо кунӣ. Чунон зебову дилфиреб будам, ки…

Мард гуфт:

— Ба гузашта салавот, занак. Беҳтараш хез телевизорро мон, озмуни «Зебосанами сол» сар мешавад.

## РОЗӢ БОШӢ…

Зане ба шавҳари хасисаш гуфт:

— Саломатии модарам хуб нест. Розӣ бошӣ, модарамро ба хона биёрам?

Мард саросема гуфт:

— Ташвиши зиёдатӣ чӣ даркор? Беҳтараш худат ба назди модарат рав!

## КӮТОҲАҚЛ НЕ

Аз Афандӣ пурсиданд:

— Тақсир, барои чӣ баъзеҳо занро кӯтоҳақл мегӯянд?

— Ин гап дурӯғ! – гуфт Афандӣ.

— Дурӯғ буданашро исбот карда метавонед?

Афандӣ лаҳзае фикр карда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Агар занҳо кӯтоҳақл мебуданд, шавҳарашонро хонапою бачапой карда, худашон роҳбари корхонаву ширкати тиҷоратӣ намешуданд.

## ҲУШЁР ШАВ, КИ…

Зане ба духтараш гуфт:

— Гов туро намешиносад. Ҳушёр шав, ки вақти дӯшидан бегона дониста, лагад назанад.

— Очаҷон, хотиратон ҷамъ бошад, - гуфт духтар, - говро ман не, домодшаванда медӯшад.

## ЗАНГЗАНӢ

Зани Афандӣ сегоник таваллуд кард.

— Тақсир, агар розӣ бошед, расматонро ҳамроҳи зану фарзандонатон гирифта, дар рӯзномаҳо чоп кунонем, - гуфт ҳамсоя.

— Лозим нест! – гуфт Афандӣ сиёсат карда. – Агар мардум расмамонро тамошо карда, маслиҳат пурсанд, чӣ мегӯям?

## ЗАНБАР ЧӢ ДАРКОР?

— Ҳа, ба ту чӣ шуд, ки мисли саги сӯзанхӯрда безобита шудаву ҳар сӯ медавӣ? – пурсид зан аз шавҳари сабуксару майхорааш.

— Ба корхона рафтанам даркор, - гуфт ӯ саросема, - маро усто интизор.

— То занбари дина шикастаатро соз накунӣ, ба ҷое намеравӣ!

— Занбар чӣ даркор?

Зан гуфт:

— Агар имрӯз ҳам масту аласт шавӣ, бо кадом занбар туро ба хона меорем?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## РӮ БА РӮ

Судя аз майзадае пурсид:

— Шумо занатонро фоҳишаву нашъаҷаллоб гуфтед. Ин гап рост?

— Худо занад, ки рост, - гуфт ӯ худро ҷасур нишон дода.

— Агар бо занатон рӯ ба рӯ кунам, гуфтаатонро тасдиқ мекунед?

— Не! Охир, занамро ба маҳкама даъват кунед, хушдоманам маро аз хона пеш мекунад!

## АГАР КӮР НАМЕБУДАМ…

— Барои чӣ чашми ошиқ кӯр аст мегӯянд, медонӣ? – пурсиданд аз булҳавасе.

— Медонам, - гуфт ӯ оҳи чуқур кашида.

— Чаро оҳ кашидӣ?

Ӯ бо алам гуфт:

— Агар кӯр намебудам, дигарашро мегирифтам.

## КАНӢ, ГАП ЗАНЕД!

Табиб аз шахсе пурсид:

— Он гиёҳе, ки барои шифо ёфтанатон дода будам, фоида бахшид ё не?

— Ҳа, фоидааш хеле калон, - гуфт мард миннатдорӣ карда.

— Канӣ гап занед, чӣ фоида кард?

Ӯ хандида гуфт:

— Зану хушдоманам доруро хӯрда, чунон сахт хоб меравад, ки ҳатто ҷанҷол аз ёдашон меравад.

## ОШИҚИ ЗАНИ ЗЕБОИ ПУЛДОР

— Тақсир, баъзеҳо ошиқи зани зебоянду баъзеи дигар ошиқи пул. Гӯед, ки кадоме беҳтар аст? – пурсиданд аз Афандӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Наход надонед? – ба суол суол кард Афандӣ бо табассуми малеҳ.- Ошиқи зани зебои пулдор будан беҳтар

## МУҲОФИЗ

Давлатманде мурд. Занаш аз муллои тамаъкоре, ки то дами охирин сари болини шавҳараш нишаста куфу суф мекард, шармгинона пурсид:

— Тақсир, сухани охирини шавҳарам чӣ буд? Ягон васият карданд?

— Раҳматӣ, - гуфт мулло ришашро масҳ карда, - илтимос кард, ки туро ба занӣ гираму нагузорам, ки хешу таборонаш молу мулкашро талаву тороҷ кунанд!

## БЕНОМУ НИШОН

— Он ҷавони корчаллоне, ки ба ту изҳори муҳаббат мекард, куҷо шуд? – пурсид пиразане аз наберааш.

Духтар гуфт:

— Муфаттиш будани падарамро фаҳмида, якбора беному нишон шуд.

## ХУШБАХТ БУДАӢ

Ҷавоне аз ҳамкораш пурсид:

— Занат чӣ хел маълумот дорад, олӣ ё миёна?

— Маълумоташ ибтидоӣ, - гуфт ҳамкораш.

— Корҳои хонаро нағз медонад?

— Бад не.

— Гапатро ду намекунад?

— Не.

— Ту хушбахт будаӣ.

— Чаро ин тавр мегӯӣ?

Ҷавон оҳ кашида гуфт:

— Зани ман, ки дипломи сурх дорад, рӯзона дар курсии мулоим мешинаду сифати рӯфтурӯб ва пухтупазро месанҷад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шаб дарро аз болоям қулф мекунад, ки баногоҳ садои хуррокамро нашунавад.

## АЗ БОВАРӢ, КИ БАРОМАДЕД...

Аз мансабдоре пурсиданд:

— Занатон дар ягон ҷой кор мекунад?

— Не, хонашин, - гуфт ӯ бепарвоёна.

— Хонашин бошад, барои чӣ бо корҳои хона машғул нашуда, ба шумо ҳар рӯз даҳҳо бор занг мезанад?

— Будан ё набуданамро месанҷад.

— Чаро?

Афандӣ, ки он ҷо буд, гуфт:

— Худо гӯед, ки аз боварии зан набароед. Аз боварӣ, ки баромадед, ё занги телефон гӯшатонро кар мекунад, ё сояи занатон чашматонро хира.

## КӮМАК

Шахсе ба дӯсташ ҳасрат кард:

— Агар маро иззату эҳтиром кунӣ, дар ҳалли як масъала кӯмак расон.

— Чӣ хел масъала?

— Бароям зане пайдо кун, ки кар бошад.

— Ҳоло тоқиатро партоӣ, болои зани бешавҳар меафтад. Зани кару гунг чӣ даркор?

— Манзилам дар паҳлӯи тӯйхона, - гуфт ӯ. – Намехоҳам, ки ӯ ҳам аз садои карнаю сурнай ва додгӯии ҳофизону майзадагон қимоб шуда, маро тарк гӯяд!

## АГАР ХАП НАШАВӢ...

Духтарчае беист гиря мекард. Падару модараш ӯро хомӯш карда натавонистанд. Модарарӯс духтарчаро ба даст гирифта, навозиш кард ва ба гӯшаш чизе гуфт. Духтарча ҳамоно хомӯш шуд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Модарҷон, ба ӯ чӣ гуфтед, ки якбора дамашро гирифт? – пурсид духтараш.

Бибӣ хандида гуфт:

— Гуфтам, ки худи ҳозир хап нашавӣ, туро ба кӯдакистони хунуку торик мебарам!

## БУЗДИЛ

— Дугонаҷон, канӣ гап занед, хостгоронро чӣ хел қабул кардед? Домодшаванда ба духтаратон маъқул ё не? – пурсид ҳамсоязан аз дугонааш.

— Маъқул нашуд. Буздил будааст. Аз тиру туфанг тарсида, аз хидмати ҳарбӣ гурехта мегаштааст, - гуфт ӯ.

— Хайр, чӣ шудааст? Ҳозир бисёриҳо аз хидмат мегурезанд…

Зан гуфт:

— Духтарам якрав-дия. Ба ман ҷавони буздил не, марди рустамтабиат даркор мегӯяд.

## МЕГӮЯНД, КИ…

— Аз шунид, духтари ятимро ба занӣ гирифтаед, оё рост аст? - пурсиданд аз Афандӣ.

— Рост, гуфт ӯ. – Ба бори вазнин тоб надорам.

— Чӣ хел бори вазнин?

Афандӣ гуфт:

— Талху пичинги хушдоман магар аз кӯҳи Муғӯл ҳам вазнинтар нест?

## СЕГОНИКЗОЙ

Аз ҷавоне пурсиданд:

— Занат магар пир аст, ки аллакай ба нафақа баромад? Ё дардманд аст?

— На пиру на дардманд, акнун ба бистуҳафт расид, - гуфт ӯ дар ҷавоб.

— Маъюб-ку не?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷавон фахркунон гуфт:

— Не, чор бор сегоник зоида, аввал қаҳрамонмодару сонӣ нафақахӯр шуд.

## ТАЪБИРИ ХОБ

Булҳавасе аз Афандӣ пурсид:

— Тақсир, одам дар хобаш бедона дорад, таъбираш чӣ бошад?

— Бедонаро кӣ дошт? – ба суол суол кард Афандӣ.

— Ман.

— Чандто бедона доштӣ?

— Панҷто.

— Бо панҷ соҳибҷамол ҳамхона мешавӣ.

— Онҳо пиранд ё ҷавон?

Афандӣ лабханд карда гуфт:

— Аввал ту синни бедонаҳоро гӯй, чандсола будани соҳибҷамолонро ман муайян мекунам.

## ГӮШВОРАИ ТИЛЛО

Зане аз дугонааш пурсид:

— Ситорабону, барои чӣ шавҳарат нӯшида ояду ҷанҷолу занозанӣ кунад, «илоҳо дар гирдоб монӣ» гуфта, дуои бад мекунӣ?

Зан гуфт:

— Агар гирдоб барад, ба пули гӯру чӯбаш барои худ гӯшвораи тилло мехарам.

## БАЧАБОНӢ

Аз зане, ки дар гармову сармо бозор нишаста, пул кор мекард, пурсиданд:

— Шавҳар доред?

— Дорам.

— Сиҳату саломат аст?

— Бале.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Барои чӣ ӯ дар бозор намешинад?
— Шарм медорад.
— Ӯ магар олим аст? Ё сарвари ягон корхона?
— Не, марди қаторист.
— Чӣ кор мекунад?
— Бачабонӣ.

## НӮХТА

Зане ба дугонааш шикоят кард:

— Ба шавҳарат гӯй, ки маст шуда, шиносу ношиносро лагад назанад. Хармиҷози таппа тайёр-а!

— Чӣ бадӣ кард, ки ӯро хармиҷоз мегӯӣ?! – пурсид дугонааш сахт карда.

— Дина мастомаст дар чойхона шавҳарамро чунон лагад задаст, ки…

— Дугонаҷон, - гуфт зан дилсӯзона, - беҳуда зиқ нашав. Корхона аз бӯҳрон барояду ба мо моҳона диҳанд, ҳатман барояш нӯхта мехарам.

## КАР БОШАД ҲАМ…

— Шавҳарам тилло-куя. Чизе талабам, даррав муҳайё мекунад! – гуфт зане ба дугонааш.

— Пулро дареғ намедорад? – пурсид дугонааш кунҷковона.

— Не.

— Шавҳари ман хасиси мурданӣ, - гуфт зан. – Пул гӯям, кару гунг мешавад.

— Хасис бошад, чӣ хел муросо мекунӣ?

— Аз беамакӣ харро амак гуфтаанд, - гуфт ӯ. Кар бошад ҳам, хар набошад, гуфта гаштаам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШОДӢ НАКУН!

Мард ба хонааш панҷ метр матоъи «Помбарқут» овард. Занаш аз шодӣ шавҳарашро оғӯш карда бӯсид.

— Беҳуда шодӣ накун! – гуфт ӯ ба занаш.

— О, шумо барои ман либосворӣ мехареду чаро шодӣ накунам? – пурсид зан ҳайрон шуда.

Мард гуфт:

— Пагоҳ рӯзи мавлуди ҳамсари сардор. Ин тӯҳфаро барои ӯ харидам.

## ҶАРРОҲӢ

Духтур баъд аз муоина чӣ гуфт? – пурсид зане аз шавҳари хасисаш.

— Кӯррӯдаатон пӯсидааст, ҷарроҳӣ кардан даркор мегӯяд, - гуфт мард.

— Ба ҷарроҳӣ мераведʔ

— Не.

— Чаро? Боз аз рӯзатон пеш намуред?

Мард гуфт:

— Рӯда кӯр бошад, беҳуда пул сарф кардан чӣ даркор? Аз дусар бино намешавад.

## НАВОРБАРДОРӢ

Дар бозор духтарчае аз модараш пурсид:

— Модарҷон, барои чӣ фурӯшандаҳо вақти наворбардорӣ сару рӯяшонро пинҳон мекунанд?

— Надонам, - гуфт зан.

— Шояд ин ҷо ягон сирре бошад?

Афандӣ, ки ба саволҳои духтарча бодиққат гӯш мекард, гуфт:

— Ҳаннот, ки ҳастанд, рӯяшон шарм медорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БОЗХОСТ

— Моро табрик кунед, мо депутатро бозхост кардем, - гуфт колхозчизане ба дугонааш.

— Депутат ягон гуноҳ дошт? – пурсид дугонааш.

— Калӯш мебиёрам гуфту ба ваъдааш вафо накард.

— Наход барои ҳамин обрӯяшро резонед?

Колхозчизан гуфт:

— Депутате, ки ду калӯши ваъдагиро оварда натавонист, чӣ хел роҳҳои деҳаро мумфаршу маҳаллаҳоро чароғон мекунад?

## МИННАТДОРӢ

— Бек, ту аз вазифаи нават хурсанд ҳастӣ? – пурсид мудири ширкате, ки занбоз буд.

— Бале, то зинда ҳастам, некиатонро фаромӯш намекунам, - гуфт ӯ хушҳолона.

Мудир лабханд карда гуфт:

— Миннатдориатро ба ман не, ба завҷаат кун. Ман фақат хоҳиши ӯро ба ҷо овардам.

## ХАРУ КАЛТАК

— Гӯр хари лагадзани ҳангиатон шавад. Маро чунон бардошта зад, ки қариб буд дасту пой ва қабурғаҳоям шикананд, - арз кард зан ба Афандӣ.

— Дар даст калтак доштӣ? – пурсид Афандӣ аз занаш.

— Не, - гуфт ӯ бо нолиш.

Афандӣ лабханд карда гуфт:

— Хару калтак гуфтаанд. Хоҳӣ, ки бардошта назанад, ба хар бе калтак савор нашав!

## ТАШХИС

Зане аз дугонааш пурсид:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Саломатиам бад мегӯию чаро ба духтур мурочиат намекунӣ? Ё пул надорӣ?

— Аз духтур ҳам дилам монд, - гуфт дугонааш асабонӣ шуда.

— Чаро?

Ӯ гуфт:

— Духтарам шамол хӯрда назди духтури мард равад «либосҳоятонро кашед, як бинам» гуфтааст.

## ХАТО КАРДЕД

Дар бозор зане аз марде, ки чашмашро аз сумкаи ӯ намеканд, пурсид:

— Шумо-ку дузд нестед?

— Не, дузд нестам, - хиҷолат кашида гуфт мард.

— Шояд шумо корманди милиса бошед?

— Боз хато кардед. Ман корманди милиса ҳам нестам.

— Пас чаро чашматонро аз сумкаам намеканед?

Мард ба обу арақ ғӯтида гуфт:

— Мебахшед, чашмони ман олусанд. Ман ба сумка не, ба ҳусну ҷамоли зебои шумо менигарам.

## ИШҚУ ОШИҚӢ

— Чӣ шуд, ки вақтҳои охир аз ишқу ошиқӣ чизе намегӯӣ? Ё оташи ишқат хомӯш шуд? – пурсиданд аз булҳавасе.

— Не, ҳавсалаам пир шуд, - гуфт ӯ оҳ кашида.

— Аз чӣ?

Булҳавас гуфт:

— Алиментдиҳӣ аввал ҳавсала ва сонӣ худи одамро пир мекардааст.

## МЕБАХШЕД

Дар автобус ҷавонзан аз марде пурсид:

— Шумо-ку нобино нестед?

— Не, нағз мебинам, - гуфт мард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Шояд милиса бошед?

— Худо нигаҳ дорад.

— Набошад, чаро дастамро сахт дошта истодаед?

— Мебахшед, - гуфт мард сурху сафед шуда, - асоям дар хона мондааст.

## ҚАР-ҚУРУ...

Пиразане ба шавҳараш дӯғ зад:

— Дигар доруи хоб нахӯред, ки тобу тоқат надорам!

— Боз чӣ шуд, ки дӯғу даранг дорӣ? – пурсид мард.

— Аз мурда барин хоб рафтан, хоб наравед беҳтар.

— Барои чӣ хоб наравам?

Зан гуфт:

— Шаб рагҳои поям кашид. Додгӯён тағораро задам. Қар-қуру куф-пуфатон овозамро пахш карданд.

## ДАСТАИ ГУЛ

Зане ба шавҳари хасисаш гуфт:

— Мебахшӣ, аз ту дилам монда истодааст.

— Туро кадом пашша газид, ки ин тавр мегӯӣ? - пурсид мард ҳайрон шуда.

— Баъди ҳамхона шуданамон ягон бор ҳам дастаи гул тақдим накардӣ. Ба фикрам, мемураму гулдастаро намебинам.

— Зиқ нашав, азизам! - гуфт мард. — Агар мурӣ, ба рӯйи қабрат об пошида меистам, ки лолахасак барояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МАРО МЕШУНАВЕД, ХОНУМҲО?

Агар шавҳаратон марди ноӯҳдабарои аблаҳтабиат, якраву бесабр, бераҳму бадкина, худситою беандеша ва ношуд бошад, муросо не, дӯғу пӯписа кунед, ки ларзад.

❁ ❁ ❁

Ҳеҷ гоҳ бо хушдоманатон ману ту, мағруриву худписандӣ, бадлафзию бадзабонӣ, якравию шаккокӣ накунед, ки аз шумо дилмонда нашавад. Чунки лаҷоми шавҳаратон дар дасти хушдоманатон аст.

❁ ❁ ❁

Агар духтаратон бамаъниву фариштахислат, баорияту оқила, бамулоҳизаву хушахлоқ ва орому ботамкин бошад, дар интихоби домод саросема нашавед, ба фиребу найранги одамон наафтед, ба мадҳу санои фитнагарон бовар накунед. Беҳуда «дер ояду шер ояд» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки шавҳаратон шуморо азизакам, нури чашмакам, тоҷи саракам, ғамбароракам, ҷони ширину асалакам, булбулакам гуфта таърифу тавсиф ва рӯидаст кунад, мафтун нашуда гоҳ-гоҳ ба мизу курсӣ ва дару девор мушт зада истед, ки ширинзабониаш мабодо оромии пеш аз тӯфон набошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❁ ❁ ❁

Агар писаратон бадхону беинтизом ва гаподарою эрка бошад, нагузоред, ки муаллимаш ба хонаатон омада, ба таънакунӣ обрӯятонро дар назди ҳамсояҳо резонад. Беҳтараш худатон тез-тез ба мактаб рафта, ба муаллиму роҳбари мактаб дӯғ занед, ки кал додари кӯр буданашро донанд.



❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки умратон ширину хушнуд ва лабрези шодию хурсандӣ гузарад, нагузоред, ки ба оилаатон шайтон дар суроби бадбинию носозӣ ва бевафоиву хиёнат зоҳир шавад. Қадрдонию эҳтироми якдигар захр дар оши шайтон аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❂ ❂ ❂

Агар хоҳед, ки умри дароз насибатон бошаду дар назди ёру дӯстон доимо зебову дилкаш, меҳрубону ширинзабон ва тӯтигуфтор бимонед, табассуми писхандомез накунед. Беҳуда «алам дилро бикунад қалам» нагуфтаанд.

❂ ❂ ❂

Хоҳед, ки шавҳаратон ҳар гапу корро баҳона карда, гӯшу майнаатонро нахӯрад, ҷанҷол набардоред, майдагапӣ накунед. Майдагапӣ ибтидои тӯфон дар баҳру сарчашмаи бӯрон дар дашт аст.

❂ ❂ ❂

Агар булҳавасон «эй, гулпарӣ, шуморо дидаму ақлу ҳушамро гум кардам, мур гӯед, мемураму зӣ гӯед, мезиям, ягон лаҳза бе хаёли рӯятон зиста наметавонам» гӯянд, баногоҳ ба домашон наафтед. Ононро сухан ҳам ҳавасакӣ аст.

❂ ❂ ❂

Агар шавҳаратон таъомҳои бо азобу машаққат пухтаатонро наҳ занад, на асабӣ шаведу на ғам хӯред. Баръакс, обу оташ-дия, гуфта, худро ба нодонӣ занед. Асабӣ шудан ҳуснро мекоҳонад.

❂ ❂ ❂

Хоҳед, ки келинатон аз тамкини писаратон истифода бурда, ӯро ба бузбозӣ наандозад, гоҳ-гоҳ китоби насиҳат кушоед. Фаҳмонед, ки маликаи хонадон ҳанӯз шумоед.

❂ ❂ ❂

Агар шавҳаратон худам шоҳу табъам вазир гуфта, мушт ба сандуқи сина занаду худнамоию беандешагӣ кунад, «санги вазнинро об намебарад» гуфтагӣ гапро фикри пуч ҳисоб кунед. Баръакс, фаҳмонед, ки давраи падаршоҳӣ кайҳо гузаштаасту имрӯз занҳои бозорнишин шоҳи хонавода мебошанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки ғамҳову азобҳои зиндагӣ, изтиробу ташвишҳо, ашки шӯру ғами талх, гуруснагиву сармо ва сарсониҳо шуморо бистарӣ накунанд, беҳуда оби дида нарезед, фарёд накунед. Ин дунё фонию гузарон аст. Агар чунин намебуд, аз ин дунёи филкушу мушпарвар одамон абадӣ рахти сафар намебастанд.

❁ ❁ ❁

Агар шавҳаратон марди беномусу шаттоҳ, бешарму ҳаё, бераҳму бадкина, бетамизу бефаросат, бемеҳру бешафқат бошад, умратонро беҳуда нагузаронида, беҳтараш аз баҳраш бароед. Ин тоифа шавҳарон ба оила бахт не, бадбахтӣ меоранд. Агар чунин намебуд, ҳолдонҳо «вақт рафт- нақд рафт» намегуфтанд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки ёру дӯстон ё ҳамсояҳо хостгорро аз дами даратон нагардонанд, назди онҳо гоҳ-гоҳ пулҳои калони тоҷикию русӣ ва доллари амрикоиро шумурда монед. Беҳуда «душманро бо шакар куш» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Агар домодшаванда ҷавони ҳалолкору ҳалолхӯр, поквиҷдону покдоман ва росткору ростқавл бошад, ҳадаҳа нашавед. Беҳтараш дурустакак андеша кунеду ӯро ҳаматарафа санҷед. Дар ин замон, ки қариб ҳама ҳаромкору ҳаромхӯр ва фиребгару ришвахӯр шудаанд, оё бо он хислатҳои хуби инсонӣ, ки ӯ дорад, зиндагӣ кардан мумкин аст? Беҳуда «аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки шавҳаратон шуморо танбалу коргурез, гӯлу гумроҳ, дӯлобкору гарданғафс ва ноӯҳдабаро нагӯяд, аз рӯз-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳои аввали хонадоршавӣ корҳои миёншикани хонаро ба гарданаш монед, ки вазни таънаву маломатро базудӣ эҳсос кунад.

❂ ❂ ❂

Агар шавҳаратон маслиҳатҳои фоидабахши шуморо гӯш накунад, ё худро ба карию гунгӣ ва ба девонагӣ занад, суст наоед. Баръакс, мушт қумғон карда гӯед, ки одами бекаллаи суст аз биҳишт бенасиб мондааст.

❂ ❂ ❂

Хоҳед, ки дарди ҷонкоҳи бедармон ва оташи нафрат вуҷудатонро насӯзаду танатонро пора-пора накунад, ба шавҳаратон бевафоӣ накунед, нафс гуфта, ишқи покатонро ба пулу мол нафурӯшед. Беҳтараш бо умеди рӯзҳои нек, ҳалол меҳнат кунед. «Аз ноумедиҳо басо умед аст» гуфтаанд.

❂ ❂ ❂

Агар шумо қаду қомати зебо, мижгонҳои дарозу ҷашмони шаҳло, абрувони сиёҳу мӯйи дароз, рухсори мисли барф сафеду гесӯвони хурмоии марғуладор дошта бошеду мардум ба шумо бо ҳавас нигоҳ кунанд, хашмгин нашавед. Баръакс, табассуми малеҳатонро низ ҳадя намоед, ки шуморо фаришта гумон кунанд.

❂ ❂ ❂

Хоҳед, ки заифу нотавон ва парешонхотиру хаёлӣ нашавед, ёру дӯстон аз шумо рӯй нагардонанду ба ҳолатон нахананд, умратон дар беморхонаю маҳбас нагузарад, ба нон зор нашавед, нашъаи муҳаббатро аз нашъаи гиёҳ фарқ кунед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❁ ❁ ❁

Агар шавҳаратон бадлафзу бадзабон, бераҳму шафқат ва мағруру нописанд бошад, пеши назараш машқи муштзанию каратэ кунед. Донад, ки шумо кундаи сафедор не, одам ҳастед.

❁ ❁ ❁

Агар шумо, дар ҳақиқат, ҷавонзани оддию самимӣ, боиффат, баҳаё, боақлу бофаросат ва дорои қаду қомати зебо, ҳусни расо, мӯйҳои шабранг, чашму абрӯи сиёҳ, дидарарою чаққон, баодобу маданӣ бошеду ҷавони ба худ муносиб пайдо накарда бошед, афсӯс нахӯред, бетоқатӣ ҳам накунед. Беҳуда «сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки хушдоманатон теғи забон тез карда, шуморо дар назди ёру дӯстон ҳамчун келини гапнодаро дуои бад накунад, ман-манию нописандӣ накунед. Баръакс, мӯҳри хомӯшӣ ба лаб зада, мушфиқу меҳрубон шавед. Беҳуда «манманӣ — ин шеваи шайтон бувад» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Агар ёру дӯстон шуморо чун зани чеҳракушоду ҳалим, хушчақчақу сӯҳбаторо ва хушхулқу хушодоб таъриф кунанд, либоси ҷаҳл бадар кунеду ба даҳон як лӯнда асал партоед, зеро «Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд» гуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Рафту келинатон иғвогару теззабон, беодобу серманаҳ ва бадлафзу ҷанҷолӣ бошад, сари вақт лаҷомашро кашед, нагузоред, ки аз раҳмдилиатон истифода бурда, обрӯятонро резонаду ба саратон чормағз шиканад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки бо масхарабозию кибру ғурур ном баровварда, боиси таънаю хандаи мардум нашавед, ҳеҷ вақт сару рӯй ва мӯятонро бо рангу равған ороиш надиҳед, нохунҳоятонро дароз карда ранг намолед, либосҳои ҳарирру доманҳои кӯтоҳи сербуриш напӯшед, сигоркашию майнӯшӣ накунед, ки беҳуда «тарки одат – амри маҳол» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Пӯшидан ё кушодани дару тирезаҳои тобхӯрдаи хонаатон душвор бошаду шавҳаратон ба тармими онҳо ҳавсала накунад, ғам нахӯред, балки коре карда онҳоро шиканед. Он гоҳ шавҳаратон маҷбур мешавад, ки дару тирезаи нав шинонад.

❁ ❁ ❁

Агар завҷаатон зани каҷгарду бадрафтор, бадниёту бадахлоқ, шефтаи молу сарват, зишттабиат, ҳасудхӯру бахил, тундзабону ҷангара, фоҳишаву майпараст ва устоди макру фиреб бошаду ба насиҳат гӯш накунад, беҳтараш ҷавобашро диҳед, ки беҳуда «дарахти макри зан сад реша дорад, фалак аз дасти зан андеша дорад» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки шавҳаратон аз гапу хатти кашидаатон берун набарояд, ба ҷойи ҳазлу шӯхӣ, таънаву маломат, гапфурӯшӣ, суханони бофтаю сохта, иғвою тӯҳмат, айбмонӣ, суханпардозӣ, дӯғу даранг ва сиёсат кунед. Нагузоред, ки ӯ бо авбошону дуздон, қаллобону ҷинояткорон, бадмастону нашъамандон забон ёфта, обрӯятонро резад. Беҳуда «илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Ҳаргиз нагузоред, ки шавҳаратон аз сустиву тарсончакӣ, маъюсиву афтодарӯҳӣ, хушмуомилагиву хушсуханӣ, бошарму



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

боҳаёгӣ ва аз хушодобиву дурандешиатон истифода бурда, бо мушту лагад, дӯғу пӯписа, фиребу найранг, бадлафзиву бадзабонӣ ва шӯру мағал ҳуқуқи муқаддасатонро поймол кунад. Беҳуда «чоҳкан зери чоҳ» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Агар шавҳаратон марди гапдарову ҳалим, хушхулқу хушодоб, бенозунуз, валинеъмат, савобталаб, росткору ростқавл, поквиҷдону покдомон, ҳалолкору ҳалолхӯр, меҳнатдӯсту ташаббускор ва мушфиқу меҳрубон бошад, ҷон коҳонида либосшӯию хӯрокпазӣ ва борбардорӣ кардан шарт нест. Беҳуда «аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки хешу табори шавҳаратон тез-тез меҳмонӣ омада, шуморо нороҳат накунанд, хунатон ба теппаи сар назанад ва оташи ғазабатон аланга нагирад, паловро шӯр пазеду чойро бо хазони бед ҷӯшонед.

❁ ❁ ❁

Агар хоҳед, ки ноодамон шуморо бо бесаводиву камшуурӣ, худнамоиву фитнаангезӣ айбдор накунанд, ба даҳонатон ҷурғот хобонед. Беҳуда «даҳони баста — сад тилло» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Агар шавҳари дайдуи кӯчагардатонро тарсонидан хоҳед, «мардак, танҳои ба дилам зад, модарамро орам, ҳамроҳамон зиндагӣ кунад!» гӯед. Ана баъд дидед, ки шумо шамъу шавҳаратон дар атрофатон парвона мешавад.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки бандаи қаҳру ғазаб нашаведу ҳарифон ба саратон санги таънаву маломатро нағуронанд, паст наомада, сиёсат кунед, ки аз карда пушаймон шаванд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❁ ❁ ❁

Шавҳаратон сарашро ба сангҳо занад ҳам, ҳаргиз мошинрониро наомӯзед. Вагарна дар тӯйю маъракаҳо ӯ маст шавад, ба гарданатон ғайр аз ҳаммолию хидматгорӣ вазифаи мошинронӣ ҳам бор мешавад.

❁ ❁ ❁

Агар шавҳаратон сарватманди номӣ бошаду дар биҳишти рӯйизаминӣ зиндагӣ кардан хоҳед, на ғами корро хӯреду на ғами бепулиро. Нағз пӯшеду табъи дил истироҳат кунед. Беҳтараш дар хонаатон марди ҳаммолу хидматгорзан нигоҳ доред.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки шавҳаратон аз кӯча бо дасти холӣ наояд, ба ӯ ҳар пагоҳӣ ҳатман халтаи импортнӣ тӯҳфа кунед. Он гоҳ харид кардани маводи хӯрокаву чизҳои даркорӣ асло аз хотираш намебарояд. Беҳуда «аз дасти холӣ қаҳри фаришта ҳам меояд» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Агар бою бадавлат бошеду хоҳед, ки номвар шавед, мисли қаҳрамонҳои филми «Фариштаи бераҳм» рӯзатонро бо таъназанию ғайбат гузаронед.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки шавҳаратон шуморо самимӣ ва аз таҳти дил дӯст дораду гулдаста ва тӯҳфаҳои гаронбаҳо биёрад, нозу нуз ва эркагӣ накарда, ба ситоишаш лаб кушоед. Ҳаракат кунед, ки аз забонатон ширу шакар резад. Охир, шакар дар шир асали муҳаббат мешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❁ ❁ ❁

Агар ҳамкорон шуморо зани кордону соҳибихтисос гуфта таърифкунанд, аз худ наравед. Баръакс, ҳар рӯз ба китобхона дароед, ба ҳафтаномаву маҷаллаҳо обуна шавед. Ин даъват ба маърифат мешавад.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки аз гаронии нархи хӯроку пӯшок, доруву дармон ва барқу газ фишори хунатон баланд нашавад, инро ҳатто ба ёд наоред. Аз фикру хаёли зиёд ҳам асабҳо заифу ба бистари беморӣ афтодан мумкин.

❁ ❁ ❁

Агар барои ошкоро гуфтани айби душманонатон ҷуръат пайдо накунед, рӯҳафтода нашавед, ғусса нахӯред, дилтанг нашавед. Баръакс, фикрҳоятонро оромона ба варақе навишта, онро ба ҳарифатон чун мактуби беимзо фиристед. Бигзор онҳо мактубатонро хонда дарун-дарун сӯзанду аз ғазаб шамъ барин об шаванд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки ба доми мардони бадахлоқ афтода, дар назди фарзандонатон забонкӯтоҳу шарманда нашавед, фирефтаи забони ширину тӯҳфаҳои гаронбаҳо нагардед. Беҳуда «аз бало ҳазар» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Агар падаршӯятон сарватманд бошаду пулашро дареғ дорад, ғусса нахӯред. Дунё бо умед гуфтаанд. Донед, ки серпулҳо ҳам дар ин дунё сутун намешаванд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки ҳавои хонаву утоқи кориатон мисли биҳишт муаттар бошаду шиносу ношиносро дар олуфтагӣ як нӯл



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

занед, пулро барои атру кремҳои франсавӣ дареғ надоред. Чунон кунед, ки хонаатон дӯкони аттор шавад.

❁ ❁ ❁

Агар хоҳед, ки лаби дег банд шуда, аз тамошои филмҳои хориҷӣ дер намонед, шавҳаратонро кафлесбадаст таъин кунед.

❁ ❁ ❁

Агар хоҳед, ки ба гуноҳи азим напечед, шармандаву беобрӯй шуда, миёни гапу калоча намонед, ба фолу фолбинӣ ва илми сеҳру ҷоду тамоман бовар накунед, беҳуда пулначошед. Макру ҷоду бахт не, бадбахтӣ меорад.

❁ ❁ ❁

Рафту ягон коратон ба хушдоман ё шавҳаратон писанд наояду ба Шумо дӯғ зананд ё дашном диҳанд, гӯшатонро ба карӣ занед. Баъзан карӣ калиди дари бахт мешавад.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки дугонаҳои ҳасудатон сар ба санг зананду дудашон ба осмони ҳафтум дакка хӯрад ва аз ҳасад чун мор печутоб хӯранд, худро рӯҳафтода не, балки чеҳрахандону тӯтигуфтор ва хушхулқу хушодоб нишон диҳед. Ҷазои ҳасудхӯрон ҳамин аст.

❁ ❁ ❁

Агар одамон шуморо зани меҳнатдӯсти кордон, якқавлу матинирода ва ташаббускору масъулиятшинос гуфта иззату эҳтиром кунанд, ҷавоби ҳамвазн диҳед. Лутфу назокат, хушмуомилагӣ ва шарму ҳаё ҳусни занро дучанд мегардонанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки тоқататон тоқу косаи сабратон лабрез нашавад, ба ҳеҷ кас пул қарз надиҳед. Беҳуда «қарз миқроз аст, ки риштаи дӯстиро мебурад» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки бо гузашти умр лаҳзаҳои хуби ҳаётатон аз саҳифаҳои хотир зудуда нагарданд, онро дар авроқи китоби дили фарзандон нависед ё дар навори чашми некон акс гардонед. Ин дунёву зиндагӣ абадӣ нест. Мабод, ки дар вақти барҷомондагӣ гузаштаро ба хотир оварда, афсӯс хӯред.

❁ ❁ ❁

Агар хоҳед, ки таънаву маломати хушдоманро нашунавед, аз ҳастиву нестии рӯзгор, андӯҳу дард, ташвиши зиндагӣ ва сарсонию саргардониҳо даҳон накушоед. Беҳтараш сабр кунед. Беҳуда «сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки аз пасатон одам наафтаду сарвататонро ба яғмо набарад, либосҳои гаронбаҳо напӯшед, хонаҳои бодабдаба насозед, мошинҳои қиматро нахаред. Агар «кисаи шавҳар чи хел, сурати завҷа далел» гуфта, ҳамсаратонро гаравгон гиранд, саратонро ба куҷо мезанед?

❁ ❁ ❁

Агар шавҳаратон аз ҷиҳати сиёсӣ кӯрсавод бошад, маҷбур кунед, ки ба ҷойи бекоргардию кайфу сафо китобу рӯзномаҳо хонад, оқилу доно шавад. Нагузоред, ки бо камсаводию бемаданиятӣ обрӯятонро ба замин яксон кунад.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки бачаву набераҳоятон рафтори ношоям, ҷанҷолу хархашаи шумову шавҳаратонро дида, масхара наку-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

нанд, пеши онҳо ҳар гапро нагӯед, ёру дӯстонро таъна ва ҳамсояҳоро ганда накунед. Беҳуда «айб намон ба хешат, давида ояд ба пешат» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Агар дар вақти дарзмол кардани куртаи шавҳаратон бар асари парешонхотирӣ онро сӯзонед ё доғдор намоед, ғам махӯред. Ғаму ғусса умрро кӯтоҳу қалбро дардманд мекунад. Беҳтараш дарҳол сандуқро кушода, куртаи нав бароред. Аз куртаи нав чун аз рӯзи нав рӯҳ меболад.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки фарзандону набераҳоятон ба шумо бо чашмони саршор аз меҳру муҳаббат нигаранд, онҳоро самимӣ навозиш кунеду дӯст доред. Беҳуда «фарзанди хуб – боғу фарзанди бад – доғ» нагуфтаанд.

❁ ❁ ❁

Рафту шавҳаратон шуморо камақлу чаласавод не, оқила гӯяд, ҳар бегоҳ китоби «Ҳазору як шаб»-ро ба даст гиред. Аз тарси он, ки 1001 шаб бе хӯрок намонад, дигар лаб ба сухан намекушояд.

❁ ❁ ❁

Хоҳед, ки ба таънаи мардум намонед, ҳеҷ гоҳ аз матоъҳои арзон либос надӯзонед. Баръакс, аз матоъҳои «Арӯси нозанин», «Титаник», «Мадонна», «Ракета», «Миллионерша» либос пӯшед, ки даҳони ҳангоматалабон мисли пистаи хандон боз монад.

❁ ❁ ❁

Агар шавҳаратон бандаи нафс бошаду кор кардан нахоҳад, бар замми ин рашк ҳам кунад, паст наомада гоҳ-гоҳ «гӯр рашки сӯзону нафси бадат» гуфта овозатонро баланд карда истед, ки аз қатори одамон набарояд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ДАР ОМАДИ ГАП

Бодӣ намебуд, бо ҳар баҳона мисли кабки маст қақра намезад.

—Киҳо саргарми сӯҳбати фораму бӯсаи гарм дунёро фаромӯш мекунанд?
—Занони сабукпой.

Ишқ дар дили пок як бор шӯъла занад, дар дили нопок ҳазор бор.

Агар ғурури мардӣ медошт, ба сари завҷааш мушт намебардошт.

Инсони комил мебуд, дар дили завҷааш ошёни меҳру эътиқод мегузошт.

Аввал сабукпо, баъд сабукдӯш шуд.

Зан агар оташ намебуд, мард ҳаёташро намесӯхт.

Агар кокулони ҷонона ба гарданаш завлона намешуданд, дину мазҳабашро намефурӯхт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Киҳо бо занони бадзабону фоҳиша ва майзадаву нашъаманд умр ба сар мебаранд?

— Мардони дӯзахӣ.

Шӯрандозӣ намекард, шӯрбахт намешуд.

Беҳаё намебуд, бешавҳар намемонд.

Агар занашро «Моҳтоб» намегуфт, ба сараш намебаромад.

— Бозсозӣ киҳоро ба корҳои тиҷорат бештар фаъол кард?

— Занҳоро.

Муҳаббаташ ҳақиқӣ мебуд, нонпулии кӯдак ба гарданаш занҷирбанд намешуд.

Агар ситораи занашро бо ситораи осмон андоза намегирифт, хонавайрон намешуд.

— Киҳо аз паси қаллобию даллагӣ нон мехӯранд?

— Бешарму иффатгумкардаҳо.

Меҳру шафқат медошт, зӯр ба зан нишон намедод.

— Ту чӣ хел мард, ки дили занатро ёфта наметавонӣ?

— Дудила бошад, чӣ кор кунам?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агар арӯси хона ҳам фарзанд бошад, хушдоман чӣ даркор?

— Ба ту кадом хислатҳои зану хушдоманат писанд нест?
— Молпарастиашон.

— Киҳо ба қадри зани хуб намерасанд?
— Номардон.

— Барои чӣ занатро меҳрубонона намебӯсӣ?
— Намехоҳам, ки одамон лабу рӯямро дида, маро устои рангуборчӣ гӯянд.

Агар ҳерахунук намебуд, ба навои лабчанги зану хушдоман намерақсид.

Лаганбардор танбеҳ гирифт: барои сари вақт тоза накардани туфлии зани сардор.

Ҷанҷоли келину хушдоман аввал дораду охир не.

— Киҳо ба дил ҳисси рашку ҳасадро ҷой медиҳанд?
— Нобакорон.

Агар бадхӯ намебуд, мисли мори афъӣ заҳр намезад.

Танфурӯшӣ намекард, дар мавҷи дарёи зиндагӣ ғарқ намешуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Барои бахту саодати арӯс не, барои соҳиб шудан ба сармояи падару модараш издивоҷ кард.

Агар ҳамсояҳоро дар равғани худашон бирён кардан хоҳед, ҳар рӯз ранг ба ранг либос пӯшед.

Агар чашмгурусна намебуд, барои наберaю аберaҳо сармоя ҷамъ намекард

Сохтаро намесӯхтанд, аз хокистараш дузду мардумфиреб, авбошу ғоратгар, фоҳишаву далла ва нашъаманду нашъаҷаллоб намесохтанд.

Агар келину хушдоман рӯйканию мӯйканӣ намекарданд, онҳоро актрисаҳои мелодрама намегуфтанд.

Бадрафтор намебуд, айшу ишрат гуфта, бадном намешуд.

Фарзандашро дӯст медошт, дуои бад намекард.

Зани рӯбоҳмиҷоз намебуд, маккориаш ошкор намешуд.

Агар зан номуси миллат бошад, фоҳиша кист?

— Киҳо ба никоҳи духтарони ноболиғ даст мезананд?
— Муллоҳои беимоне, ки аз дасти навбойҳо шароб хӯрдаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зани ҳалолкор мебуд, хонаашро файзу баракат тарк намекард.

Хасис намебуд, қалин гуфта, ба бахти духтараш зомин намешуд.

Агар сарвари оила буданашро ҳис мекард, коргурезу шикампарвар намешуд.

Аламзадаҳо барои он ҳасади карҳоро мехӯрданд, ки ҷанҷоли занашонро намешунаванд.

Бо сардор хӯрокҳои лазиз хӯрда, пухтаи занашро наҳ мезадагӣ шуд.

Агар нигоҳи оташбор ҷисму ҷонашро ба ларза намеовард, ақлаш гум намешуд.

— Киҳо ба зани худ хиёнат намекунанд?
— Мардони асил.

Ору номус медошту аз қонун метарсид, даллагӣ намекард.

— Дар давраи бозоргонӣ занҳо бештар латта мефурӯшанд. Чаро?
— Чунки қисме аз мардҳо латта шудаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агар занашро ҳама ҷо таъриф намекард, хоки пеши ҷорӯби ӯ намешуд.

— Ба зан ҳам асрори дил гуфтан мумкин?
— Мумкин, ба шарте ки аз оилаи шақшақаҳо набошад.

— Ту чӣ хел инсон, ки бо занат оромона гап зада наметавонӣ?
— Барои он, ки гап сар накарда, ба даҳонам мезанад.

— Киҳо бо нозу нуз дилро пораву кисаро холӣ мекунанд?
— Раққосаҳои тӯйгард.

Агар ба пуф маътал намебуд, ба гапи муқаррарӣ ҳам қиқирос зада намехандид.

Аз марди лафзаш ноустувор зани лаққӣ беҳ.

Афташ не, худаш мард мебуд, занашро сипар намекард.

Аз дӯсти ноӯҳдабаро душмани ӯҳдабаро беҳ гуфта, бо ҳаннот қудо шуд.

Агар занашро «ҳусну ҷамолат ба хироҷи як мамлакат меарзад» гуфта таъриф намекард, ба роҳи фитнаву фиреб намедаромад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бадафту андом бошед, ба оина нигоҳ кардан шарт нест.

Ноасл намебуд, ба ҳамсараш бевафоӣ намекард.

— Киҳо ба таксӣ ҳуқуқи бепул савор шуданро доранд: нафақахӯрон, собиқадорони ҷангу меҳнат ё занҳои ҳомиладор?
— Муштзӯрон.

Агар дар оила оташи макр забона намезад, хонааш намесӯхт.

Иродааш мустаҳкам мебуд, гирифтори васвасаи шайтон намешуд.

Қонун амал мекард, одамфурӯшӣ авҷ намегирифт.

Масти лояқил намебуд, дар хона пеши зану фарзандонаш чун хар ҳангос намезад.

Агар ба зани дигарон шаҳватомез нигоҳ намекард, занаш бо дигаре намерафт.

Шӯрандоз занашро чунон ситоиш кард, ки ба гуфтаҳои худ бовараш наомад.

Агар нафсашро саришта карда метавонист, фоҳиша намешуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Киҳо қасди ҳамёну ҷон мекунанд?
— Занони бадкирдор.

— Дарди зани бадлафзро бо чӣ табобат кардан мумкин?
— Бо сукуту беэътиноӣ.

Агар фарзандонашро дар рӯҳияи танбалӣ ва ҳаромхӯрӣ тарбия намекард, ба сараш бало намехарид.

Аз зебоиаш намефахрид, шавҳари панҷум ҳам аз баҳраш намебаромад.

Рашк оташи сӯзон намебуд, Фарҳод аз ғами Ширин хокистар намешуд.

Агар зани поку беолоиш ва бошарму ҳаё мебуд, хиёнаткор намегуфтанд.

Пойи сабукро бо домани дароз панаҳ кардан маҳол аст.

— Киҳо ба доду вой ва ҷанҷолу хархашаи занҳо парвое надоранд?
— Карҳо.

Агар мисли зан раҳму шафқат медошт, ба ҳар кас дандон тез намекард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гандагардӣ намекард, зану фарзандонаш рӯй намегардонданд.

Агар молро аз ҷон фарқ мекард, ҳусну ҷамолашро дар бозор намефурӯхт.

Аз табассуми малеҳ лаззат бурдан хоҳед, ба завҷаатон дирам не, доллар диҳед.

— Дар сӯҳбати киҳо сухани хотимавӣ нест?
— Занҳо.

Агар арӯсу хушдоман мисли модару духтар мебуданд, рӯяшон ба якдигар хунук наметофт.

Бероҳа намебуд, ба пайраҳаи марди зану фарзанддор намерафт.

Тамаъкор намебуд, ба ёди шири мурғу пойи мор тан намефурӯхт.

Агар ба рӯзгори зану шавҳар шайтон ҳамроҳ намешуд, оилаи тифоқ вайрон намегардид.

Аз бало ҳазар гуфта, назди хушдоман даҳон мебаст.

Занмиҷоз намебуд, занаш гардансавор китфашро захмӣ намекард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❧ ❋ ☙

Агар аз хати кашидаи занаш намебаромад, аз курсӣ намефаромад.

❧ ❋ ☙

Хислати мардӣ надошта бошед, даҳонкалонӣ чӣ даркор?

❧ ❋ ☙

Ақл медошт, ба ёди зани бегона девона намешуд.

❧ ❋ ☙

Агар ба мазмуни мақоли «кӯр асояшро як бор гум мекунад» дуруст сарфаҳм мерафт, се бор хонадомод намешуд.

❧ ❋ ☙

Бешарму ҳаё намебуд, бозичаи дасти дигарон намешуд.

❧ ❋ ☙

Беобрӯй шудан нахоҳед, ба миёни ҷанҷоли зану шавҳар надароед.

❧ ❋ ☙

Аз фарзанди ноаҳл бӯи бахт не, бадбахтӣ меояд.

❧ ❋ ☙

Ба духтар маъқул шавам гуфта, гулзорро поймол кардан шарт нест.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ҚАРИБ БУД, КИ...

... падару модари чизпараст паридухтарашонро ба домани ҷаннат не, ба бағали дӯзах партоянд.

✵ ✵ ✵

... майзада дар мастӣ асрори оиларо фош кунад.

✵ ✵ ✵

... сардор барои шилқинӣ аз котиба шаллоқ хӯрад.

✵ ✵ ✵

... аз таҳқири хушдоману шавҳар ҷони арӯси нозанин ба лаб ояд.

✵ ✵ ✵

... зани муштипар ҳам ба сари шавҳари майзадаву бекорхӯҷааш мушту калтак бардорад.

✵ ✵ ✵

... дар вуҷуди нокасон ҳам эҳсоси одамгарӣ ҷӯш занад.

✵ ✵ ✵

... сардор пишаки маҳбубаашро «пишт» гуфта, ба тӯҳмат гирифтор шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

✵ ✵ ✵

... булҳавас аз лутфи зани соҳибҷамол болида, бо овози баланд фарёд занад.

✵ ✵ ✵

... айбу айбмонӣ аз байни занони мӯдпараст бардошта шавад.

✵ ✵ ✵

... барои бо хонаю ҷой таъмин кардани оилаҳои мӯҳтоҷӯ камбизоат сохтмони биноҳои нотамомро тезонанд.

✵ ✵ ✵

... сарватманди ҳавобаланд дар оташи ишқ сӯхта, дороиашро нисори қудуми фоҳиша кунад.

✵ ✵ ✵

... коргурез қиёматро пеши дар оварда, хушдоманашро тарсонад.

✵ ✵ ✵

... ҷавони танбал аз байту ғазали ҳамсараш безор шуда, зери домони духтари ҳамсоя паноҳ ёбад.

✵ ✵ ✵

... аз серпулӣ чоҳи сари роҳ барои сарватманди навкиса холи лаби ёр тобад.

✵ ✵ ✵

... навҳаи ҷонхароши зиндаятимон пардаи шабро бидарад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

... хушдоманҳо нисбати келину домод ширинзабону меҳрубон шаванд.

* * *

... аз занҳои гандагарду бадахлоқ ҷарима ситонанд.

* * *

... мардони бадахлоқ аз калимаи «занбоз» қимоб шаванд.

* * *

... домоди буздил аз дӯғу даранги хушдоман талхакаф шавад.

* * *

... келини баҳонаталаб аз чаҳ-чаҳи балбул тарсида, аз худ бе худ шавад.

* * *

... ноҷавонмардон ҳам ба қадру қимати зан расанд.

* * *

... танфурӯшон аз зӯри ғаму ғусса хун партоянд.

* * *

... аз ашки шашқатору нолаҳои ҷонгудози модару кӯдак дили санг ҳам об шавад.

* * *

... аз барномаҳои телевизион филмҳои таҷовузу муштзӯрӣ ва фаҳшкориро тамоман бардоранд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

✲ ✲ ✲

**...** зани ҷанҷолӣ дар намоишнома нақши маймунро бозад.

✲ ✲ ✲

**...** касофати зани маккора ба фарзандонаш занад.

✲ ✲ ✲

**...** аз мағали ҳамсар ҷони танбал ба лаб ояд.

✲ ✲ ✲

**...** курсинишинони серпулро барои бисёрзанӣ аз мансаб ронанд.

✲ ✲ ✲

**...** занони ҳасадхӯр дар оташи кинаву адоват сӯхта хокистар шаванд.

✲ ✲ ✲

**...** аз нолаи най дили сангини хушдоман ҳам об шавад.

✲ ✲ ✲

**...** зани далла аз карда пушаймон шуда, ангушти тавба газад.

✲ ✲ ✲

**...** бозори танфурӯшон ҳам касод шавад.

✲ ✲ ✲

**...** домод аз суханони нешдори зану хушдоман девона шуда, худро зери мошин андозад.

✲ ✲ ✲

**...** аблаҳ барои хиёнат ва бевафоӣ аз занаш бахшиш талабад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

✵ ✵ ✵

... барои айбҷӯию гапчинӣ ба сари ҳамсоязанҳо оби ҷӯш резанд.

✵ ✵ ✵

... булҳавас аз ишқи деромад шамъ барин об шавад.

✵ ✵ ✵

... аз таърифи домод чеҳраи хушдомани ҷанҷолӣ кушояду ду рухаш чун садбарги сурх шукуфад.

✵ ✵ ✵

... ба решаи қотилону ғоратгарон ва нашъамандону танфурӯшон намак резанд.

✵ ✵ ✵

... давлатмандони босавлат оилаҳои камбизоатро ба шефӣ гиранд.

✵ ✵ ✵

... ғоратгарон ба садоқат, мурувват ва саховат бо дили соф назар кунанд



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ХОҲЕД, КИ...

**...** аз қиёмат фирор кунед, рақами телефони хонаатонро ба зани бегона диҳед.

◈ ◈ ◈

**...** ба қадри зиндагӣ расед, ба ранҷу дард тоб оред.

◈ ◈ ◈

**...** замин зери поятон гирд нагардад, гапи хушдоманро нагардонед.

◈ ◈ ◈

**...** бефаҳму бетамиз нагӯянд, гапро чун рӯдаи гов кашол надиҳед.

◈ ◈ ◈

**...** зери таъна намонед, лӯхтаки дасти номардон на-шавед.

◈ ◈ ◈

**...** аз зиққӣ диққи нафас нашавед, на ғами корро хӯреду на ғами рӯзгорро.

◈ ◈ ◈

**...** ба саратон бало нахаред, бо ғайбатчӣ қудо нашавед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

◈ ◈ ◈

... чашми тару дили пурғам насибатон набошад, бо занони ҳаромхӯр дӯстӣ накунед.

◈ ◈ ◈

... ба дӯшатон кӯҳи ғаму андӯҳ наафтад, ба бозори нашъаву фоҳишаҳо қадам нагузоред.

◈ ◈ ◈

... ҳамсояҳо аз шумо тарсанд, шабу рӯз ба зану бачаҳоятон дуғу пӯписа кунед.

◈ ◈ ◈

... хархашаи хурди оилавӣ ба ҷанҷоли калон табдил наёбад, аз пашша филу аз мӯрча паланг насозед.

◈ ◈ ◈

... гулхани муҳаббататон хомӯш нагардад, нисбати якдигар меҳрубон бошед.

◈ ◈ ◈

... ба дилатон мурғи ҳузну ҳасрат лона насозад, пеши пойи дигарон дом нагузоред.

◈ ◈ ◈

... ҷаҳони равшан ба чашматон тангу тор ва бефайз нанамояд, китобро чун дастархон кушоед.

◈ ◈ ◈

... вуҷудатонро ғаму андӯҳ бо панҷаҳои оҳанинаш нафишорат, ба зани ҷанҷолӣ нахандед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

◈ ◈ ◈

**...** аз талхии ҳаёт пажмурдаву дилшикаста нашавед, ширин кардани талхро ёд гиред.

◈ ◈ ◈

**...** дар чеҳраи завҷаатон гули хушнудӣ шукуфад, айбҷӯӣ накунед.

◈ ◈ ◈

**...** дилатон бо шавқи зиндагӣ ва суруду шодмонӣ лабрез бошад, дари ғаму ғуссаро ба рӯйи оила бандед.

◈ ◈ ◈

**...** кордатон болои равған бошаду ҳаёти хуб насибатон гардад, ба духтари сарватманд издивоҷ кунед.

◈ ◈ ◈

**...** арӯсу домод наранҷанд, ба таги тирезаашон лангар напартоед.

◈ ◈ ◈

**...** занҳо ба ҳолатон наханданд, ноз накунед, ки ноз ба зан мезебад.

◈ ◈ ◈

**...** баҳори дилатон ба хазон табдил наёбад, ба дӯстдоштаатон доимо аз боби садоқат ва меҳру муҳаббат ҳарф занед.

◈ ◈ ◈

**...** аз қавоқи хушдоманатон барфу борон наборад, ба лаб мӯҳри хомӯшӣ занед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

◈ ◈ ◈

**...** дар назди ёру дӯстон хор нашавед, аз худ кибру ғу-рурро дур кунед.

◈ ◈ ◈

**...** аз азобу машаққат шамъ барин об нашавед, ишқро бозичаи дасти кӯдак надонед.

◈ ◈ ◈

**...** зандагӣ  шуморо ба комаш фурӯ набарад, аз пастию баландиҳояш наҳаросед.

◈ ◈ ◈

**...** ғуломи лашкари ишқи зани бадахлоқ нашавед, таро-зуи ақл аз пеши назар дур мадоред.

◈ ◈ ◈

**...** аз карда пушаймон нашавед, ба ҳар зан дасти ману домани ту нагӯед.

◈ ◈ ◈

**...** завҷаатон нисбати шумо беэътино набошад, хона на-шинед.

◈ ◈ ◈

**...** домани покатон олуда нагардад, бо мардони маккор ҳамсӯҳбат нашавед.

◈ ◈ ◈

**...** бемори бистарӣ нашавед, ба чизу чораи дунё дил на-бандед.

◈ ◈ ◈

**...** аз шавҳаратон шатта нахӯред, аз гуфтани суханони қабеҳу заҳрдор худдорӣ кунед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

◈ ◈ ◈

... пеши завҷаатон нописанд нашавед, аз қиматии бозор шикоят накунед.

◈ ◈ ◈

... фиғонатон ба фалак напечад, бо марди занбоз ҳамхона нашавед.

◈ ◈ ◈

... миёни ду санги осиё гард-гард нашавед, бо зану хушдоман моҷаро накунед.

◈ ◈ ◈

... зару зеваратонро ба яғмо набаранд, беҳуда ҷон накоҳонед.

◈ ◈ ◈

... байни шумою дӯстдоштаатон хаёли ботил реша нагирад, бадрашкӣ накунед.

◈ ◈ ◈

... пеши хушдоманатон иззату эҳтиром дошта бошед, соле дувоздаҳ бор рӯзи таваллудашро кайд кунед.

◈ ◈ ◈

... дар кафани ғам напечеду аз зиққӣ намуред, дар корхона бо сардору дар хона бо шавҳаратон гапгузаронӣ накунед.

◈ ◈ ◈

... коматон шаҳду лабатон шакар бошад, бо ҷавони асалфурӯш издивоҷ кунед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

◈ ◈ ◈

**...** хонавайрон нашавед, ба пулу доллар ва зару зевар одат накунед.

◈ ◈ ◈

**...** талху пичингҳои завҷаатонро нашунавед, ба ӯ тез-тез яхмос харида диҳед.

◈ ◈ ◈

**...** маҳбубаатон ба шумо бовар кунад, гул не, тӯҳфаҳои гаронбаҳо диҳед.

◈ ◈ ◈

**...** рӯзгор шуморо мисли баҳри пуртуғён фурӯ набарад, барои сарват худро ба ҳар кӯчаву бозор назанед.

◈ ◈ ◈

**...** ба бало намонед, даҳони бачаро ба ҳалво одат накунонед.

◈ ◈ ◈

**...** дудатон ба фалак дакка назанад, дар интихоби арӯс санҷидакор бошед.

◈ ◈ ◈

**...** фарзандонатон дар назди мардум сархам нашаванд, гандагардӣ накунед.

◈ ◈ ◈

**...** ба қарз нағӯтед, ба шаҳват ва айшу ишрат дода нашавед.

◈ ◈ ◈

**...** зери чашми занҳои чизпараст намонед, дар ҳузурашон пулу долларҳоятонро нашуморед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

◈ ◈ ◈

... бахту саодат аз хонаатон рахт набандад, умрро бо майзадагиву нашъамандӣ ва беҳудагардӣ нагузаронед.

◈ ◈ ◈

... ашк бари рухсоратонро доимо нашӯяд, фарзандро эрка накунед.

◈ ◈ ◈

... ба саратон санги тӯҳматро бор накунанд, аз котиба боло нашинед.

◈ ◈ ◈

... зиндагиатон хушу хуррамона гузарад, мафтуни ҷамоли ҳар гул нашавад.

◈ ◈ ◈

... завҷаатон пардаи гӯшатонро таблак накунад, даҳоняла нашавед.

◈ ◈ ◈

... дунё ба назаратон аз зулмот ҳам сиёҳтар нанамояд, бо зани бадахлоқ ҳамнишин нашавед.

◈ ◈ ◈

... бахтатон хандад, ишқи покро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт кунед.

◈ ◈ ◈

... дар кашидани бори гарони зиндагӣ танҳо намонед, бо шавҳар хархаша накунед.

◈ ◈ ◈

... зиндагиатон ширин бимонад, ба ҳаромкорӣ даст назанед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

◈ ◈ ◈

**...** қиссаи талхи рӯзгоратонро шамол ба даҳони даси-сабозон набарад, чун сабӯс сабук нашавед.

◈ ◈ ◈

**...** мисли сагу гурба аз ҳам гурезон нашавед, ба гапи фол-бину ҷодугар гӯш надиҳед.

◈ ◈ ◈

**...** завҷаатон фарёд бардошта, ҳамсояҳоро нороҳат на-кунад, бароящ роботи хонарӯбу ошпаз харед.

◈ ◈ ◈

**...** аз ҳайбати зан дар баданатон ларза наафтад, худро дар пӯсти шер тасаввур кунед.

◈ ◈ ◈

**...** аз саратон борони ғаму андӯҳ нарезад, бо шавҳару хушдоман дилсиёҳӣ накунед.

◈ ◈ ◈

**...** дар зиндагӣ сарсабзу хуррам ва соҳиби оилаи тифоқ бошед, дар интихоби ёр ба хато роҳ надиҳед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтор........................................................................ 3

Ҳаҷвияҳо........................................................................... 5

Латифаҳо ...................................................................... 52

Маро мешунавед, хонумҳо?...............................................107

Дар омади гап...................................................................120

Қариб буд, ки… ...............................................................130

Хоҳед, ки… .......................................................................135

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Сафо Ҳалимӣ*

# МАРО МЕШУНАВЕД, ХОНУМҲО?

*(насри ҳаҷвӣ)*


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | ***Ховари Абулҳай*** |
| Муҳаррири саҳифабанд | ***М. Саидова*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***Ш. Сангинмуродов*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |

Ба матбаа 25.10.2004 супурда шуд. Ба чоп 07.12.2004 имзо шуд. Андозаи 60х84$^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 9,0. Адади нашр 400 нусха. Супориши №34/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти *«ЭҶОД»* чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.


*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*